Кумитаи оид ба корхои дин, танзими анъана ва чашну маросимхои миллии назди Хукумати Чумхурии Точикистон
Комитет по делам религии, упорядочению национальных традиций торжеств и обрядов при Правительстве Республики Таджикистан
№9, СЕНТЯБР 2015
WWW.DIN.TJ

# ДИН ВА ҶОМЕА

мақаллаи илмӣ, динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ

# РЕЛИГИЯ И ОБЩЕСТВО

Научное, религиозное и социально-культурное издание



## 24-умин СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«ДИН ВА ҶОМЕА»
МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, ДИНӢ ВА ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ

«РЕЛИГИЯ И ОБЩЕСТВО»
НАУЧНОЕ, РЕЛИГИОЗНОЕ И СОЦИАЛЬНО - КУЛЬТУРНОЕ ИЗДАНИЕ

САРМУҲАРРИР:
Мавлон МУХТОРОВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Марҳабо Ҷабборӣ
Абдуҷаббор Раҳмонзода
Сулаймон Давлатзода
Саидмурод Фаттоҳзода
Одинашоҳ Ализода
Ҷумъахон Ғиёсов
Азизулло Мирзозода
Файзулло Баротзода
Кароматулло Олимов
Абдураҳим Холиқзода
Саидмукаррам Абдуқодирзода
Тоҷиддин Асомуддинзода

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Умриддин ЮСУФӢ
(ҷонишини сармуҳаррир)
Афшини МУҚИМ
(котиби масъул)
Ато Ҳамдам
Муҳаммадшариф Бобошоҳзода

ТАРРОҲ:
Ҷаҳонгири СУЛТОН




# МУНДАРИҶА

4 СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАХШИДА БА 700-СОЛАГИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

8 ПАЁМИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ СОЛГАРДИ 24-УМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

10 ПАЁМИ ТАБРИКИИ САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

12 АКБАРИ ТУРСОН: ОБ АГАР САДПОРА ГАРДАД...

15 АСОМУДДИНЗОДА Т.И.: ВАСИЯТҲО АЗ ИМОМИ АЪЗАМ

18 ЛАТИФОВ ДЖУРА: ВОВЛЕЧЕНИЕ МОЛОДЕЖИ В РАДИКАЛЬНОЕ ДВИЖЕНИЕ "ИСЛАМСКОГО ГОСУДАРСТВА" И РОЛЬ СЕМЬИ В ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИИ

21 ҚУРБОНОВ ПИРАЛӢ: НАҚШИ ЗАН ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

23 Н.НАЗАРОВ, Ш.МУРОДАЛӢ: МАСҶИД ДАР ИСЛОМ

26 АБДУҒАФФОР ЮСУФОВ: ШУКРИ АМОНИИ ВАТАН

28 САИДМУКАРРАМ АБДУҚОДИРЗОДА: ОҚИЛ ҲАМОНЕСТ, КИ АЗ СУДУ ЗИЁНИ ДИГАРОН ПАНД БИГИРАД...

30 САИДАЛӢ САИД: ТАФСИРИ "ЗАРНИГОРИ ВАЛӢ"

# ОБУНА–2016

ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!
ҲОЛО МАЪРАКАИ ОБУНАИ МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, ДИНӢ ВА ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГИИ "ДИН ВА ҶОМЕА" БАРОИ СОЛИ 2016 ОҒОЗ ГАРДИДААСТ. ОБУНА ГАРДИДАН БА МАҶАЛЛА МАЪНИИ ОНРО ДОРАД, КИ ШУМО ҲАР МОҲ МАВОДИ МУФИДУ ХОНДАНБОБ, МАҚОЛАҲО РОҶЕЪ БА МАСОИЛИ МУХТАЛИФИ ДИНИВУ МАЗҲАБӢ, МАТЛАБҲОИ ҶОЛИБУ ФАРОГИРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГИРО ДАСТРАС ХОҲЕД КАРД.НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА БАРОИ ЯК МАҶАЛЛА БО ДАРНАЗАРДОШТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА 192 СОМОНИРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД.

Суратҳисоби бонкии мо: БДА ҶТ "Амонатбонк" Рамзи бонк: 350101626 РМА: 010084545
Суратҳисоб: 20202972900955101000 Ҳисоби корпардозӣ: 20402972316264


32 ВАҲҲОБ НАБИЕВ: АҲДШИКАНӢ - ҲАМРАДИФИ ПАРОКАНДАГӢ

35 ХОҶАМИРОВ ХОҶААМИР: ҚУРЪОН - КИТОБИ МУҚАДДАСИ МУСУЛМОНОН

37 ТАДЖИДДИН МАРДОНИ: ИССЛЕДОВАНИЕ ПО ИСТОРИИ АРАБОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ИНДИИ

39 ОЛИМОВ ФАРРУХУЛЛО: ҚОНУНИ ТАНЗИМ ДАР АМАЛ

41 ФОТЕҲИ АБДУЛЛОҲ: ҲАКИМ АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ МОРО ИТТИҲОД МЕБАХШАД

44 ҲАСАН ДАВЛАТОВ: ШОИРОНИ ҲИСОРӢ ДАР ТАЗКИРАҲОИ АДАБӢ

46 ҲАСАН ЮСУФИ ФАЙЗБАХШ: ТАНТАНАИ ИСТИҚЛОЛ

47 БОЗОР СОБИР: АЗ ХУНИ СИЁВУШЕМ...

48 ҲАҶ-2015: САФАРИ БЕШ АЗ 6 ҲАЗОР ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ АДОИ ФАРИЗАИ ҲАҶ

50 БИОМӮЗЕМ, ТО БИОМӮЗОНЕМ

51 ДАВЛАТ САФАР: ШАБ ДАР ВАТАН РӮЗ АСТ



Нишонӣ: 734013 ш. Душанбе,
хиёбони Лоҳутӣ, 14. Тел: 227-25-18.
Почтаи эл: din.tj@mail.ru

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 08.05.2014 таҳти №190/ МҶ ба қайд гирифта шудааст. "Дин ва ҷомеа" на ба ҳамаи афкори муаллифон мувофиқ буда, маводу назарҳои мухталифро ба хотири гуногунандешӣ чоп мекунад. Масъулияти саҳеҳии арқом, санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Нашри матолиби "Дин ва ҷомеа" танҳо бо ризоияти хаттии идораи он мумкин аст. Таълифот набояд аз 6 саҳифаи компютерии ҳуруфи андозаи Arial tj ва Times New Roman Tj зиёд бошад. Маводи воридшуда ва аксҳо баргардонида намешаванд.
Маҷалла бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Ба чопаш 29.09.2015 имзо шуд. Андозаи 60х841/8. Коғази ҷилодор. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 6,5. Теъдоди нашр 5000 нусха. Супориши №365.

Дар матбааи
ҶДММ "Андалеб Р"
нашр шудааст.
734036, ш. Душанбе,
кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 233-17-17.
E-mail: andaleb.r@mail.ru



# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАХШИДА БА 700-СОЛАГИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони арҷманд!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Нахуст аз ҳама, кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва шумо, ҳозирини арҷмандро ба муносибати таҷлили 700 - солагии шоир ва мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалӣ оид ба шинохти шахсият ва мақому мартабаи ин орифи равшанзамир самимона табрик намуда, ҳузури олимону донишмандонеро, ки бо мақсади ширкат дар ин ҳамоиши илмӣ аз дуру наздик ба кишвари мо ташриф овардаанд, хайрамақдам мегӯям.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо осори гаронбаҳои худ, ки асоси онҳоро дарки дурусти масъалаҳои фалсафию ҳикмат ва ахлоқу адаб ташкил медиҳанд, дар тамаддуни Шарқ мақоми барҷаста дорад.

Вай, пеш аз ҳама, мақому манзалати инсонро ҳамаҷониба таҳқиқ карда, нақши ӯро дар ташаккул ва густариши амалҳои солеҳу созанда басо пурарзиш донистааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо кӯшиши зиёди падари бузургвораш, ки яке аз шахсони бонуфуз ва соҳибмаърифати замон ба ҳисоб мерафт, аз овони хурдӣ ба омӯхтани Қуръон, илмҳои сарфу наҳв, шариат, калом, ҳикмат, ҳисоб, риёзӣ ва қироат машғул шуда, аз бузургтарин уламо ва донишмандони давр сабақ гирифтааст ва соҳиби донишу фазилат ва ҷаҳонбинии васеъ гардидааст.

Ҳамин дониши васеъ ба ӯ имкон додааст, ки дар давоми умри бобаракати худ аз рӯи баъзе сарчашмаҳо 70 ва тибқи ахбори дигар 146 рисолаи хурду бузурги фалсавию адабӣ таълиф намояд, ки ба масъалаҳои муҳимми фалсафӣ, тасаввуф, чараёнҳои он ва дигар масъалаҳои арзишманди ахлоқиву маънавӣ бахшида шудаанд.

Донишу маърифати пурвусъати Амири Ҳамадонӣ номи ӯро дар як давраи кӯтоҳ шуҳратёр намуд ва ақидаҳои вай дар тамоми қаламрави Эрон, як қисми Ҳиндустон, Покистон ва Арабистон паҳн гардида, дар ин кишварҳо мактабҳои бузурги пайравони ӯ таъсис ёфтанд.

Шогирдону тарафдорони ин орифи покзамир биниши назарӣ ва ақидаҳои ирфонии ӯро такмил дода, мақом ва номи ӯро боз ҳам машҳуртар гардонидаанд.

Шуҳрат ва мақоми бузурги Ҳамадонӣ Хуросону Мовароуннаҳрро низ фаро гирифта, баъди мусофираташ ба Машҳаду Ҳирот, Балх ва Хатлону Бадахшон дар ин ҷойҳо дилбохтагону муридон ва ҳамсафони зиёде пайдо менамояд.

Амири Ҳамадонӣ баъди сафар ба диёри мардуми меҳмоннавоз ва фарҳангпарвари Хатлон, вохӯриву суҳбатҳо бо табақаҳои мухталиф ва шиносоиаш бо сокинони шаҳри бостонии Кӯлоб дар ин макон маҳбубияти боз ҳам бештар пайдо карда, ин ҷойро ҳамчун маркази таблиғи ақидаҳои ирфонии худ интихоб менамояд ва чанд муддат дар ин ма-

кон ба корҳои таълимиву маърифатӣ машғул мегардад.

Сипас, боз ба мусофират баромада, дар шаҳру вилоёти мухталиф бо орифону донишмандони зиёде вохӯрӣ ва баҳсҳо ороста, дар музофоти Кунари Афғонистон вафот мекунад ва шогирдону муридони содиқи вай тибқи васияташ ҷасади ӯро ба Кӯлоб меоранд ва дар ин шаҳр ба хок месупоранд.

Аз соли 1386, яъне аз охири асри XIV то ба имрӯз шаҳри Кӯлоб ва мардуми тоҷик манзили охирати ин бузурги Машриқзаминро гиромӣ дошта, ба шахсият ва осораш эҳтирому эътиқоди хоса мегузоранд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо фазилатҳои неки инсонӣ ва дониши васеи худ дар сарзамини тоҷикон тарафдорон ва шогирдони зиёде пайдо намуда, дар тарбияи онҳо нақши сазовор гузоштааст ва ба ин васила номи худро дар хотираи таърихии халқи тоҷик ҷовидон гардонидааст.

Пеш аз истиқлолияти давлатӣ ба шахсият ва осори Амири Ҳамадонӣ як гурӯҳи хурди олимон ва донишмандон шиносоӣ доштанд.

Аммо баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва бо ташаббуси Ҳукумат доир гардидани ҷашни 680 - солагӣ ва имсол 700 - солагии ин шахсияти бузург номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вирди забони хурду бузург шуда, мақому мартабааш шуҳрати арзандаву сазовор пайдо кард.

Имрӯзҳо осори ӯ ба забонҳои мухталифи дунё чоп шуда, ақидаҳои инсондӯстонааш писанди дӯстдорони ҳикмату адаб ва ирфону тасаввуф гардидаанд, ки иштироки олимони чандин кишвари дунё дар ҷашнвораи имрӯза далели гуфтаҳои болост.

Имрӯз дар доираи ҷашни 700 - солагии ин алломаи бузурги илму ирфон дар Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ Намоишгоҳи панҷуми байналмилалии "Китоби Душанбе" ифтитоҳ гардид.

Дар ин намоишгоҳ 47 нашриёт, аз ҷумла 8 муассисаи нашаротии хориҷӣ зиёда аз 6 ҳазор номгӯи китобҳои тозанашрро ба теъдоди 50 ҳазор нусха пешкаши дӯстдорони илму фарҳанг намудаанд.

Амири Ҳамадонӣ дар шинохти назарияи маърифат ва тариқат ислоҳоти куллӣ ворид намуда, дар ин ҷода дараҷаи ҳакими беназирро соҳиб гардидааст.

Ӯ дар заминаи ин биниши фалсафӣ ба моҳият ва ҳақиқати умри инсонӣ баҳои сазовор дода, роҳҳои расидан ба саодати дунявиро равшан намудааст.

Махсусан, дар рисолаҳои "Кашф-ул-ҳақоиқ", "Қуддусия", "Шарҳи фусус-ул-ҳикам", "Рисолаи ақлия", "Рисолаи вуҷудия", "Рисолаи маърифати нафси инсонӣ" ва осори дигараш ақидаҳои фалсафии худро дарҷ намуда, сифатҳои поку ҳамидаи инсонро ҳамчун меҳвари коинот тавзеҳ додааст.

Ба қавли Амири Ҳамадонӣ инсон ягона махлуқест, ки аз фазилати нутқ, ақл ва илм бархурдор мебошад.

Дуруст ташаккул додани ин фазилатҳо, ба пиндошти ӯ, одамро ба мартабаи хирадмандиву бузургӣ расонида, нерӯ ва қобилияти рӯҳиву равонии инсонро ташаккул медиҳад.

Маърифат барои Ҳамадонӣ воситаи ба даст овардани илму дониш, малакаву маҳорат, завқу истеъдод ва шуҷоату қаноат, инчунин пояи сабру эҳсон ва зуҳду тавба дар роҳи тариқат мебошад.

Ӯ бе сайри водии маърифат ба мақоми тариқат расиданро номумкин дониста, ғояти камолоти инсонро дар ин манзил мебинад ва аз ин роҳ ақидаҳои тасаввуфии худро тавзеҳ дода, ғояи фалсафии ваҳдати вуҷудро мукаммал мегардонад.

Амири Ҳамадонӣ андешаҳои ирфонии худро бо таъкиду ишораҳои бузургони ин роҳи тариқат дар рисолаи "Минҳоҷ-ул-орифин" ҷамъ овардааст.

Дар ин рисола андарзҳои ҳакимонаро дар боби мағрур нашудан, касро айб накардан, ғайбатро дӯст надоштан, тамаъро аз дил дур кардан, ростӣ варзидан, озори кас нахостан, қаноату фурӯтанӣ пеша кардан, ба ҳама нармӣ намудан, худписанд набудан ва монанди инҳоро дар шакли пандномa таълиф намуда, хислатҳои неку ҳамидаро, ки дар миёни халқ ва адабу фарҳанги деринаи мо арҷи зиёд доранд, тарғиб менамояд.

Дар баробари ин, Амири Кабир оид ба моҳияти футуввату ҷавонмардӣ ва нақши ин хислатҳои нек дар ташаккули шахсияти инсон изҳори назар карда, дар "Рисолаи футувват" ба мақому манзалати ин ойини беҳтарини инсонӣ баҳои баланд додааст ва аҳли ҷомеаро ба мардиву ҷавонмардӣ, дӯстиву бародарӣ ва саховату ҳимматбаландӣ даъват намудааст.

Мутафаккир се мартабаи футувватро шарҳ дода, бародарии одамонро мартабаи асосӣ донистааст ва караму саховат, иффату амонат ва шафқату меҳрубониро аз ҷумлаи беҳтарин хислатҳои ҷавонмардӣ маънидод кардааст.

> **Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияро ҷавҳари маънавиёти инсон шуморида, одамонро ба раиятпарвариву қадршиносӣ, саховатмандиву хайрхоҳӣ ва даҳҳо амали солеҳи дигар даъват менамояд ва дар замири хонандааш ҳусни садоқат ба бузургон, пирон ва волидайну хешу таборонро бештар мегардонад.**

Ба ақидаи вай пайравони аҳли футувват бояд "бо пирон боҳурмат, бо ҷавонон бо насиҳат, бо тифлон бошафқат, бо заифон боҳиммат, бо дарвешон бо базлу саховат, бо халқ бо эҳсону мурувват, бо нафс ба ҷанг, бо халқ ба сулҳ, дар муқобили адӯ ҳалим, бар илми наҷот ҳарис ва бо андаки дунё қонеъ бошанд".

Ин андарзҳои ҳакимонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд ва ба мардум ҳамчун сабақи зиндагӣ хизмат мекунанд.

Мутафаккири бузург инчунин ҷараёни риндиро ҳамчун як шохаи тариқати сӯфия шарҳ дода, ба муқобили уламои зоҳирпараст, фақеҳони ҷоҳил ва муттассибони гумроҳ мубориза беамон бурдааст ва расидан ба ҳақиқатро беҳтарин роҳ дар шинохти зоти Ҳақ донистааст.

Дар тамаддуни башарӣ Амири Ҳамадонӣ ба мисли Саъдии Шерозӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун муаллими ахлоқ маҳбубу маъ-

руф мебошад.

Дар аксари офаридаҳои ӯ масъалаҳои маънавӣ ва иҷтимоӣ ҷойи муҳим дошта, беҳтарин хислатҳои одамӣ ва расидан ба мақому мартабаи инсони комил шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боиси таъкид аст, ки донишманд илмро асоси пешрафти зеҳнияти инсон дониста, онро пояи ташаккули сифатҳои дигари хулқи инсонӣ медонад.

**АЗ ИН РӮ ЗИЁИЁН ВА ОЛИМОНУ ДОНИШМАНДОН, УЛАМОИ ДИНӢ ВА АҲЛИ ҶОМЕАРО ЗАРУР АСТ, КИ ДАР АСОСИ АНДЕШАҲОИ ҲАКИМОНАИ ИН ҚАБИЛ ДОНИШВАРОН БА МУҚОБИЛИ ҲАМА ГУНА ЗУҲУРОТИ ХУРОФОТПАРАСТӢ, ЭКСТРЕМИЗМУ ТЕРРОРИЗМ ВА ДИГАР ПАДИДАҲОИ НАНГИН САДО БАЛАНД КУНАНД ВА БАРОИ ДАР ЗЕҲНИ МАРДУМ, ХУСУСАН НАВРАСОНУ ҶАВОНОН, ТАШАККУЛ ДОДАНУ РЕШАДОР СОХТАНИ ҒОЯҲОИ ИНСОНДӮСТӢ, ТАҲАММУЛГАРОӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ ВА ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУНТАЗАМ КОР КУНАНД.**

Амири Ҳамадонӣ доир ба қадру манзалати волидайн низ панду таъкидҳои зиёди ҳакимона дорад, ки дар миёни халқи тоҷик моҳияти худро то ба ҳол гум накардаанд.

Зеро мардуми мо ба қадри падару модар расиданро беҳтарин шарафи инсонӣ медонанд, ҷойгоҳи онҳоро муқаддас ва мақомашонро азиз медоранд ва ба волидайн хизмат карданро қарзи фарзандӣ ва ойини ҷавонмардӣ мешуморанд.

Амири Кабир мақоми оиларо низ муқаддас мешуморад.

Вай дар миёни зану мард шартҳои воқеӣ гузошта, риоя ва иҷрои онҳоро вазифаи ҳарду тараф медонад.

Донишманд барои марду зан муоширати хуб, сиёсати дуруст, ғайрати дучанд, таъмини дурусти нафақа ва таълими солеҳро шарти зарурӣ дониста, бетафовут набудан ба қисмати ҳамдигарро махсус таъкид месозад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияи маънавии инсонро ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият муҳим шуморида, дар бештари рисолаҳояш масъалаҳои ахлоқиро тавзеҳ медиҳад.

Вай тарбияро ҳамчун рукни камолоти инсон шуморида, онро асоси пойдории хонавода ва устувории он маънидод менамояд.

Чун тифлро аз аввал бад-ин тартиб тарбият кунанд, вақте ба ҳадди балоғат расад, баракати он ба зоҳиру ботини ӯ зуҳур кунад. Агар ҳамчунин кардӣ, наҷот ёфтӣ ва ҳам халқро наҷот додӣ...".

Дар баробари ин ҳаққу ҳуқуқи фарзандро муайян намуда, ӯро амонати Ҳақ мешуморад ва тарбияву таълимашро вазифаи муқаддаси падару модар медонад ва дар ин мавзӯъ ривоятҳои зиёд оварда, аз ҷумла таъкид менамояд, ки " аз



ҳама бештар модару падар ва устоду омӯзгор дар савоби фарзандон шарик мебошанд".

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияро ҷавҳари маънавиёти инсон шуморида, одамонро ба раиятпарвариву қадршиносӣ, саховатмандиву хайрхоҳӣ ва даҳҳо амали солеҳи дигар даъват менамояд ва дар замири хонандааш ҳусни садоқат ба бузургон, пирон ва волидайну хешу таборонро бештар мегардонад.

Вай дар асарҳои худ инчунин доир ба адлу эҳсон, усули давлатдорӣ ва фазилатҳои роҳбариву муносибат бо райият муфассал андеша ронда, доир ба ин масъалаҳо ҳамчун як ҷомеашинос ва файласуфу сиёсатшиноси одилу оқил изҳори назар менамояд.

Алии Ҳамадонӣ баъди азият ва мушкилоти зиёде, ки дар зиндагиаш рӯ ба рӯ шудааст, ба хулосае омадааст, ки барои ҷомеа ва инсоният сулҳ ва оромиш нақши арзанда дорад.

Аз ин рӯ, вай фарҳанги сулҳро таблиғ карда, хостори ваҳдату субот ва ҳамраъйию муттаҳидӣ мебошад.

Бо ин мақсад ӯ дар асарҳояш ҳикмати мадороро ташвиқ карда, таҳаммулгароиро воситаи муҳимми ҳалли ҳар гуна низоъ медонад.

Барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тафриқаи мазҳабӣ, нажодӣ ва милливу фарҳангӣ бегона мебошад ва дар тафаккури иҷтимоии ӯ баробарии равияву ҷараёнҳои мазҳабӣ дар эътиқоду эҳтироми Ҳақ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар назди ӯ намояндагони дину мазҳаб, қавму миллат, ҳиндуву мусулмон, шиаву суннӣ баробар буда, касонеро, ки миёни онҳо фарқ мегузошт, сахт мазаммат мекунад ва ихтилофи "мову ман"-ро дур шудан аз ҷамоли Ҳақ медонад.

Ин таъкиди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст.

Зеро бубинед, ки "мову ман", "куфру имон" ва "бидъату суннат" гуфтанҳои бархе аз мусулмонон дар баъзе кишварҳои олам, мисли Сурия, Ироқ, Яман, Лубнон, Миср ва Афғонистон оқибатҳои нангинеро пеш овардааст, ки имрӯз тамоми дунё аз он нигаронӣ менамояд.

Аз ин рӯ, мо бояд таъкидҳои ҳакимонаи Амири Ҳамадониро сабақи зиндагӣ ва кору фаъолияти худ қарор диҳем ва ҳаргиз нагузорем, ки дар сайёра ихтилофу низоъҳои

нав сар зада, боиси халалдор гардидани сулҳу субот шаванд.

Дар шароите, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе манотиқи дунё торафт вусъат меёбанд, ақидаҳои мутафаккирони гузашта, амсоли Амири Ҳамадонӣ арзиши бештар пайдо мекунанд.

Аз ин рӯ зиёиён ва олимону донишмандон, уламои динӣ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар асоси андешаҳои ҳакимонаи ин қабил донишварон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои нангин садо баланд кунанд ва ба-

осори лирикии ирфонӣ ва ахлоқӣ ба шумор меравmade.

Ӯ дар ин ҷода анъанаи донишмандони барҷастаи Шарқ Шайхурраис Абӯалии Сино, Умари Хайём, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва дигаронро идома додааст.

Дар ашъори Амири Ҳамадонӣ инъикоси масъалаҳои ахлоқу тасаввуф, маърифату маънавиёт, мақому манзалати инсон ва таранnуми ишқи илоҳиву инсонӣ ҷойи сазовор дорад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шеърро воситаи муносибу мувофиқи баёни андешаҳои ирфонӣ ва ахло-



рои дар зеҳни мардум, хусусан наврасону ҷавонон, ташаккул додану решадор сохтани ғояҳои инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мунтазам кор кунанд.

Рисолат ва вазифаи муқаддаси аҳли зиё дар чунин марҳалаҳои муҳимму ҳассос маҳз аз он иборат аст, ки аҳли ҷомеаро ба роҳи росту дуруст, ба шинохти ҳақ аз ботил ва ба сӯи ободиву пешрафт ҳидоят намоянд ва дар ин роҳ дар навбати аввал худашон пешраву намуна бошанд.

Барои ҳамин онҳоро аҳли зиё, яъне аҳли рӯшноӣ ва равшанкунандаи роҳи дигарон мегӯянд.

**Донишмандони муҳтарам!**

Хизмати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рушди адабиёти классикии тоҷику форс низ бузург буда, офаридаҳои ӯ намунаи беҳтарини

қиву иҷтимоии худ қарор дода, ҳамчун дар рушду густариши забон ва адабиёти тоҷику форс хизмати шоистаеро ба анҷом расонидааст.

Дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оҳанги ирфонӣ бо андешаҳои таълимӣ хуб омезиш ёфта, ифодаҳои рамзӣ, андарзҳои ҳаётӣ ва таранnуми кирдору амалҳои шоиста хеле зиёд ба назар мерасанд ва онҳо бо мақсади дуруст таълим додани инсон ва боиффату қаноатпеша ба воя расидани вай таълиф шуда, ҳамчун дурри маънавӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии инсон хизмат менамоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар кишвари мо доир шудани Симпозиуми байналмилалии илмӣ ба хотири бузургдошти шахсияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва осори ӯ аз аҳаммияти махсус бархурдор мебошад.

Бовар дорам, ки дар ин ҳамоиш пажӯҳишгарон паҳлуҳои норавшани осор ва афкори ин мутафаккири бузургро баррасӣ карда, саҳми арзандаи ӯро дар ташаккули тамаддуни башарӣ бори дигар воқеъбинона равшан менамоянд.

Шубҳае нест, ки фикру андешаҳои мутахассисону донишмандон боиси шинохти бештари чеҳраи тобноки ин ҳакиму орифи барҷаста гардида, ном, мартаба ва маҳбубияти Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар миёни дӯстдорон ва ҳаводорони фалсафа ва адаб зиёдтар менамояд.

Дар охир бори дигар ҳамаи ҳамватанони азиз, меҳмонони гиромиқадр ва аҳли илму донишро ба муносибати ин ҷашни фархунда ва санаи муборак табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо муваффақиятҳои илмиву пажӯҳишӣ мехоҳам.

Ҳамчунин бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи ҳамватанони азизамонро ба муносибати фаро расидани ҷашни истиқлолияти давлатӣ шодбош гуфта, ба ҳар як соки-

**АЗ ИН РӮ ЗИЁИЁН ВА ОЛИМОНУ ДОНИШМАНДОН, УЛАМОИ ДИНӢ ВА АҲЛИ ҶОМЕАРО ЗАРУР АСТ, КИ ДАР АСОСИ АНДЕШАҲОИ ҲАКИМОНАИ ИН ҚАБИЛ ДОНИШВАРОН БА МУҚОБИЛИ ҲАМА ГУНА ЗУҲУРОТИ ХУРОФОТПАРАСТӢ, ЭКСТРЕМИЗМУ ТЕРРОРИЗМ ВА ДИГАР ПАДИДАҲОИ НАНГИН САДО БАЛАНД КУНАНД ВА БАРОИ ДАР ЗЕҲНИ МАРДУМ, ХУСУСАН НАВРАСОНУ ҶАВОНОН, ТАШАККУЛ ДОДАНУ РЕШАДОР СОХТАНИ ҒОЯҲОИ ИНСОНДӮСТӢ, ТАҲАММУЛГАРОӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ ВА ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУНТАЗАМ КОР КУНАНД.**

ни мамлакат саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва саодати рӯзгор орзу менамоям ва ба меҳмонони арҷманди кишвари меҳмоннавозамон будубоши гуворо мехоҳам.

Фархунда бод рӯҳи бузургони миллат, офарандагони осори беганзанди маънавӣ ва ситоишгарони ахлоқу адаб!

Бигзор, ҳамеша илм собитқадам, маърифат пешқадам, маънавиёт бобарор ва фарҳанги миллӣ пойдору устувор бошад!

**Саломату сарбаланд бошед!**

# ПАЁМИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ СОЛГАРДИ 24-УМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ



**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

**Ин лаҳзаҳо ҳамаи мову шумо дар остонаи солгарди бистучоруми истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, яъне бузургтарин ва муқаддастарин ҷашни миллиамон қарор дорем. Маҳз истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем.**

Дар ин лаҳзаҳои идона тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин санаи тақдирсоз табрику таҳният гуфта, ба хурду бузурги кишвар сулҳу оромӣ, хушбахтиву иқболи нек ва хонаи обод орзу менамоям.

Истиқлолият дар баробари ин, ки омолу орзуи деринаи халқи мост, инчунин лаҳзаи андеша ва таҳлили масъулияти ҳар фарди сарзамини аҷдодӣ барои расидан ба қадри гузашта ва кору фаъолияти созанда барои имрӯзу ояндаи Ватани маҳбубамон мебошад.

Ҳамин ҳисси баланди масъулият дар назди гузашта ва имрӯзу ояндаи Ватан ва миллат ҳар яки моро водор месозад, ки ба хотири ободиву оромии кишвари азизамон бо тамоми ҳастӣ талош варзем, содиқонаву аҳлона заҳмат кашем, дар ҳифзи манфиатҳои милливу давлатиамон доим зираку ҳушёр бошем, то қарзи худро дар назди Ватан ва халқи Тоҷикистон ба таври сазовор адо намоем.

Бо дарки ин масъулияти бузург давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон то ба имрӯз пайваста талош дорад, ки пояҳои сиёсиву иқтисодӣ ва заминаҳои иҷтимоиву маънавии истиқлолияти давлатиро тақвият бахшида, барои рушди бемайлони ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеаи кишвар шароити мусоид фароҳам созад.

Дар натиҷа мо дар зарфи беш аз ду даҳсолаи гузашта ба як силсила дастовардҳои бунёдие ноил гардидем, ки сарнавишти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоламон ба онҳо вобастагии мустаҳкам дорад.

Муҳимтарин дастоварди мо дар ин давра таъмини сулҳу оромӣ, аз

хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад.

Зеро бе доштани давлати озод орзу ва омоли таърихии миллат ва ҳадафу барномаҳои насли имрӯзу фардои он маънои худро аз даст медод.

Аз ин рӯ, агар дар он тӯфоне, ки бадхоҳони миллати тоҷик дар сари роҳи кишвари тозаистиқлоли мо эҷод карда буданд, давлат аз байн мерафт ва миллат пароканда мегардид, наслҳои оянда моро ҳаргиз намебахшиданд.

Дар қадамҳои баъдӣ мо тамоми талошро ба харҷ додем, ки сохтори мукаммали идоракунӣ, Ҳукумати муосир, парламенти касбӣ, артиши миллӣ, ниҳодҳои босалоҳияти низомиву амниятӣ ва дигар рукнҳои зарурии давлатдории худро тибқи меъёрҳои замонаи нав бунёд намоем.

Шахсоне, ки ин роҳи таърихиро тай кардаанд, хуб дар ёд доранд, ки эҳё ва барқарор кардани ҳар як рукни давлатдорӣ ва ҳар як сохтори фалаҷшудаву аз фаъолият бозмондаи давлатӣ чӣ заҳмати бузургеро талаб мекард.

Қадами бисёр устувори дигар дар бунёди давлати муосири тоҷикон интихоби дурусти сохти давлатдорӣ буд.

Дар асоси воқеияти таърихиву сиёсии гузаштаву муосир ва бо дарназардошти манфиатҳои имрӯзу ояндаи милливу давлатӣ, халқи Тоҷикистон бо майлу иродаи худ ва бо изҳори раъйи озодона сохти давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб намуд, ки акнун он ҳамчун иродаи қатъии мардуми кишвар дар моддаи аввали Конститутсияи мо барои ҳамеша сабт гаштааст.

Ҳоло Тоҷикистон дар роҳи бунёди ин низоми давлатдорӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Таҷрибаи ҳосилшуда ва таҳаввулоте, ки имрӯз дар ҷаҳони муосир мегузарад, бори дигар собит месозад, ки интихоби давлатдории дунявӣ интихоби дурусту дурбинона буда, имрӯз худи ҳамин ғоя ба яке аз заминаҳои асосии ҳаёти осоиштаи ҷомеа табдил ёфтааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки бо бунёди роҳу нақбҳо, нерӯгоҳу хатҳои интиқоли барқ ва садҳо корхонаи саноатӣ зерсохтори асосии коммуникатсионӣ ва энергетикиву саноатии кишварро эҳё намуда, Тоҷикистонро ба як қаламрави воҳид табдил диҳад.

Дар баробари ин ҳама, ба мо муяссар гардид, ки бо пуштибониву дастгирии самимонаи мардуми шарифи кишвар сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро дар ватани худ барқарор намуда, барои зиндагии осудаи халқамон шароити мусоид фароҳам созем.

Ҳоло дар вазъияти ошуфтаву бесуботи ҷаҳони муосир ва зиндагии фоҷеабори баъзе халқу миллатҳо ҳар як шаҳрванди огоҳи Тоҷикистон бо камоли шукргузорӣ дарк мекунад, ки аз баракати сулҳу субот мо ба чӣ неъмати бузурге даст ёфтаем.

Дар ин лаҳзаҳо, ки ба ҷашни муборакi истиқлолият омодагӣ мегирем, зикри ин дастовардҳои бунёдии давлат ва мардуми Тоҷикистон амри зарурӣ мебошад.

***Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк мекунанд, ки истиқлолият ва озодӣ арзиши нахустин ва бисёр азизу муқаддас дар ҳаёти ҳар як шахси огоҳу бонангу номус ва шарти муҳимтарини зиндагии шоистаи ҳар як фарди Ватан мебошад.***

Зеро шиддатёбии бархӯрди манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ, тамоюли дубора ба қутбҳои сиёсиву низомӣ ҷудо намудани олам, паҳншавии тафаккури харобиовари ифротгароӣ, қувватгирии фаъолияти ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ва монанди инҳо суботу амнияти давлатҳои ҷаҳонро, дар маҷмӯъ, ба таҳдиди ҷиддӣ рӯбарӯ намудааст.

Бинобар ин, бо зикри дастовардҳои бунёдии даврони истиқлолият мехостам бори дигар ин нуктаро таъкид намоям, ки ифротгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои муосир, пеш аз ҳама, ба ҳамин арзишҳои усулӣ ва ҳаётӣ таҳдид менамоянд.

Яъне онҳо, аввалтар аз ҳама, ба истиқлолияти давлатӣ, ба мавҷудияти худи давлати мустақил, ба сохтори давлатии демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ба суботу амният ва ҳаёти осоишта, ба хонаву оилаи ободи ҳар як фард ва ба арзишҳои неки миллии мардуми тамаддунсози мо таҳдид мекунанд.

Пас, мубориза мо ба муқобили экстремизму терроризми байналмилалӣ дар асл мубориза барои ҳифзи давлат, истиқлолият, фарҳангу забон, арзишҳои миллӣ ва зиндагии озоду осудаи халқамон мебошад.

Аз ин рӯ, ҳеҷ яки мо набояд дар ин масъала бетараф бошем.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк мекунанд, ки истиқлолият ва озодӣ арзиши нахустин ва бисёр азизу муқаддас дар ҳаёти ҳар як шахси огоҳу бонангу номус ва шарти муҳимтарини зиндагии шоистаи ҳар як фарди Ватан мебошад.

Дар айни замон, итминони комил дорам, ки мардуми сарбаланду бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва соҳибтамаддуни тоҷик бо дарки қадру қимат ва арзиши таърихии истиқлолият ва дастовардҳои бузурги ин давра сиёсати давлату Ҳукумати мамлакатро минбаъд низ самимона ва ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Зеро мо ҳанӯз дар зиндагии ҷомеа ва давлатамон мушкилоти зиёд дорем. Вале дар айни замон итминони комил ва азму иродаи қавӣ дорем, ки ҳамаи мушкилоти мавҷударо бо дастгирии мардуми заҳматкашу таҳаммулгароямон, бо заҳмати аҳлонаву софдилона бартараф месозем ва нақшаву ниятҳои созандаамонро ба хотири ободии сарзамини аҷдодӣ ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон амалӣ мегардонем.

Бо изҳори ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди кишвар ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни озодиву соҳибихтиёрии Ватани маҳбубамон самимона табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо хушбахтиву файзу баракат, саломативу сарбаландӣ ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи пойдор, ваҳдати миллии ҷовидонӣ ва пешрафту ободии рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**



# ПАЁМИ ТАБРИКИИ САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

**Ҳамватанони азиз!**

Ба муносибати Иди саиди қурбон, ки рӯзи 24-уми сентябр фаро мерасад, ҳамаи шумо ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан оромиву осоиш, рӯзгори обод ва файзу баракат орзу менамоям.

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва фазои орому осудаи кишварамон мардуми мо маросиму суннатҳои диниву мазҳабии худро озодона иҷро мекунанд.

Иди қурбон аз ҷумлаи арзишҳои муқаддаси суннатии мардуми мусулмони мо буда, одамонро ба корҳои хайру саховат ва амалҳои нек ҳидоят менамояд ва дар қалби ҳар фарди мусулмон ниҳоли меҳру муҳаббатро нисбат ба ҳамдигар решадор месозад.

Ин амалҳои хайр, дар навбати худ ба пойдории сулҳу суботи кишвар, оромиву осоиши ҷомеа ва таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми мо мусоидат мерасонанд.

Зеро худи ин иди саид бар пояи ормонҳои башардӯстиву инсонпарварӣ ва шафқату бародарӣ зуҳур кардааст.

Иди қурбон бо ҳамин хусусиятҳои неку инсондӯстонааш дар миёни мардуми шарифи Тоҷикистон ва дигар мусулмонони дунё мақоми басо арзишманд дорад.

Ҷавҳари асосии Иди қурбонро талқини арзишҳои инсонӣ, поси хотири гузаштагон, аёдати пайвандону хешу таборон, изҳори ҳамдардӣ ба азодорон ва хайру эҳсон ба ятимону маъюбон, дармондагону ниёзмандон ва оилаҳои камбизоат ташкил медиҳанд.

Имрӯз сокинони кишварамон бо шукргузорӣ аз даврони истиқлолият ва аз баракати сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ дар баробари заҳмати созандаву ободгарона ба анҷом додани амалҳои хайр эътибори бештар медиҳанд ва бо ин иқдоми худ соҳиби савоби зиёд мегарданд. Воқеан, дини мубини ислом сарчашмаи адаб, махзани бузурги панду насиҳат ва тарғиби некиву накӯкорист.

Бинобар ин, ҳар яки мо бояд бо арҷ гузоштан ба ин арзишҳо бо илму фарҳанг, ҷавонмардиву саховатмандӣ ва ахлоқи ҳамидаи худ намунаи ибрат бошем ва барои эъмори як ҷомеаи пешрафтаву солим саъю талош намоем.

Хусусан, дар шароити торафт тезутунд гардидани раванди ҷаҳонишавӣ, ки баъзе қувваҳои носолим дини мубини исломро ҳамчун воситаи ангезишҳои сиёсӣ ва амалӣ намудани манфиатҳои гурӯҳӣ истифода мебаранд, моро зарур аст, ки зиракиву ҳушёриро аз даст надиҳем.

Инчунин арзишҳо ва фарҳанги инсонпарваронаи исломро ба манфиати суботи ҷомеа ва давлат, таҳкиму пойдории ахлоқ ва рушди бомароми маънавиёти мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон равона намуда, дар қалби одамон эҳсоси дӯстиву рафоқат, меҳру шафқат, хайру саховат ва таҳаммулу ваҳдатгароиро густариш бахшем.

Вобаста ба ин сифатҳои башардӯстонаи дини мубини ислом  мехоҳам хотирнишон созам, ки яке аз ойинҳои Иди муборaки қурбон, яъне қурбонӣ кардан ва забҳи чорво танҳо ба шахсоне раво дониста шудааст, ки имконияти молиявии аз таъмини хонаводаашон бештар доранд.

Ба дигарон ба номи Худованд ва наздикону ақрабо дуову дуруд фиристодан ва анҷом додани дигар амалҳои хайру солеҳ вобаста ба сатҳи зиндагиашон кори савоб ба ҳисоб меравад.

Бузургони мо беҳуда ҳатто бо якдигар сухани нек гуфтан, рафтори шоиста доштан ва дили касеро шод гардониданро беҳтарин садақаву хайрот нагуфтаанд.

Итминони комил дорам, ки дар пояи сифатҳои олии ин иди саид шахсони ҳимматбаланду саховатпеша ба ятимону маъюбон, бепарасторону муҳтоҷон ва шахсони камбизоат кумак карда, бо ин амали хайру башардӯстонаи худ соҳиби савоби зиёд мегарданд.

**ҶАВҲАРИ АСОСИИ ИДИ ҚУРБОНРО ТАЛҚИНИ АРЗИШҲОИ ИНСОНӢ, ПОСИ ХОТИРИ ГУЗАШТАГОН, АЁДАТИ ПАЙВАНДОНУ ХЕШУ ТАБОРОН, ИЗҲОРИ ҲАМДАРДӢ БА АЗОДОРОН ВА ХАЙРУ ЭҲСОН БА ЯТИМОНУ МАЪЮБОН, ДАРМОНДАГОНУ НИЁЗМАНДОН ВА ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ ТАШКИЛ МЕДИҲАНД. ИМРӮЗ СОКИНОНИ КИШВАРАМОН БО ШУКРГУЗОРӢ АЗ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА АЗ БАРАКАТИ СУЛҲУ ОРОМӢ ВА СУБОТИ КОМИЛИ СИЁСӢ ДАР БАРОБАРИ ЗАҲМАТИ СОЗАНДАВУ ОБОДГАРОНА БА АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛҲОИ ХАЙР ЭЪТИБОРИ БЕШТАР МЕДИҲАНД ВА БО ИН ИҚДОМИ ХУД СОҲИБИ САВОБИ ЗИЁД МЕГАРДАНД. ВОҚЕАН, ДИНИ МУБИНИ ИСЛОМ САРЧАШМАИ АДАБ, МАХЗАНИ БУЗУРГИ ПАНДУ НАСИҲАТ ВА ТАРҒИБИ НЕКИВУ НАКӮКОРИСТ.**

**ДАР ВАТАНИ МАҲБУБИ МО - ТОҶИКИСТОН ИДИ ҚУРБОН ҲАМЕША ДАР ФАЗОИ ЭҲСОНУ ШАФҚАТ ВА ОРОМИВУ ОСУДАГӢ БАРГУЗОР ГАРДИДА, ХУРДУ БУЗУРГИ КИШВАР ҲАМДИГАРРО БО МЕҲРУ МУҲАББАТИ ХОСА ТАБРИК МЕГӮЯНД ВА АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ СУБОТ ВА ДӮСТИВУ РАФОҚАТ ШУКРОНА МЕКУНАНД. ХОТИРНИШОН МЕНАМОЯМ, КИ ЯКЕ АЗ РУКНҲОИ ДИНИ ИСЛОМ ИМТИЁЗИ МАЪНАВИЁТ БАР МОДДИЁТ БУДА, ОН ДАР МЕҲВАРИ САФОИ БОТИНӢ ВА ПОККОРИИ АХЛОҚУ НАФСОНИЯТИ ИНСОНУ ҶОМЕА ВА ҚАНОАТУ САРФАКОРӢ ҚАРОР ДОРАД.**

Дар Ватани маҳбуби мо - Тоҷикистон Иди қурбон ҳамеша дар фазои эҳсону шафқат ва оромиву осудагӣ баргузор гардида, хурду бузурги кишвар ҳамдигарро бо меҳру муҳаббати хоса табрик мегӯянд ва аз ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва дӯстиву рафоқат шукрона мекунанд.

Хотирнишон менамоям, ки яке аз рукнҳои дини ислом имтиёзи маънавиёт бар моддиёт буда, он дар меҳвари сафои ботинӣ ва поккории ахлоқу нафсонияти инсону ҷомеа ва қаноату сарфакорӣ қарор дорад.

Бузургони мо дар ин бора панду андарзҳои зиёде гуфта, исрофкориро мазаммат намудаанд. Масалан, Унсурмаолии Кайковус дар "Қобуснома" таъкид менамояд, ки "харҷ ба андозаи дахл бояд бошад, то ниёзманд набошӣ".

Яъне қаноат пеша кардан ва дороии худро барои беҳбудии оилаи худ сарф кардан асоси пешравӣ ва баланд гардидани дараҷаи зиндагии ҳар сокини кишвар мебошад.

Дар ин рӯзи муборак бо шукргузорӣ аз амну амонии мамлакат ва давлату давлатдории миллиамон бо нияти саодату некбахтии ҳар як сокини Тоҷикистони азиз орзу менамоям, ки бигзор ин сарзамини сарсабзу ободи мо ва мардуми шарифу сарбаланди он аз ҳама газанду офатҳо дар амон бошанд.

Фаророасии Иди саиди қурбонро бори дигар ба ҳамаи шумо, ҳамватанони азиз ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамон табрик гуфта, бароятон хонаободиву сарбаландӣ, тандурустиву фароxдастӣ ва саодати рӯзгор мехоҳам.

**Иди саиди қурбон муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# ОБ АГАР САДПОРА ГАРДАД...



**Акбари ТУРСОН,
академик**

*Бинобар ин, сабабҳои ҷанги дохилиамонро дар осори илмӣ ҷустан (аз ҷумла, дар китоби бисёрҷилдаи академии "Таърихи халқи тоҷик") бенатиҷа хоҳад буд. Фақат ҳадси бадеӣ ё интуитсияи шоирона аст, ки аз аслу асоси маънавии ин муаммои таърихӣ пай бурда тавонистааст. (Алберт Эйнштейн беҳуда намегуфт, ки "тасаввуроти эҷодӣ аз дониши илмӣ дида муҳимтар аст! Аз миёни шоирони муосири тоҷик танҳо ду нафар - Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ дар зимни андешаи бадеии фоҷиаи солҳои навадум, нақши на ин ки омили моддӣ, балки омили маънавиро ба унвони такондиҳандаи бархӯрди байнобайнии ҳамқавмонамон дарёфта буданд.*

***...Идома аз шумораи гуашта***

Чунончи, ба қавли Мӯъмин Қаноат,

***Зи Вахшу зи Панҷу зи шаҳри Кубод,***
***Буни тоҷиконро баровард бод.***

Оре, ҷаҳли мураккабро хостгоҳи он шамоли қиблаи иҷтимоӣ хондан бояд, ки онро қаҳру ҷадали таассубомез суръату вусъат бахшида буд…

Лоиқ ин мавзӯъро дар қаринаи васеътари маънавӣ андеша карда, ба зобита ва собитаҳои менталитети суннатӣ рӯ овардааст:

***Бародарро бародар мекушад?***
***Ойини меросист!***
***Сиришти бандаи осист.***
***Намедонӣ?***
***Фаротар рав, фурӯтар рав,***
***Бипурс аз Ҳазрати Одам,***
***Бипурс аз Ҳобилу Қобил!***

Аз назари илмӣ афзудан бояд, ки суннати бародарситезӣ на фақат дар асотири қавмҳои сомӣ (яҳуду араб), балки инчунин дар хоки маънавии мардумони табори ҳиндуориёӣ (ба вижа қавму қабилаҳои эронизабони онҳо) низ решаи дарозу қавӣ дорад. Пас, чӣ ҷойи ҳайрату ҳайронист, ки дар амалияи иҷтимоии гузаштагони дуру наздикамон басе падидае рух додааст, ки онро ба истилоҳи имрӯза хиёнати хештанситезонаю бегонапарастона унвон кардан раво бувад.

Дар нимаи аввали солҳои навадум, айёме, ки ҷанги дохилӣ дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон авҷ мегирифт, нависандаи ин сатрҳо дар бораи сабабу оқибати бародарситезиҳои мусаллаҳона як силсила мақола навишта, (онҳо дар матбуоти Тоҷикистон ва хориҷа дарҷ шуданд) зимнан гуфта буд: дар сар задан ва идома пайдо кардани ин ҷанг нақши омилҳои фарҳангӣ ба маънии ҳам дунявӣ ва ҳам динии истилоҳ (манзурам баъзе унсурҳои тафритӣ ва ифротии одоби миллиамон, аз ҷумлаи хомандешию беҳудӣ ва тақдиргароӣ буданд, ки дар мағз андар мағзи урфу одатҳои суннатиамон ҷой гирифтаанд) аз соири дигар омилҳои имконпазир банууртар аст.

Ба қарибӣ дарак ёфтам, ки дар Эрон ҳам асару осори омилҳои фарҳангӣ мавриди таҳлилу таркиби интиқодӣ қарор гирифта будааст. Доктор Алимуҳаммади Яздӣ дар китоби ҷолибаш "Чаро ақиб мондаем?" нақши ахлоқу одоби суннатиро дар таърихи тамаддуни Эрон дар қаринаи васеи ҳамин саволи муҳимму мубрам тааммул кардааст. Бароям ҷолиб он буд, ки муаллиф "муҳимтарин иллати ақибафтодагиҳо"-и эрониёни кунуниро дар "маоиби ахлоқии мардум" дарёфтааст. Доктор Яздӣ ба вижа дурӯғу дурӯғгӯйиро "иллат-ул-илал"-и тамоми гирифториҳо ва бадбахтиҳои таърихии мардуми эронӣ хондааст.

**АЗ ҶУМЛА, ТОҶИКОН ҲУРМАТИ КАЛОНСОЛОН, ХОССА ПАДАРУ МОДАР ВА УСТОДОН, ХОКСОРӢ, МЕҲМОННАВОЗӢ ВА ДИГАР ХИСЛАТУ АНЪАНАҲОИ ХУБ ДОРАНД, КИ МАВРИДИ ТАВАҶҶУҲИ МАРДУМОНИ ҒАЙР ҚАРОР ГИРИФТААНД. ЛЕКИН БУЗУРГОНИ ХУДАМОН, ИНЧУНИН МАРДУМШИНОСОН ВА САЙЁҲОНИ БЕГОНА, БА УНСУРҲОИ САЛБИИ ХУЛҚИ МИЛЛИАМОН НИЗ ДИДАИ ЭЪТИБОР ДӮХТААНД, КИ АЗ ОНҲО САДРИДДИНИ АЙНӢ БА УНВОНИ "ИЛЛАТҲОИ МУЗМИНА" ЁД КАРДААНД.**

Хушбахтона, фозилони музофотзадагитарин рубъи тоҷикнишини Афғонистон ҳам дар шоҳроҳи бедории иҷтимоию сиёсӣ иқдоми назаррас карда истодаанд, ки саршор аз худинтиқоди қавмӣ бувад. (Умедворем, ки саъю кӯшиши таърихиашон самар медиҳад.) Яке аз ҳамон тоҷикони хештаншиноси муқими он тарафи дарёи Омӯ дар камоли хештаншиносии қавмӣ ҳамтаборонашро бо сахттарин суханҳо сифат карда ("чубн ва тангандешӣ", аз як сӯ ва "фурӯмаҳалкирдории фароқавмандешона", аз сӯйи дигар, ки паёмади муштараки онҳо "шикасту зиллат аст") тавъам онҳоро дар рӯҳи шиори кӯҳнанашудании Иқбол "Аз хоби гарон хез!" ба қиёми таърихию сиёсӣ даъват намудааст: "Вақте паштун "Афғон миллат" ва даҳҳо гурӯҳи вижа дорад, вақте ҳазораву шиа Ваҳдату Ҳаракат ва ғайра дорад, вақте ӯзбак Ҷунбиш дорад, тоҷик чаро бояд дар банди тилисм ва хоби миқнотисии фароқавмиандешии пуч ва бесамар боқӣ монад?"

Таворуди андешаҳоро бинед, ки хулосаи андешаи илмии паҷӯҳишгарони ҳамзабонамон бо андарёфти тоҷики бухороӣ Мирзосироҷи Ҳаким ҷиҳати ахлоқӣ куллан ҳаммазмуну ҳаммаслак бувад. Дар сафарномае, ки ӯ расо сад сол пеш, дар оғози қарни XX баъди саёҳаташ ба Фаронса иншо карда буд, чунин хулосаи саршор аз дарду алам ҳаст: "Мардуми мо, ҳама вақт дар фикри хиёнат намудан ба бародарони худ буда, ҳуқуқи ҳамдигарро ғасб ва тасарруф мекунем. Кори мо такаллуб ва дурӯғу фиреб аст... Оҳ, агар аз паси имрӯз бувад фардое!"

Камоли таассуф ва ғояти ташвишу хавотиркашиҳои иҷтимоии мост, ки фардои ормоние, ки ҳар чӣ зудтар фаро расидани онро равшангарони доною дилсӯзи мо дар оғози асри XX орзу мекарданд, дар ибтидои қарни XXI ҳам арзи вуҷуди таърихӣ накардааст!

*Чунки мо боз ҳамонем,*
*амон аз ману ту!*
*Баҳри ҳам гӯрканонем,*
*амон аз ману ту! (Лоиқ)*

Самту мурури замон дар Ховар аз он ки дар Бохтар дорад, ба куллӣ фарқ мекунад. Чунончӣ, дар Аҷам муттасилӣ бар мунфасилӣ имтиёз ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳам дар таърихи мо ҳампайвандии маънавии аслҳои фарҳангӣ ва наслҳои одамӣ қавитар буда, занҷири суннатҳо ба як ҳисоб ногусастанист. Аз қавли шодравон Парвиз Нотили Хонларӣ, донишманди муҳтарам ва дӯсти қадрдони тоҷикон, гӯям, "кадом миллати дигарро мешиносем, ки ба гузаштаи худ, ба таърихи бостонии худ, ба ойину одоби гузаштаи худ беш аз ин пайбанду вафодор бошад?".

Пайвандгари аслҳои маънавӣ ва наслҳои одамӣ мероси фарҳангӣ бувад, ки ҳастаи зиндаашро дар илми муосири ҷомеашиносӣ менталитет (ба маънии маҳдудтар: ҳувият) хонанд. Ӯст, ки омилҳои таърихию маънавӣ ва рӯҳонию равониро дар тамомияти таърихиашон (яъне бӯъдҳои дунявӣ ва динии фарҳангро аз ҳам ҷудо накарда) таҷассум мекунад. Аз ин маънӣ менталитетро метавон генотипи таърихию равоншинохтие унвон кард, ки як навъ қолаби афкору аъмоли ҳам фард ва ҳам қавм ё миллат мебошад. Ҷойгоҳи ин падидайии рӯҳонию равонӣ шуур набуда, таҳтушшуур аст, яъне таъсиру нуфузаш таҳти назорати ақл ё таҷрибаи рӯзгор нест. Бо вуҷуди ин, менталитет мабдаи фитрии азалӣ нест, иктисобӣ ё андӯхтаи таърихист; дар айни ҳол одати сарсарӣ ҳам нест, ки ба зудӣ аз сар бадар шавад! Беҳуда нагуфтаанд, ки иллат биравад, валек одат наравад. Сабаб ин аст, ки менталитет рукнҳои суннати фарҳангиро бо ширеши рӯҳонию равонӣ ба ҳам часпонда, ҳампайвандии аслҳою наслҳоро дар замону макон истимрор ва устуворӣ мебахшад.

Менталитет таҳкурсии хислати қавмӣ ё хулқи миллӣ бувад. (Дар даврони Шӯравӣ ба иллати идеологӣ аз ин қабил истилоҳҳо ҳазар мекарданд.) Чунонки ҳар фарди одамӣ дар баробари одоби фозила феълу хӯ ва одатҳое низ дорад, ки на зеби ҷомаи ӯстанду на қабули омма, халқҳо ҳам дар баробари одоби фозила одатҳои разила ҳам дошта метавонанд.

Аз ҷумла, тоҷикон ҳурмати калонсолон, хосса падару модар ва устодон, хоксорӣ, меҳмоннавозӣ ва дигар хислату анъанаҳои хуб доранд, ки мавриди таваҷҷӯҳи мардумони ғайр қарор гирифтаанд. Лекин бузургони худамон, инчунин мардумшиносон ва сайёҳони бегона, ба унсурҳои салбии хулқи миллиамон низ дидаи эътибор дӯхтаанд, ки аз онҳо Садриддини Айнӣ ба унвони "иллатҳои музмина" ёд кардаанд.

Дар шарҳи гуфтаашон устоди дилсӯзамон ба факту лаҳзаҳои нанговари таърихамон рӯ оварда, аламомезона гуфтаанд, ки дар гузашта мо "аввал шаҳр-шаҳр, каря-каря ва фирқа-фирқа шуда, якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, оқибат ба зери бандагии давлати мустабиддаи рус афтодем. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, барои маҳв кардани якдигар ба пулисҳо, ба жандармаҳо, ба хуфяҳои давлати мустабиддаи рус ёрӣ додем...".



Зимнан, устод Айнӣ "мо, тоҷикон" нагуфтаанд, "мо, туркистониён" гуфтаанд, вале миёни ҳамон туркистониён аҷдоди тоҷикони кунунӣ ҳам фаъол буданд; хусусан, дар менталитеташон суннати бародарситезӣ хеле пеш аз зуҳури таърихи қавмҳои турку муғул нақш бастааст.

Инаш на барои "Мо" ва на барои "Онҳо"айбу аҷаб нест. Асл дар қонуниятҳои муштараки ташаккул ва тараққии шуури иҷтимоии одамизод бувад, ки дар чаҳорчӯби аввал тафаккури устурӣ ва сонӣ тафаккури таърихӣ ташаккул ёфтааст. Аввалин марҳилаи ин рушди маънавӣ аз эҷоди устурае дар бораи дугоникҳои аз азал ба ҳам душман оғоз шудааст. Аз ин рӯст, ки "Шоҳнома" низ таърихи асотирии одамизодро аз зикру нақли бадеии қиссаи бародарситезӣ сар кардааст. Дар таърихи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ "Шоҳнома", ки шаҳномаи адабиёти ҷаҳоншумули Аҷам бувад, нахустин ва муассиртарин манзума дар бораи бародаркушиҳост!

Ва агар қалами сеҳрноки ҳаким Фирдавсӣ ҷангномаро ба оштиномаи саршор аз панду ҳикмати волои ниёгон дар мавриди сиголиши сулҳу сафо миёни халқу кишварҳои мухталиф табдил дода бошад, балки инаш аз файзи ҳамон фарҳанги тоисломии Аҷам бувад, ки ҳумоюнисми волои кайҳонӣ хоси ӯ буду аз қаъри таҳтушшури арбоби бедори давраи "Эҳёи Аҷам" (сесад соли аввали он, яъне қарнҳои IX-XI-и мелодиро, "Қиёми тоҷик" унвон кардан айни муддаои таърихист) нуфуз мекард?.

Бояд низ ба назар гирифт, ки то оғози ин замони хуҷаста ахлоқи инсонӣ ба ҳадде нармтар шуд, ки дар мавқеи худи ҳамосасаро таҷассум ёфтааст. Ва аз файзи иқдоми инсонгароёнаи бузургони даврони Эҳёи Аҷам аст, ки минбаъд тарғибу талқини хулқи "бо дӯстон мурувват, бо душманон мудоро" (Ҳофиз) ба як навъ ҳусни суннати адабии тоҷику форс табдил ёфт. Лекин пеш аз пазируфтани ин дастури ахлоқӣ ҷомеаи суннатии тоҷику форс нахуст ба як саволи муҳимму мубрам ҷавоб ҷуст: кӣ беҳтар - бародар ё дӯст? Ва дар ниҳояти тааммул посухи зеринро ба унвони идеали этикӣ қабул кард: бародаре, ки дӯст бошад! (Саъдӣ)

Аз назари мавзӯе, ки манзури назари хоси ман аст, табиӣ ва мантиқӣ бувад, ки таҳлили културологии "Шоҳнома"-ро аз андешаи сарманшаи ҷанги бародаркуши Эрону Турон оғоз кунам.

Бино ба далолати маводи таърихии фарҳанги ҷаҳонӣ, сарчашмаи ҷумла бародарситезиҳо ҳирсу ҳасад будааст. Дар яке аз ҳадисҳои пайғамбар (с) ба ин иллати маънавӣ ишора рафта: "Бухл гузаштагонро ҳалок намуд ва ононро ба рехтани хуни ҳамдигар водор сохт".

Чунонки хонандагони "Шоҳнома" медонанд, иллати бархӯрди хунину бардавоми эрониёну турониён, ки аъзои як хонадони ориёӣ буданд, бархостани оташи низоъ миёни се писари Фаридуншоҳ будааст.

Мулкдори пешдодӣ сарзаминашро дар байни меросхӯронаш "нобаробар" тақсим карда (беҳтарин қисмашро ба писари хурдиаш Эраҷ бахшида), дар дили писарони меҳтар ба солаш тухми носозӣ киштааст. Вале агар масъала болои бархӯрди манфиатҳои моддӣ мебуд, чаро Салму Тур бо вуҷуди ин ки Эраҷ барои ихтиёрӣ даст кашидан аз мероси падар ба фоидаи бародарони норозиаш тайёр буданашро шахсан

гуфт, эшон аз қасди қатли ӯ нагаштанд?

Воқеан, дар оғози низоъ, вақте Салму Тур қасди ҷони бародари хурдиашон карда, камин гирифтанд ва ӯро ба дарборашон даъват намуданд, Эраҷи ғофил аз нияти бади бародарони калониаш чунин тасмим гирифт:

***Набояд маро тоҷу тахту кулоҳ,***
***Равам пеши ишон давон бесипоҳ.***
***Дили кинаваршон ба дин оварам,***
***Сазовортар он ки бадӣ оварам!***

Падарашон Фаридун, гарчанде, ки ба нияти неки Салму Тур бовар надошт, аз тасмими Эраҷ шодмон шуд ва ба фарзандони кинавараш нома нигошт ва зимнан фармуд:

***Се фарзандро хоҳам орому ноз,***
***Аз он пас, ки бурдем ранҷи дароз.***
***Гиромиш дореду нӯша хӯред,***
***Чу парварда шуд тан, равон парваред!***

Эраҷ ҳам ҳангоми вохӯриаш то тавонист, бародаронашро аз роҳи бад боздоштанӣ шуд:

***Ҷуз аз кеҳтарӣ нест ойини ман,***
***Набошад ба ҷуз мардумӣ дини ман...***
***Ба хуни бародар чӣ бандӣ камар!***
***Чӣ сӯзи дили пиргашта падар!..***

Ва ҳатто барои нарм кардани дили бародаронаш ба насиҳат пардохт:

***Макуш мӯракеро, ки рӯзикаш аст,***
***Ки низ ҷон дораду ҷон хуш аст.***

Вале Салму Тур ба хости падар ва на ба илтиҷои додар гӯш накарда, даст ба хун заданд. Чаро ки фанари порпечи ҷанг чизи дигар буд: ҳамон омили ахлоқӣ иборат аз рашке ба гунаи ҳасади оташолуд, ки ба ҷинояти хонаводагӣ боис шуд: Салму Тур дар ғояти қаҳру ситез додари ҳамтани худашонро куштанд.

Ба идома пайдо кардани ҷангу лоф миёни авлоди се бародари ҳамхун низ омили маънавӣ сабаб гардид. Манзури назарам кини тафсону таскиннопазире бувад, ки онро ягон "узри гуноҳ" шуста натавонист. Ва Фаридунро ҳамин монда буд, ки бо қатъияти тамом гӯяд:

***Дарахте, ки аз кини Эраҷ бируст,***
***Ба хун баргу бораш бихоҳем шуст!***

Гузашта аз ин, Фаридун ба умеди расидан ба орзуе зинда буд, ки Манучеҳр (писари канизакаш Моҳофарид ва бародарзодааш Пашанг) ҳамин ки ба балоғат расид, сипаҳ баркашида ва теғи заҳробгун аз ниём баровардa, қасди ӯро хоҳад ситонд. Ва дар ин байн "чунин гашт гардонсипеҳр, ки хирад хира шуд, тира шуд ҷои меҳр…"

Фоҷиаи пурдарду аламовари хонаводагӣ, махсусан дар қиссаҳои манзуми Рустаму Сӯҳроб, Гуштоспу Исфандиёр, Кисрою Нӯшзод ва Талханду Гав дар авҷи драматизми ҳамосӣ тасвир шудааст. Аҷаб нест, ки ҳатто достони Искандар, ки дар қаринаи эронигароёнаи "Шоҳнома" як унсури бегона бувад, ба сурати бародарситезӣ қисса шуда.

Дар "Шоҳнома" суннати хиёнати хешовандӣ ва бародаркушӣ ба ҳадде қавист, ки саранҷом худи абарқаҳрамони "Шоҳнома" ҳам қурбони он мешавад: Рустам ба чоҳе, ки бародари домсозаш Шағод кофта монда буд, афтида дар ниҳояти зиллату забунӣ ҳалок мегардад; ҳадафи охирин тири Рустам низ қалбу қолаби бародари ҳамхунаш буда, ки ба ӯ хиёнат кардааст…

Аз назари сиёсӣ сарманшаи асосии ҷангҳои тӯлонӣ миёни эрониён ва туроният ҳирсу ози тахту тоҷ (ба ҳар илоҷ нигоҳ доштан ва ё ба ҳар восита кашида гирифтани он), яъне худи ҳамон дарди бедавои ҷоҳу ҷалолхоҳихост, ки ба қавли Фирдавсӣ:

***Сари як рама мардуми бегуноҳ,***
***Ба хок андар орад зи баҳри кулоҳ.***

Қасди кишваркушоиҳои Ковусшоҳ, ба вижа оҳанги Мозандарон кардани ӯро ба ёд оваред. Сарчашмаи ҷанги навбатӣ даҳонкалониву шӯҳратпарастиҳои беандозаи шоҳи Эрон будаст, ки дар ғояти васвасаи нафсонӣ

***Ман аз Ҷамму аз Кайқубод,***
***Фузунам ба бахту ба фарру нажод.***
***Сипоҳу дилу ганҷам афзунтар аст,***
***Ҷаҳон зери шамшери тез андар аст!***

гӯён ба "хонаи деви афсунгар" ҳамла овардан хост. Ҳарчанд Зол ӯро панду насиҳат кард, ки

***Ту аз хуни чандин сари номдор,***
***Зи баҳри фузунӣ дарахте макор!***

шоҳи размҷӯ аз роҳаш нагашт…

Мардуми ҳикматпешаи мо мефармоянд: чашми танги дунёдорро хоки гӯр пур мекунад. Дарвоқеъ, кишваркушой мантиқе дорад оҳанин: оне, ки ба моли ҳамсоя дасти тамаъ дароз мекунад, рӯзе ҳатман кишварситони ҳафт иқлим мешавад!

Низомии Ганҷавӣ, ки зимнан ҳакими замони худ ҳам буд, ба унвони муждавар гуфта:

***Шунидастам, ки ҳар кавкаб ҷаҳонест,***
***Дигаргуна замину осмонест.***

Агар ҳамон кишварситонҳо рӯзе худ дониш андӯхта ва ё аз дигарон шунида дарак ёбанд, ки акнун дар Коинот вуҷуд доштани сайёраҳои маскун беш аз пеш собит мешавад, ҳамоно истилои кайҳонро низ ҳавою ҳавас хоҳанд кард.

**ПАЙВАНДГАРИ АСЛҲОИ МАЪНАВӢ ВА НАСЛҲОИ ОДАМӢ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ БУВАД, КИ ҲАСТАИ ЗИНДААШРО ДАР ИЛМИ МУОСИРИ ҶОМЕАШИНОСӢ МЕНТАЛИТЕТ (БА МАЪНИИ МАҲДУДТАР: ҲУВИЯТ) ХОНАНД. ӮСТ, КИ ОМИЛҲОИ ТАЪРИХИЮ МАЪНАВӢ ВА РӮҲОНИЮ РАВОНИРО ДАР ТАМОМИЯТИ ТАЪРИХИАШОН (ЯЪНЕ БӮЪДҲОИ ДУНЯВӢ ВА ДИНИИ ФАРҲАНГРО АЗ ҲАМ ҶУДО НАКАРДА) ТАҶАССУМ МЕКУНАД. АЗ ИН МАЪНӢ МЕНТАЛИТЕТРО МЕТАВОН ГЕНОТИПИ ТАЪРИХИЮ РАВОНШИНОХТИЕ УНВОН КАРД, КИ ЯК НАВЪ ҚОЛАБИ АФКОРУ АЪМОЛИ ҲАМ ФАРД ВА ҲАМ ҚАВМ Ё МИЛЛАТ МЕБОШАД.**



Имом Хумайнӣ дар шарҳи ин хислати аслию азалии банӣ-Одам хеле хуб гуфтаанд: "Инсон дар фитрати худ ҳар камолеро ба таври мутлақ мехоҳад ва ба ҳеҷ қудрате, ки ноқис бошад, дил набастааст. Агар оламро дар ихтиёр дошта бошад, вале гуфта шавад ҷаҳоне дигаре ҳам ҳаст, фитратан моил аст он ҷаҳонро ҳам дар ихтиёр дошта бошад".

То чӣ андоза инсонӣ ва бостонӣ будани чунин орзую ҳавасҳоро низ метавон баъди мутоилаи "Шоҳнома" дарёфт. Вақте ки деви дижхим:

***Гирифтӣ замин в-он чӣ буд коми ту,***
***Шавад осмон низ дар доми ту!***

Гуфта, Ковусшоҳро ба гирдоби васваса мекашад, иғвои ӯ барояш танҳо баҳонае мешаваду бас...

***Идома дорад...***



# ВАСИЯТҲО АЗ ИМОМИ АЪЗАМ



**Асомуддинзода Т.И.**
**Ректори Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа**

***... идома аз шумораи гузашта***

**ОДОБИ РАФТУ ОМАД ДАР КӮЧАВУ БОЗОР**

***"...Дар бозорҳо ва масоҷид чизе нахӯр... Дар роҳ рафтан матонати худро ҳифз кун ва аз шитобзадагӣ дар корҳо бипарҳез".***

Дар бораи рафтори шахс дар кӯчаву бозорҳо ва таъсири рафтори инсонҳо ба ҳамдигар дар китобҳои ахлоқӣ ва манобеи миллӣ ва мазҳабии мо суханони фаровоне гуфта шудааст. Имоми Аъзам дар ин ҷо ба ду нукта таъкид кардааст. Яке ин ки хӯрок хӯрдан одоб ва макони муайяни худро дорад ва дар баъзе ҷойҳо анҷом додани ин амал дуруст нест. Хӯрок хӯрдан дар бозор, дар ин ҷо ба маънои хӯрок хӯрдан дар фазои боз, дар ҷое, ки мардуми зиёде рафту омад мекунанд, омадааст. Ин аз як тараф, ба хотири он аст, ки дар чунин муҳитҳо олудагиҳо зиёд аст ва мумкин аст, таом олуда ва зарарнок шавад. Аз тарафи дигар, дар пеши нигоҳи дигарон таом хӯрдан худ аз рӯи одоб нест - агар онҳо ҳам дар ҳоли таомхӯрӣ набошанд - ва чунин рафтор дар ҳадисҳо бисёр мазаммат шудааст. Ҳамчунин, аз назари беҳдоштӣ ва гигиенӣ таом хӯрдан дар шароити рост истода ва ё роҳ рафтан ҳам ба бадан муфид нест ва ҳам рехта шудани резаҳои таом дар муҳит сабаби ифлос шудани он ва беэҳтиромӣ ба таом мешавад.

Пас, метавон гуфт, ин дастур ва тавсия ҳам ба ҷанбаи ахлоқӣ ва эътиқодӣ ва ҳам ба ҷанбаи беҳдоштию гигиенӣ аҳаммият додааст ва барои ҳифзи тозагии муҳит ва саломатии инсон роҳнамои хубе аст.

Аммо манъ намудани мусулмонон аз таом хӯрдан дар масҷидҳо ба хотири эҳтироми хоси масҷид аст. Масҷид ҷои муқаддасе аст, ки барои ибодат ва анҷоми корҳои хос дар назар гирифта шудааст. Бинобар ин, дар масҷидҳо таом хӯрданро наҳӣ намудааст.

Тарзи роҳ рафтани мусулмонон дар кӯчаву хиёбон бояд бар асоси дастурҳои ахлоқии динашон бошад. Як мусулмони ҳақиқӣ дар роҳ рафтан хоксору ором аст ва роҳ рафтани ӯ ҳаргиз сабаби нороҳатии дигарон намешавад. Дар Қуръони карим дар сураи Луқмон(а) дар бораи чигуна роҳ рафтан чунин омадааст: *"Ва аз мардумон бо фахр рӯй магардон ва дар замин ба такаббур роҳ марав, ки Худованд ҳеҷ худписанди мағруреро дӯст намедорад".*

Гоҳе мо дар кӯчаву хиёбонҳо афродеро вомехӯрем, ки бо як тарзи фахромез ва бо кибру ғурур роҳ мераванд ва дигаронро ба чашми таҳқир ва беэҳтиромӣ нигоҳ мекунанд. Ғофиланд, ки бо ин рафтори худ шахсияти худро ба дигарон хеле бад ва номуносиб муаррифӣ мекунанд. Ба ин маъно, ки ин гуна афрод мехоҳанд, бо чунин рафтор дар ҷомеа барои худ мақому мартаба ва ё ҳайбату ҳашмате ба даст оваранд, аммо намедонанд, ки ин чизҳо ба воситаи такаббуру худписандӣ ба даст намеояд. Баръакс, такаббур инсонро дар назари мардум ночизу ҳақир нишон медиҳад. Шайх Саъдӣ дар ин бора фармудааст:

*Касе ку такаббур кунад бо касон,*
*Ба хорӣ шавад камтар аз нокасон.*

ва низ фармудааст:

***Такаббур кунад марди ҳашматпараст,***
***Надонад, ки ҳашмат ба ҳилм андар аст.***

Тибқи гуфтаҳои ин устоди адаб ба сабаби такаббур инсон ба хорию пастӣ дучор мешавад ва касе, ки талабгори бузургию ҳашмат аст, бояд бидонад, ки ин чизҳо ба воситаи хоксорию меҳрубонӣ ба даст меояд, на бо худписандию кибру ғурур.

Шайх Саъдӣ барои нишон додани роҳи илоҷи кибру ғурур мефармояд:

***То татовул написандию такаббур накунӣ,***
***Ки Худоро чу ту дар мулк басе ҷонваранд.***

Яъне, шумо агар ба қудрату тавоноӣ ё ҷоҳу мансаб ё дигар чизҳо фахр карда, дигаронро аз худ камтар меҳисобед, ғофил нашавед, ки дар рӯи замин аз шумо зӯртару тавонотар зиёд аст. Агар шумо нисбат ба дигарон кибру ғурур дошта бошед, ҳатман гирифтори касе мешавед, ки бо кибру ғуруруш шуморо таҳқир мекунад. Қонуни ин дунё чунин будааст, ҳамон гуна ки Мавлоно Румӣ мефармояд:

***Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,***
***Сӯи мо ояд нидоҳоро садо***

Аз ин қабил суханон дар адабиёти мо зиёд аст ва ҳар фарди тоҷик ҳатман чанд намуна аз онро медонад, ки баргирифта аз аҳодиси пайғамбар (с) мебошад.

Ҳамчунин, дар ин замина дар манобеи ахлоқи исломӣ тавсияҳои бисёр зебо ва омӯзандае омадааст, ки таваҷҷӯҳ ба онҳо барои муолиҷа кардани сифати такаббур метавонад, ҷо-

расоз бошад.

**ҶАВОНМАРД БОШ!**

***"Аз бухлу ҳасад бипарҳез, зеро бахилӣ одамиро расво мекунад. Тамаъкору дурӯггӯву ҷангандоз мабош, балки дар тамоми корҳо ҷавонмард бош… Агар ниёзманд ҳам бошӣ, иззати нафсро аз даст надеҳ…"***

Дар ин ҷо ба чанд хислати қабеҳ ишора шудааст, ки ҳар кадом аз ин хислатҳо ба танҳоӣ метавонад, инсонро ба нобудӣ бикашонад. Ҳар кадом аз ин хислатҳо дар китобҳои ахлоқӣ ва манобеи адабии мо ба таври муфассал ва ҷудогона мавриди баҳс қарор гирифтаанд ва суханони бисёр хубу тарбияткунанда гуфта шудаанд. Ба хотири аҳаммияти ин хислатҳо дар зиндагии инсон, Имоми Аъзам парҳез аз онҳоро дар ин васиятнома овардааст. Мо ба таври хулоса ҳар кадом аз ин хислатҳоро шарҳ медиҳем.

Бухл: бахилӣ кардан дар муқобили саховат аст. Дар Қуръони карим дар чанд маврид ба ин масъала ишора шуда, бахилӣ сахт накӯҳиш шудааст. Тибқи таълимоти Қуръони карим, агар Худованд ба мо молу сарвати фаровон додааст, набояд аз ҳаққи бенавоён ва мардуми камбизоат ғофил шавем. Ҳатман бояд ҳаққи онҳоро бипардозем, то шукронаи ҳақиқии ин молу сарватро ба ҷо оварда бошем. Ин кор сабаби кам шудани сарват нашуда, баръакс сабаби афзоиши он мегардад, ки Худованд худ фармуда: *"Агар шукрона кунед, (неъмати) шуморо зиёд мекунем ва агар ношукрӣ кунед, азоби ман бисёр сахт аст"*. Ва дар ин бора Мавлоно дар Маснавии шариф фармуда:

***Неъмат орад ғафлату***
***шукр интибоҳ,***
***Сайди неъмат кун ба доми***
***шукри шоҳ***

Ва:

***Неъматат додам, бигӯ,***
***шукрат чӣ буд?,***
***Додамат сармоя ҳин***
***бинмой суд.***

Дар ояти 37-уми сураи Нисо Худованд бахилонро ба кофирон баробар дониста, онҳоро ба азоби сахт таҳдид кардааст ва дар ояти 24-уми сураи Ҳадид бахилонро нисбат ба фармони Худо нофармон донистааст. Дар ояти 38-уми сураи Муҳаммад бошад, Худованд таҳдид мекунад, ки агар дар ҷомеа мардуми сарватманд аз додани садақа ва кӯмак ба мардуми камбизоат бахилӣ кунанд, онҳоро аз байн мебарад ва ба ҷои онҳо инсонҳои саховатпешаву хайрхоҳро рӯи кор меорад.

Пас, маълум мешавад, ки хислати бахилӣ ҳам ба дунё ва ҳам ба охирати инсон хатари ҷиддӣ дорад ва бояд аз ин хислат парҳез кунем:

***Дуди дӯзах набинад он чи сахӣ,***
***Рӯи ҷаннат набинад он чи бахил.***

Ҳасад: дар форсӣ-тоҷикӣ ба он рашк мегӯянд, ба маънои бадхоҳӣ нисбат ба касе ва заволи неъмати ӯро хостан мебошад. Ин аз хислатҳои бисёр бад ва накӯҳишшуда аст, ки хатари дунявӣ ва ухравии бисёр бузург дорад. Дар бораи ин хислат рисолаҳову китобҳои фаровоне аз тарафи бузургони дину миллат навишта шудааст ва ба тафсил хатари он баён гардидааст.

Қуръони карим дар чанд маврид ба ин хислати бад ишора намуда, оноро сахт мазаммат намудааст. Аз ҷумла, дар ояти 54-уми сураи Нисо яҳудиёнро, ки ба пайғамбари ислом (с) ва хонадонаш ҳасад мебурданд, мазаммат намудааст, ки чаро ҳасад мебаред, дар ҳоле ки ин неъматҳо ва фазилатҳоро Худованд ба ӯ додааст, ҳамон гуна ки ба ҳазрати Иброҳим(а) ва хонадони ӯ дода буд.

Дар ояти 9-уми сураи Бақара низ, сухан дар бораи ҳасад ва бадхоҳии аҳли китоб, махсусан яҳудиён нисбат ба мусулмонон рафтааст, ки ҳам худ ба дини ислом имон намеоварданд ва ҳам дӯст доштанд, ки мусулмононро аз ин роҳ баргардонанд.

Дар ояти 5-уми сураи Фалақ бошад, Худованд ба пайғамбар (с) тавсия додааст, ки аз шарри ҳасадкунандагон ба ӯ паноҳ бибарад.

Бо каме диққат дар ин оятҳои қуръонӣ фаҳмида мешавад, ки ҳасад хислате аст, ки дорандаи он, ҳатто дар муқобили пайғамбарон ва дини ростин истода, душманӣ мекунад. Ҳамчунин, ҳасад сабаби рафторҳои бисёр зишту нописанд дар ҷомеа мегардад, аз ҷумла:

1.Инсони дорои хислати ҳасад қувваву истеъдоди худро сарфи он мекунад, ки ба як нафар ё як гурӯҳ бадӣ кунад ва неъмату дороӣ ва пешрафти онҳоро нобуд созад. Ин кор сабаб мешавад, ки ҳам худи ӯ зарар бинад ва ҳам ҷомеа аз пешрафт боз монад. Пас, агар дар ҷомеа одамони ҳасуд дар сари кор бошанд, ҳатман он ҷомеа ақибмонда мешавад, зеро ин афрод бо истифода аз мақому мансаби худ талошу кӯшиши одамони солимро, ки барои пешрафти худ ва ҷомеа аст, ба шикаст рӯ ба рӯ мекунанд. Бинобар ин, барои пешрафти ҷомеа лозим аст, ин гуна афрод аз корҳои муҳим дур нигоҳ дошта шаванд ва бо ин хислати бад муборизаи ҳамагонӣ ва иҷтимоӣ бурда шавад.

2.Ҳасад сабаби сар задани бисёре аз ҷиноятҳову хиёнатҳо дар ҷомеа мегардад. Агар мо сабабҳои ҷиноятҳоро баррасӣ кунем, ҳатман ба натиҷае мерасем, ки бисёри онҳо ба хотири ҳасодат рух додаанд.

3.Ҳасадкунандагон одатан одамони бемор ва ранҷур ҳастанд. Ин афрод ба хотири нарасидан ба он ҳадафи шуми худ норохат шуда, гирифтори беморихои рӯҳию ҷисмии гуногун мегарданд.

4.Аз назари маънавӣ ҳасад нишонаи камбуди шахсият ва нодонию кӯтоҳфикрии инсон аст. Зеро инсони ҳасадкунанда худро дар расидан ба мақому манзалат ва дороию сарвати дигарон оҷизу нотавон мебинад ва фақат орзуи аз байн рафтани неъмати дигаронро дорад.

5.Дар ниҳоят, шахси ҳасадкунанда бо иноятu лутфи Худованд мухолиф аст ва эътироз мекунад, зеро ҳар чизе, ки дар ин дунё ба одамон мерасад, аз лутфу карами ӯ аст. Бинобар ин, дар ривоятҳо ба ҳамин мазмун омадааст, ки асли ҳасад кӯрдилӣ ва дарк накардани фазли Худованди мутаол аст ва кӯрдилию дарк накардани фазли Худо ду боли куфр аст ва ба сабаби ҳасад фарзанди Одам дар ҳасрати абадӣ гирифтор мешавад.

**Тамаъкорӣ: озмандӣ ва умедвор будан.**

Тамаъ доштан ва озманд будан ду гуна аст, яке ин ки инсон ба лутфу караму атои Парвардигор тамаъ кунад ва дигар ин ки ба ғайр аз лутфу атои Худованд тамаъ варзад.

Навъи аввал хислати хуб аст ва инсон бояд онро дошта бошад. Дар ояти 16-уми сураи Саҷда дар сифати мӯъминони воқеӣ омадааст: *"Аз бистарҳои хоб (барои ибодати шаб) худро ҷудо мекунанд ва Парвардигорашонро бо тарсу умедворӣ мехонанд ва аз он чи рӯзияшон додаем, инфоқ мекунанд"*.

Оре, агар инсон тамаъ дошта бо-

**ДАР ОЯТИ 37-УМИ СУРАИ НИСО ХУДОВАНД БАХИЛОНРО БА КОФИРОН БАРОБАР ДОНИСТА, ОНҲОРО БА АЗОБИ САХТ ТАҲДИД КАРДААСТ ВА ДАР ОЯТИ 24-УМИ СУРАИ ҲАДИД БАХИЛОНРО НИСБАТ БА ФАРМОНИ ХУДО НОФАРМОН ДОНИСТААСТ. ДАР ОЯТИ 38-УМИ СУРАИ МУҲАММАД БОШАД, ХУДОВАНД ТАҲДИД МЕКУНАД, КИ АГАР ДАР ҶОМЕА МАРДУМИ САРВАТМАНД АЗ ДОДАНИ САДАҚА ВА КӮМАК БА МАРДУМИ КАМБИЗОАТ БАХИЛӢ КУНАНД, ОНҲОРО АЗ БАЙН МЕБАРАД ВА БА ҶОИ ОНҲО ИНСОНҲОИ САХОВАТПЕШАВУ ХАЙРХОҲРО РӮИ КОР МЕОРАД.**



шад, бояд аз он манбаи бекарони раҳмату хубиҳо ва ба он атокунандаи беминнат тамаъ кунад, на ба ҷои дигар:

***Гар гадоӣ кунӣ аз даргаҳи он кун боре,***
***Ки гадоёни дарашро сари султонӣ нест.***

Аммо навъи дуюм, ки тамаъ доштан ба молу сарвати дигарон аст, аз хислатҳои бисёр накӯҳида ва нописанд аст. Ин хислат ба ҷону равони одамӣ таъсири бисёр бад дорад ва одамро фурӯмоя ва ҳақир менамояд.

Аз расули Худо (с) ривоят шудааст, ки фармуданд: *"Тамаъ донишу ҳикматро аз дили донишманд мебарад"* ва низ аз он бузургвор нақл шудааст, ки фармуд: *"Аз тамаъ парҳез кун, ки тамаъ фақри ҳозир аст".*

Дар ин ду ривоят зоил шудани ҳикмат (ақлу дониш) ва гирифтор шудан ба фақр натиҷаҳои тамаъварзӣ дар молу сарвати дигарон дониста шудааст, ки бадтарин вазъияти як инсон ҷоҳилӣ ва фақирӣ аст.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ низ дар мавриди тамаъ мувофиқи ривоятҳои дар боло зикршуда андеша ронда, чунин фармудааст:

***Як ҳикоят гӯямат бишнав ба ҳуш,***
***То бидонӣ, ки тамаъ шуд банди гӯш.***
***Ҳар киро бошад тамаъ, алкан шавад,***
***Бо тамаъ кай чашму дил рӯшан шавад.***

***То ту ришват настадӣ бинандаӣ,***
***Чун тамаъ кардӣ, зариру бандаӣ***
***Ҳеҷ дар гӯши касе з-эшон нарафт***
***К-ин тамаъ омад ҳиҷоби жарфу зафт.***
***Гӯшро бандад тамаъ аз истимоъ,***
***Чашмро бандад гараз аз иттилоъ.***

Дурӯғгӯию ҷангандозӣ: хислатҳои бади дигаре ҳастанд, ки Имоми Аъзам (р) дар ин ҷо шогирди худро аз онҳо барҳазар доштааст. Дар бораи дурӯғгӯӣ ва одамонро аз воқеият дур кардан дар каломи Худо ва бузургони дину миллат суханони фаровоне гуфта шудааст. Бузургтарин дурӯғҳо он аст, ки инсон суханеро ба Худо ё пайғамбар (с) ё шариат нисбат диҳад, дар ҳоле ки худ медонад чунин нест ва ин гуна афрод дар Қуръони карим ва дар ривоятҳои пайғамбар сахт мазаммат шудаанд. Аз ҷумла, дар Қуръони карим дар бораи касоне, ки худро намояндаи Худо мегирифтанд ва суханони навиштаи худро ба Худо нисбат медоданд, чунин омадааст: *"Вой бар онҳое, ки суханеро бо дастони худ менависанд ва*

**ДУРӮҒ ГУФТАН ДАР ЗИНДАГӢ ДАР КОРҲО ВА МУОМИЛАҲОИ РӮЗМАРРА НИЗ АЗ ГУНОҲОНИ КАБИРА АСТ ВА ПАЁМАДҲОИ НОГУВОРЕ БАРОИ ИНСОН ДОРАД. ДАР ҲАДИСҲОИ ПАЙҒАМБАР (С) ДАР БОРАИ ОСОР ВА НАТИҶАҲОИ ДУРӮҒГӮӢ ЧУНИН ОМАДААСТ: "ДУРӮҒ РӮСИЁҲӢ (ШАРМАНДАГӢ) МЕОВАРАД", "ДУРӮҒ РИЗҚУ РӮЗИРО КАМ МЕКУНАД", "ДУРӮҒ ИНСОНРО БА САМТИ НОРОСТИЮ ИНҲИРОФ МЕКАШОНАД ВА НОРОСТИЮ ИНҲИРОФ БОШАД, ИНСОНРО БА СӮИ ДӮЗАХ МЕБАРАД".**

*сипас мегӯянд, ин аз тарафи Худо аст, то онро ба баҳои каме бифрӯшанд. Вой бар онҳо, аз он чи ба дасти худ навиштанд ва вой бар онҳо, аз он чи, ки аз ин роҳ ба даст меоранд".* Албатта, ин оят дар бораи он яҳудиёне аст, ки дини Худоро бо дастони худ дигаргун мекарданд ва мардумро бо ин дурӯғпардозӣ аз дарки ҳақиқат дур месохтанд. Ин корро барои расидан ба каме фоидаи моддӣ анҷом медоданд ва ғофил буданд, ки бо ин кор охирати бисёр дарднокеро барои худ фароҳам намудаанд. Аммо ин кор метавонад дар ҳар асру замоне аз тарафи пайравони ҳар дину оине сурат бигирад. Чи басо афроди ҳилагару маккоре, ки барои расидан ба ҳадафҳои шуми худ, дини Худоро дигаргун нишон диҳанд ва мардумони зиёдеро ба гумроҳӣ кашонанд, ки ин қабеҳтарин дурӯғ аст: *"Пас кист ситамкортар аз касе, ки бар Худо дурӯғ бандад, то аз рӯи нодонӣ мардумро гумроҳ кунад".*

Дурӯғгӯён тибқи фармудаи Қуръони карим аз ҳидояти Худованд маҳрум ҳастанд: *"Худованд касеро, ки исрофгар ва дурӯғзан бошад ҳидоят намекунад". Ва низ ин китоби осмонӣ онҳоро аз доираи мӯъминон берун медонад: "Фақат касоне дурӯғпардозӣ мекунанд, ки ба оятҳои Худо имон надоранд ва онон худ дурӯғгӯёнанд".*

Дурӯғ гуфтан дар зиндагӣ дар корҳо ва муомилаҳои рӯзмарра низ аз гуноҳони кабира аст ва паёмадҳои ногуворе барои инсон дорад. Дар ҳадисҳои пайғамбар (с) дар бораи осор ва натиҷаҳои дурӯғгӯӣ чунин омадааст: *"Дурӯғ рӯсиёҳӣ (шармандагӣ) меоварад", "Дурӯғ ризқу рӯзиро кам мекунад", "Дурӯғ инсонро ба самти норостию инҳироф мекашонад ва норостию инҳироф бошад, инсонро ба сӯи дӯзах мебарад".*

Дурӯғ гуфтан дар ҳеҷ ҳоле раво нест, ҳатто ба шӯхӣ ҳам дурӯғ гуфтан ҷоиз нест, зеро аз расули Худо (с) ривоят шуда, ки фармуд: *"Дурӯғ чи ҷиддӣ ва чӣ шӯхии он дуруст нест…"* ва боз фармуд *"Вой бар касе, ки барои хандондани мардум дурӯғ бигӯяд, вой бар ӯ, вой бар ӯ".*

Бузургони адаби миллати мо низ дар пайравӣ аз фармудаҳои Худову пайғамбар(с) суханони гӯшнавозе гуфтаанд, аз ҷумла:

***Агар ҷуфт гардад забон бо дурӯғ,***
***Нагирад зи бахти сипеҳрӣ фурӯғ.***

***

***Забонро магардон ба гирди дурӯғ,***
***Чу ҳоҳӣ, ки тоҷ аз ту гирад фурӯғ.***

***

***Дил наёромад зи гуфтори дурӯғ***
***Обу рӯған ҳеҷ нафрӯзад фурӯғ.***

***

***Аз адаб набвад ба пеши шаҳ мақол,***
***Хоса худ лофи дурӯғину маҳол.***

Аммо ҷангандозӣ, ки фитнагарию эҷоди ошӯб дар ҷомеа аст, дар Қуръони карим бадтар аз куштор муаррифӣ шудааст. Афроди ҷангандоз дар ҳар маҳаллу минтақае, ки набошанд, оромишу осоиши ҷомеаро барҳам мезананд ва дар миёни одамон тухми кинаву адовату душманӣ меафкананд. Ин кор аз гуноҳони кабира ба ҳисоб рафта, ҷазои дунявию охиратии дарднок дорад. Имоми Аъзам (р) низ шогирди худ ва аз тариқи ӯ ҳамаи одамонро аз ин гуна хислатҳо барҳазар доштааст, то аз ин тариқ саодату сарбаландии дунёву охиратро ба даст оранд.



*Мир встревожен появлением в начале 21 века феномена ИДИЛ, представляющего мировую опасность своей жестокостью и агрессивностью. Не случайно обсуждению данной проблемы собрались Лига арабских государств, представители служб безопасности 64государств в Ярославле (28 июля 2015г), намечается проведение в Душанбе заседания глав государств - членов ОДКБ в сентябре этого года. Цель - как предотвратить опасность, исходящую от данного радикального движения. Естественно для принятия решений, прежде необходимо "продиагностировать", сделать анализ причин появления движения, мотивы, политические цели, кто и чьи политические интересы представляют руководители ИДИЛ?*

# ВОВЛЕЧЕНИЕ МОЛОДЕЖИ В РАДИКАЛЬНОЕ ДВИЖЕНИЕ "ИСЛАМСКОГО ГОСУДАРСТВА" И РОЛЬ СЕМЬИ В ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИИ

**Латифов ДЖУРА,**
**профессор**

Прежде всего не следует упрощать проблему, решать ее "кавалерийским наскоком". Ведь этому движению удалось привлечь представителей молодежи из более чем ста государств. В чем притягательная сила ИДИЛ? Какими мотивами руководствуется молодежь, рвущаяся к НЕМУ? Пока ответы мы слышим разные - это безграмотная молодежь, юноши с глубоким религиозным убеждением, безработная часть населения, люди попавшие в глубокую долговую яму от мошенников и прочее. То есть нужен глубокий анализ - психологов, социологов, экономистов, медиков. Здесь можно встретить возражение - а ведь нужны экстренные меры. Чаще они применительно к действиям молодежи сводятся к методам запретов и административных мер.

Представляется, что анализ политического аспекта проблемы - это дело политиков.

Нам же, видимо, следует сосредоточиться на двух направлениях:

1). Проведение исследовательской работы среди вернувшейся части молодежи, точно разобраться с мотивами действий молодежи, примкнувшей к в ИДИЛ. Считаю целесообразным не осуждать их, а просвещать, и вовлекать в активную общественно-полезную работу.

Административным и службам безопасности следует бороться с теми мошенниками, которые обманным путем вовлекли неопытную молодежь на преступную деятельность, разоблачать их в СМИ.

2). Профилактика радикализма-путем реализации научно-обоснованных превентивных мер, упреждающие исход молодежи для джихада в составе ИДИЛ - воспитательные, культурно-познавательные, просветительно-правовые, социально-экономические, физкультурно-оздоровительные и пр.

Прежде чем обменяться с мыслями относительно превентивных мер профилактики радикализма хочется развеять неправильное представление наших обывателей относительно их мнений по поводу причин выезда молодежи в Ирак и Сирию воевать на стороне ИДИЛ.

1). Что якобы -это безграмотная молодежь. Мы уже знаем, что в составе выехавших около 500 в Ирак и Сирию были студенты из Национального, Медицинского и Аграрного университетов. В числе 2000 молодых россиян, примкнувших к ИДИЛ немало студентов ВУЗов России. Дело в том, что руководители ИДИЛ серьезно намереваясь создать свое государство в своих передачах (на 24 языках) приглашают за высокую оплату на работу классных специалистов разных специальностей.

2). Что из европейских государств якобы выезжают в основном мигранты из исламских государств Ближнего и Среднего Востока. Это не верно. Так из Великобритании из числа выехавшей молодежи только 20% составляют мигранты, остальная часть -британцы. Соответственно из 100 примкнувших к ИДИЛ из Бельги, все бельгийцы.

3). Считают, что якобы большая часть молодежи из страны выезжает по причине бедности, из числа безработных. Действительно подобная проблема в республике пока не решена. Но заложенные многочисленные транспортные и энергетические проекты, в будущем создадут возмож-

ность для занятости молодежи.

И сегодня газеты Азия Плюс, Реклама и газет Минтрудзанятости пестрят объявлениями о вакантных местах. Но там, предусмотрены условия, в иных нужно пройти конкурсное интервьюирование т.е нужны хорошие знания, навыки, владение иностранными языками. Те, которые стараются, трудятся, им удается устраиваться на работу. А ленивый, ничего не делая, желает иметь хорошие заработки. Части нашей молодежи характерно безволие, пессимизм, не хватает настойчивости поставить цель и достигать ее упорным трудом. Здесь конечно есть задачи и для государства и родителей. Думается, что государство должно восстановить былую мощную систему профессионально-технического образования, где десятки тысяча молодежи приобретала классные профессии, с которой она была востребована как у себя на Родине, так и его пределами ни в качестве дворников, а в качестве высококвалифицированных кадров - рабочих. Ведь республика не может продолжать экспортировать только сырье, а для использования электроэнергии будущих электростанций необходимо переориентироваться на индустриально-технологическое развитие. Как долго мы будем продолжать продавать алюминий, тогда как соседи из крылатого металла выпускают самолеты. Для этого понадобятся классные специалисты. Из числа выпускников вузов сегодня не все востребованы и могут получить работу. Часть из них могла бы обучаться в профтехучилищах, которых развалили. Как говорится "вместе с водой выплеснули и ребенка". Президент страны на днях подписал указ "о среднем профессиональном образовании молодежи", что позволит в будущем решить очень важную государственную задачу.

Вместе с тем, не следует закрывать глаза на действительные проблемы, которые способствуют негативным поступкам молодежи. Среди тех, кто примкнул к ИДИЛ были и такие которые попав в долговую яму после свадеб по случаю женитьбы не нашли выхода и их выбор был единственно возможным выходом из положения. Очевидно местные органы власти -поселковые, кишлачные строго не соблюдают закон о обрядах. Вместо них на местах верховодят религиозные авторитеты. Надо создавать негативное общественное мнение вокруг тех родителей, которые вымогают по прежнему у бедных семей большие калымы. Именно неблагополучные семьи создают почву для взращивания агрессивной молодежи. Ежегодно в республике распадается около пяти тысяча семей. Спрашивается, как будет складываться судьба детей, оставшихся без отцов или матерей?

Наш президент часто призывает ценить мир и спокойствие. Посмотрите, кругом бушует пламя войны. Очевидно что безопасность это большее достояние, чем бедность. Надо довольствоваться малым, но каждому самому искать выход из трудностей, не надеяться на другого.

4.Некоторые выезд молодежи в Ирак и Сирию, примыкание к ИДИЛ пытаются объяснить ее религиозным убеждением. Так ли это?

Если принять во внимание то, что из числа возвратившихся из зарубежных исламских университетов молодежи, ни один человек не примкнул к указанному радикальному движению, то это означает, что молодежь хорошо, осведомленная про религию ислама не даст себя обмануть фальшивыми лозунгами ИДИЛ, боевики которого ради получения доступа к нефтяным богатствам региона, посягают на самую святую ценность-жизнь человека, что Коран считает главным грехом.

Как мы отмечали выше ИДИЛ в пропагандисткой работе использует самые современные средства информационной технологии. Не случайно большую часть уехавшей в Сирию и рак составляет сельская молодежь из приграничных с Афганистаном районов. А в Шаартузе, Рогуне попавшие под радикальную идеологию молодежи удалось даже вывесить флаг ИДИЛ на зданиях. Мы же чаще защищаемся вместо того, чтобы вести наступательную контрпропаганду. Особую роль должны играть религиозные деятели в разъяснении среди молодежи истинного лица радикальной идеологии ИДИЛ. Методы запрета, закрытие мечетей и исламской гимназии и другие административные меры малоэффективны. Дело в том, что после распада СССР и ее коммунистической идеологии образовался духовный вакуум. Старая система пропаганды и агитации, система воспитания прекратила свое существование.

**НАШ ПРЕЗИДЕНТ ЧАСТО ПРИЗЫВАЕТ ЦЕНИТЬ МИР И СПОКОЙСТВИЕ. ПОСМОТРИТЕ, КРУГОМ БУШУЕТ ПЛАМЯ ВОЙНЫ. ОЧЕВИДНО ЧТО БЕЗОПАСНОСТЬ ЭТО БОЛЬШЕЕ ДОСТОЯНИЕ, ЧЕМ БЕДНОСТЬ. НАДО ДОВОЛЬСТВОВАТЬСЯ МАЛЫМ, НО КАЖДОМУ САМОМУ ИСКАТЬ ВЫХОД ИЗ ТРУДНОСТЕЙ, НЕ НАДЕЯТЬСЯ НА ДРУГОГО.**

Следует помнить, что идеи становятся материальной силой, когда они овладевают сознанием масс. И в системе образования и родители мало знают и делают для разъяснения сущности светской идеологии, не владеют методами пропаганды и агитации. Прежде всего светскость не означает атеизм. Такие развитые государства как Турция, Индия достигли экономического развития, стабильности в внутри конфессиональных отношениях только благодаря проведения в жизнь политики светскости. В Афганистане даже радикальное движение Талибан стало воевать с отрядами ИДИЛ, считая их действия противоречащими нормам Ислама. Действия ИДИЛ Исламская Республика Иран ни только осудила как экстремистское, ни имеющего ничего общего с нормами Ислама.

Минобразования и науки приняло решение с нового учебного ввести новый предмет "История религии" в девятых классах. Теперь следует обучить самих учителей (ни только данного предмета) и ни только по программе данного предмета, но и сущности светского государства.

Принципы светского государства должны пронизывать все программы образования, культуры, СМИ.

Правящая Социал-демократическая партия Таджикистана также должна развернуть систему идеологической (агитационно-пропагандисткой) работы среди населения, по месту работы и жительству.

Великий педагог Макаренко призывал, чтобы воспитательная работа среди молодежи была развернута непрерывно и повсеместно. Родители не всегда знают о том, где и чем занимаются их дети. Особого внимания родителей заслуживают 12 тысяча студентов, обучающиеся в зарубежных высших учебных заведениях. Сегодня телекоммуникация (SKIP, Wiber) позволяет родителям говорить с их детьми "с глазу на глаз". Те несколько сот молодых людей, которые примкнули к ИДИЛ ведь ни в один день пришли к такому роковому решению. Разве родители не могли заметить об их намерениях по их интересам, действиям, отношению в семье, связям с окружающими людьми. Если знали, то следовало, воспрепятствовать их отъезду, предупредить о трагических последствиях, развеять мифы об ИДИЛ. Уже известно о трагических судьбах наших молодых парней, попавших материальному соблазну.

Да, руководители учебных заведений всех уровней после известных событий, связанных с непатриотическим поведением части молодежи Республики забили колокола, повсеместно проведены профилактические беседы, усилен контроль за поведением студентов особенно по пятницам.

Ежегодно, число учащихся и студентов в Таджикистане возрастет на 25 тыс. человек. Это замечательно. Они находятся в среде контроля своих учебных заведений. А сколько молодежи, остается неохваченной учебой из-за нехватки ученических мест и не прохождения тестирование при поступлении в ВУЗ.? Кто за ними следит, чем они занимаются, где они получают воспитание, кто становится их наставниками? Оставшись один на один с самим собой, не имеющая твердых убеждений, молодежь начинает попадать под влияние духовенства, различной СМИ, иностранного вешания, интер-

нет ресурсов. Ведь США ежегодно выделяют на связь с общественностью 25 миллионов долларов через социальные сети.

Родители молодых людей, находящиеся в качестве трудовых мигрантов за пределами страны также должны стараться поддерживать с последними непрерывную связь, знать об их делах, не прекращать наставлять и назидать о необходимости соблюдения порядочности и скромности, лучших таджикских национальных традиций, быть осмотрительным в связях с людьми с сомнительным поведением.

Итак, события минувшего и сегодняшнего дня мы должны анализировать во имя будущего. Речь идет о профилактике экстремизма, довольно серьезного опасной чумы двадцать первого века.

Философы различным образом объясняли мир, а надо было изменить его.

Настало время при правительстве создать какую-то общественную организацию, с включением туда представителей Комитета по делам молодежи и спорта, Министерств обрнауки, культуры и здравоохранения, Академии наук, Комитета по делам религии, административных и исполнительных органов, СМИ, ДОСААФ, родительской общественности по профилактике экстремизма. Разработать комплексные мероприятия, сбалансированные финансово, материально и кадрами. Прошлый опыт показывает, что составленные различные комплексные программы остаются благими намерениями, если они не сбалансированы материально и кадрами. Для этого придется добиваться выделения государственные грантов под специальные проекты.

Дело в том, что когда мы говорим молодежи не занимайся тем то, мы должны ей предложить взамен альтернативу. Вот здесь надо признаться не хватает материальной базы для времяпровождения. Необходимо в Варзобском ущелье и других местах (районах и городах) снести ряд частных и ведомственных дач одноразового пользования и построить места для культурного досуга молодежи: спортсооружения, музыкальные центры, дискотеки, библиотеки, залы для компьютерных игр, кинозалы, кафе и прочее для общего пользования.

Возобновить старые формы агитационно-пропагандисткой работы- лектории, педагогические университеты для родителей, восстановить деятельность общества "Знание", детских комнат милиции и учредить должность педагогов с трудновоспитуемыми в них. В каждом микрорайоне должны быть созданы спортивно - оздоровительные центры.

На должность участковых милиционеров брать преимущественно молодежь с педагогическим образованием.

Все эти меры будут эффективны в том случае, когда главную роль в их реализации сыграет семья. Ибо в таджикской традиционной семье культ матери и отца играет огромную роль. Именно семья является главным средством формирования нравственных качеств человека. Равнодушие по отношению личности ребенка может сделать последнего беспризорным при живых родителях.

Особенно важна позиция семьи при принятии всевозможных решений. Т.К семейные конфликты, сопровождающиеся обычно непримиримостью позиций супругов и их соседей, откладывают в нежную психологии молодого человечка травму. Ученые утверждают, что при семейных скандалах, когда супруг доводят до слез беременную жену, то замечено как ребенок в утробе матери тоже слезиться.

Относительно сотрудничества и ответственности семьи и школы за воспитание детей принято много постановлений. Именно речь идет об объединении их усилий в решении общей задачи. Ибо школа сегодня приобретает ни только роль образовательную, она становится центром воспитания молодого поколения. Отсюда учитель (особенно классный руководитель), с которым ребенок -учащийся пребывает большую часть своего времени, служит и, родителем-воспитателем. А коллектив учащихся и учителей становится и второй семьей для детей.

На каждом уроке, независимо от предмета, учитель должен умело связывать свой предмет с различными аспектами жизни и бытия и в конце занятия давать отчет достиг поставленной воспитательной цели или нет? Тема же должна вызревать из жизни того же класса, действий и повадок учащихся.

Если учитель касается очень острых, чувствительных тем, на подобии настоящего, обсуждаемого, то он прежде всего должен серьезно подготовится психологически. Ибо современные дети не воспринимают пустословие, голые назидания, запреты и угрозы.

Силовое навязывание ребенку своего мнения, без учета мнения ученика, без опоры на его личные качества, учитель не сможет эффективно решать воспитательные задачи. Беседы должны носить форму доверительного диалога. Однообразные (штампованные, стандартные) скучные, менторские беседы учителя не удовлетворяют интересы ребенка. Только учитель-интеллектуал с хорошим ораторским искусством, способен вызвать интерес у детей, убеждать его.

К сожалению, мы стали пренебрегать ролью учителя-психолога в школе. Обратите внимание разве много среди учителей работают учителя -психологи. По штату в каждой школе имеются такие должности. Но кому дают эту роль- как догрузку любому предметнику, и физоргу, трудовику, работнику районо как благотворительный жест. В то время, ка как раз на такие чувствительные темы о религии, политики, истории цивилизаций .межнациональные отношения, эстетика, культура, этика, половое воспитание детей должны вести занятия исключительно учителя-психологи.

Ведь учителя-предметники при своей больших нагрузках (имея 2-3 классных руководства) не располагают свободным временем для того, чтобы подготовится к вышеуказанным темам. Он должен быть психологом.

Администрация школ редко вообще интересуется тематикой "классных часов". Здесь МИНОБРнауки следует переподготовить учителей по всем современным актуальным темам дня.

**К СОЖАЛЕНИЮ, МЫ СТАЛИ ПРЕНЕБРЕГАТЬ РОЛЬЮ УЧИТЕЛЯ-ПСИХОЛОГА В ШКОЛЕ. ОБРАТИТЕ ВНИМАНИЕ РАЗВЕ МНОГО СРЕДИ УЧИТЕЛЕЙ РАБОТАЮТ УЧИТЕЛЯ -ПСИХОЛОГИ. ПО ШТАТУ В КАЖДОЙ ШКОЛЕ ИМЕЮТСЯ ТАКИЕ ДОЛЖНОСТИ. НО КОМУ ДАЮТ ЭТУ РОЛЬ- КАК ДОГРУЗКУ ЛЮБОМУ ПРЕДМЕТНИКУ, И ФИЗОРГУ, ТРУДОВИКУ, РАБОТНИКУ РАЙОНО КАК БЛАГОТВОРИТЕЛЬНЫЙ ЖЕСТ. В ТО ВРЕМЯ, КА КАК РАЗ НА ТАКИЕ ЧУВСТВИТЕЛЬНЫЕ ТЕМЫ О РЕЛИГИИ, ПОЛИТИКИ, ИСТОРИИ ЦИВИЛИЗАЦИЙ. МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ, ЭСТЕТИКА, КУЛЬТУРА, ЭТИКА, ПОЛОВОЕ ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ ДОЛЖНЫ ВЕСТИ ЗАНЯТИЯ ИСКЛЮЧИТЕЛЬНО УЧИТЕЛЯ-ПСИХОЛОГИ.**

А пока главные дежурными темами продолжаю быть такие как опоздания на занятия, ранний уход из урока, дисциплина, успеваемость и прочие скучные для детей темы. В отчетах педсоветов редко вы услышите тем, касающихся индивидуальности и личности учащегося,

В воспитании учащихся огромное значение имеет учет их связи с товарищами, общение в семье и несемейном кругу. Иногда недостатки семейного окружения восполняется в кругу друзей и их семей, но и в неблагоприятных тоже. Поэтому Закон президента страны о воспитании детей в семье совместно со школой было своевременной и важной.

Только в таком содружестве можно успешно решать сложные воспитательные задачи. Пока, что планах воспитательной работы классных руководителей едва ли можно встретить пункты о патриотическом, толерантном воспитании. А в семьях едва ли вы об этом услышите.




# НАҚШИ ЗАН ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

**Роҷеъ ба мавзӯи зан, модар - афифаи хонадон, мураббии фарзандон, билохира ғамхору мушфиқи ҳамагон Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (р) аз нигоҳи хеш андешаҳои басо судбахше роҳандозӣ кардаанд. Мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун ашхоси бонуфузи равияи тасаввуф ҷидду ҷаҳд ва кӯшиши беандоза намудааст, ки суханаш ҳадафрасу таъсирбахш бошад, то ин ки аз мақсадаш шунаванда ё хонанда огаҳӣ ёбад ва пайрави содиқи ӯ гардад.**

Аллома дар мавриди зан, модар бо муҳаббат ва самимият сухан ронда, пеш аз ҳама барои тасдиқи фикраш оятеро аз каломи раббонӣ чун далел оварда, баъдан онро бо лафзи фасеҳи тоҷикӣ шарҳ медиҳад.

Минҷумла, дар асари саршори ғояҳои панду ахлоқӣ "Захират-ул-мулук" оварда: "Қолаллоҳу таъоло: Ва қазо раббука аллотаъбуду илло ийёҳу ва бил волидайни эҳсоно" (сураи Исро, ояти 23). Ҳазрати самадият азза ва ҷалла мефармояд, мо, ки Худованд ва Парвардигорем, ҳукм кардем ба Шумо, бандагонед, ки ғайри ҷаноби кибриёи моро бандагӣ накунед ва дар ҳаққи модар ва падар некӯ бошед.

Носеҳи арҷманд барои дар ҳаққи волидайн некӯӣ варзидан баъдан меорад: "Ҳаким ибни Ҳизом гуфт: аз Ҳазрати Расул алайҳиссалом пурсидам, ки ба кӣ некӣ кунам? Ӯ гуфт: Ба модар. Гуфтам: пас аз он ба кӣ? Гуфт: Ба модар. Гуфтам: пас аз он ба кӣ? Гуфт: ба модар. Гуфтам: Пас аз он ба кӣ? Гуфт: Ба падар".

Алоӣ (тахаллуси шоирии олим - П.Қ.) бо далоили шаръӣ исбот кардаанд, ки қаробати раҳм муътақид аст, яъне модар, ки мушфиқу ғамхор аст, дуои меҳрубон иҷобатшаванда аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (р)аз он ифтихорманданд, ки Парвардигори азимушшаън беҳтарин сифат - хӯи некӯро барои модарон арзонӣ доштааст.

"Анас ибни Молик ривоят кард, ки расул алайҳиссалом такрор ба такрор мефармуданд, ки хӯи нек гуноҳонро мезудояд".

Оре, мартабаи бузургии модар ҳам дар ҳамин мақоми баланд аст.

Шоҳи Ҳамадон аз беэҳтиромӣ нисбат ба модарон фарзандонро сахт огоҳ сохта таъкид менамоянд, ки азизтарин неъмат ва беҳтарин ҳикмат хушнуд гардонидани волидайн аст.

Ба ин маънӣ чунин ривоят оварда: "Расул алайҳиссалом фармуд, ки ҳар кӣ бомдод бархезад ва бар ҳоле бувад, ки модар ва падар аз вай хушнуд бошанд, он рӯз ду дар аз биҳишт ба рӯи вай бикшоянд ва агар модар ва падари ӯ яке зинда бошанд, як дар бикшоянд".

Носеҳи гиромиқадр ба заҳмати модар арҷгузорӣ карда, оид ба эҳтиром ва бузургвории модар, ки сабаби ба олами ҳастӣ овардани фарзанд мегардад, дар тифлӣ бо вуҷуди аҷзу нотавонӣ ва беморииӣ фарзанд, ба ӯ нигоҳи раҳмат мекушояд, ба ҳама аҷру подошҳо ва некӯиҳо арзандааст.

Пири маърифат фарзандонро ҳушдор медиҳад, ки падару модар дар пиронсолӣ ба раҳмату шафқати фарзанд ниёз доранд. Аз ин рӯ, фарзанд уҳдадор аст, ки дар адои ҳуқуқи фарзандӣ масъулият ва ҷавобгарӣ эҳсос намояд.

Дар хабар аст, ки Ҳақ ҷалла ва ало ваҳӣ фармуд ба Мӯсо алайҳиссалом, ки "Эй Мӯсо, ҳар кӣ ба адои ҳуқуқи модар ва падар қиём намояд ва ҳуқуқи бандагии мо ба ҷой оварда ва дар ҳуқуқи падару модар тақсир кунад, мо ӯро аз бадкорон нависем".

Дар ҳадисе аз Паёмбари акрам (с) омадааст: "Некӯӣ ба

волидайн фозилтар аз намоз, рӯза, ҳаҷ ва умра, ғазо дар роҳи Худои азза ва ҷалла аст.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки бузургвор дар мавриди адои ҳаққи падару модар оварда: "Молик ибни Рабиъа ривоят кард, ки назди Расул алайҳиссалом нишаста будам ва ҷамъе аз саҳоба, ки шахсе аз Банӣ Салама ба назди он ҳазрат омад ва суол кард: Эй Расули Худой, ҳеҷ ҳаққе аз он модар ва падари ман мондааст бар ман, баъд аз он ки вафот ёфтаанд? Расул алайҳиссалом фармуд: Бале, дуои хайр бар эшон ва омурзиш хостани эшон ба ҷо овардан ва дӯстони эшонро гиромӣ доштан".

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳаққу ҳуқуқи як тоифа модароне, ки табааи фармон набуда, дурӯғгӯй, васвасабоз, бадмуомила, бадрашк ва сабукпою бадтинатанд, суханони хеле дардомез ва таъсирнок мегӯянд, зеро онҳо худро аз хулқи накӯ бенасиб мегардонанд.

Ӯ аз номи модари бузург Оиша (р) оварда: "Оиша (р) ривоят карда, ки Расул алайҳиссалом фармуд, ки ба дурустӣ, ки мӯъмин ба василаи хулқи некӯ дармеёбад, дараҷаи касоне, ки шабро ба ибодати Ҳақ ба пой медоранд ва дар рӯз рӯза медоранд".

Умедворем, ки бонувони гиромӣ ин аҷру подошҳои модари азизамонро холисан дарёфта, дар роҳи сиротал мустақим гом зананд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ёдрас менамояд, ки Худованд одамиро аз ду ҳақиқат офаридааст: Яке сурати зоҳир, ки онро халқ гӯянд, дувум сирати ботин, ки онро хулқ хонанд ва ҳар якеро аз ин ду ҳақиқат ҳусне ва қубҳе ҳаст.

ДАР БОБИ ҲАҚҚУ ҲУҚУҚИ ҲАМСОЯГӢ ВА НАКӮИҲО КАРДАН БУЗУРГВОР РИВОЯТЕ ОВАРДА: "ҲАЗРАТИ ҶАББОР БА БАНДАЕ ХИТОБ КАРД: -ЭЙ БАНДА,МАН ДАР ДУНЁ АЗ ТУ НОНУ ҶОМА ХОСТАМ, МАРО ТАОМУ ҶОМА НАДОДӢ? ГӮЯД ОН БАНДА: ИЛОҲО, ИН ЧӢ ГУНА АСТ? ГӮЯД: ФАЛОН КАС ДАР ҲАМСОЯГИИ ТУ ГУРУСНА БУД ВА ФАЛОН КАС БАРАҲНА ВА ҶАЛОЛЕ, КИ ИМРӮЗ ТУРО МАҲРУМ ГАРДОНАМ, ЧУНОН КИ ЭШОНРО МАҲРУМ ГУЗОШТӢ".

Бузургвор бар он ақидаанд, ки агар ҳусни сират камол наёбад, чун илм, ҳикмат, тақво, саховат, шуҷоат, ҳилм, тавозуъ, иноят ва иффат ба эътидоли сифати ҳамида намерасад.

Имрӯзҳо ҳавобаландони кибру ғурур, бузургӣ ва ҳурматро дар сару либоси фохира, қиматбаҳо ва ангуштарину ҷиҳози тиллоӣ меҷӯянд. Ҳол он ки Оиша (р) ривоят карда: Боре Абӯҷаҳим ибни Ҳудайфа ҷомаи суфи сиёҳ, ки бар вай алами (нишонаи) сафед буд, ба ҳадя назди пайғамбар алайҳиссалом бипӯшид ва дар вай намоз гузорид. Чун аз намоз баргаштанд он ҷомаро аз тани муборaки худ баркашид ва гуфт: -Эй Оиша, инро боз гардон ба Абӯҷаҳим, ки ман дар намоз назар ба вай афкандам, наздик буд, ки маро аз Ҳақ машғул гардонд".

Дар байни модарони гиромӣ бонувоне вомехӯранд, ки ғайбат кардан, дар кӯчаю ҳавлӣ соатҳо гап задан ва шунидани суханони фитнаангезро дӯст медоранд.Ҳамадонӣ дар боби сеюми "Захират-ул-мулук" ёдрас менамояд: "Расул алайҳиссалом фармуда: "Ғайбаткунанда ва ғайбатшунаванда дар гуноҳ баробаранд".

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар масъалаи одоби никоҳ, ҳуқуқи завҷ ва завҷа оварда: "Ҳар кӣ зан хоҳад, барои Худой, то дини худро дар ҳисор орад ва нафси худро дар ҳисор орад. Касе, ки дар роҳи ҳақ гом зада ба никоҳ содиқ мемонад, он кас мустаҳақи қурбат ва дӯстии Ҳазрати Ҳақ гардад".

Биноан, боиси арҷгузорист, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 - Соли оила матраҳ гардид. Тибқи маълумот, дар ҷомеа вайроншавии оилаҳо, ба хусус оилаҳои ҷавон бештар рух медиҳад, ки боиси нигаронӣ гаштааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкидан арза медорад: "Ҳақ ҷалла ва ало мефармояд, ки ба занони ҳаққу ҳалоли хеш зиндагӣ кунед, ба некӣ ва хулқи хуш. Ва ахиран васияте, ки Расул алайҳиссалом дар ҳолати реҳлатфармуд: "Аз Худо битарсед ва ҳуқуқи занонро риоят кунед, ки эшон асиронанд, дар дастҳои Шумо". Ӯ ба ин маънӣ ҷонибдори побарҷоии оила, ростиву ростгорӣ ва якдигарфаҳмист, зеро ки Худованди бузург ва пайғамбар (с) эҳтиром ва риоя намудани пойдории инсондӯстиро пайваста талқин менамоянд. "Ба дурустӣ, ки Худо омурзандаи меҳрубон аст" (сураи Нисо, ояти 23).

Барҳақ, бисёр волидайн амалҳои номатлуби фарзандонро мисли дурӯғгӯӣ, дуздӣ, авбошӣ, даст ба маводи нашъаовар доштан ва ҳоказоро медонанд, ҳатто эҳсос мекунанд, вале бемасъулиятӣ зоҳир карда, оқибат ба мушкилоти нангине рӯ ба рӯ мегарданд. Ба ин маънӣ бузурвор ривояте гуфта:

"Рӯзе Абӯмӯсои Ашъарӣ хизонаи Байтулмолро ҷорӯб мекард, ки як дирам ёфт. Кӯдакеро дид, аз фарзандони Умар (р), дирам ба дасти он кӯдак дод".Умар (р) он дирамро дар дасти кӯдак мебинад. Гуфт, ки аз куҷо овардӣ? Гуфт, Абӯмӯсо ба ман дод. Абӯмусоро талаб кард ва гуфт, дар миёни халқ аз фарзандони Умар душмантар касе набуд туро, ки ин дирам ба ӯ додӣ? Мехостӣ, ки дар қиёмат ҳама мустаҳаққони уммати Муҳаммад (с) дар Умар даровезанд, аз барои як дирам. Он дирам аз он тифл бигрифт ва ба Байтулмол бозфиристод".

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҳукамо ва сарварон иҷобати дуо доштанд, ки дар ҳалли муаммоҳои душвори зиндагӣ барои дарёфти ҳақиқати амр, ҳукм ва фармоишот то ҷое кӯшиши раҳоиш ба харҷ диҳанд, чуноне дар хабар аст, ки "ду заифа пеши Сулаймон (а) омаданд ва ҳар ду бар кӯдаке даъво карданд ва ҳар ду аз исбот оҷиз гаштанд. Сулаймон (а) фармуд, ки тифлро ду нима кунанд ва ҳар як заифаро як ним бидиҳанд. Чун шамшер баркашиданд, аз он ду заифа яке беқарор шуд ва гуфт, ки вайро накушед, ки ман аз ҳаққи худ гузаштам, вале дар заифи дигар ҳеҷ асар пайдо наёмад. Сулаймон (а) бифармуд, то тифлро ба он заифа, ки аввал гуфт, доданд, ки донист, модар ӯ буд, ки чун куштан шунид, меҳри модарӣ ба ҳаракат даромад ва аз ҳаққи худ бигзашт, то фарзанди ӯ солим монад".

Аз нигоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, зан-модар, кадбонуи хона, фармонбардор, намозхон, ҳалиму меҳрубон, ростгӯю дурандеш, пурсабру тоқат ва порсо бошад. Дар тарбияи фарзанд нақши муассир гузорад. Расули акрам (с) фармуд, ки дар биҳишт дарнаояд, ҳар кӣ дар дили ӯ як зарра кибр бувад.

Расули Худо (с) дар ҳадисе гуфт: "Ҳар кӣ айб ва гуноҳи мусулмоне бипӯшад, Худои таъоло гуноҳони ӯро дар дунё ва охират бипӯшад".

Дар боби ҳаққу ҳуқуқи ҳамсоягӣ ва накӯиҳо кардан бузургвор ривояте оварда: "Ҳазрати Ҷаббор ба бандае хитоб кард: -Эй банда,ман дар дунё аз ту нону ҷома хостам, маро таому ҷома надодӣ? Гӯяд он банда: Илоҳо, ин чӣ гуна аст? Гӯяд: Фалон кас дар ҳамсоягии ту гурусна буд ва фалон кас бараҳна ва ҷалоле, ки имрӯз туро маҳрум гардонам, чунон ки эшонро маҳрум гузоштӣ".

Барҳақ, дар байни мардум мақоле машҳур гашта: "Ҳамсояи хуб аз хеши дур беҳ!".

Эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сар то по баёнгари ахлоқи ҳамидаи инсонӣ буда, суханони ҳакимонаи ин пири маърифат дар ҳама давру замонҳо сармашқи амалу зиндагии насли башар хоҳанд буд.

Ба ин маънӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фармуда:

*Касе к-аз сирри маънӣ бохабар шуд,*
*Дар ӯ гунҷоиши шодию ғам нест.*

***Қурбонов ПИРАЛӢ, омӯзгори мактаби рақами 52,***
***ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ***



# МАСҶИД ДАР ИСЛОМ

Назрулло НАЗАРОВ,
Шаҳлохон МУРОДАЛӢ

Подшоҳи Урдун Абдуллоҳи II соли 2006 эълон кард, ки ният дорад, дар қисми шарқии Масҷиди Ақсо аз ҷониби кӯҳи Ҷабали зайтун манораи азони панҷумро бо номи "Манораи Ҳусайн" бисозад. Тибқи нақша он баландтарин манора дар шаҳри қадимаи ал-Қудс хоҳад буд.

**Масҷиди Ақсо**, чи тавре қаблан ишора рафт, дорои 15 дар аст, ки имрӯз 10-тои он кушода ва боқӣ бастаанд. Дарҳои кушода: Бобу-л-асбот (Бобу-л-усуд), Бобу ҳитта, Бобу-л-утм (ё Бобу-л-Файсал), Бобу-л-ғавонима (ё Бобу-л-Валид), Бобу-н-нозир, Бобу-л-ҳадид, Бобу-л-Қаттонин, Бобу-л-матҳара (таҳоратхона), Бобу-с-силсила (ё Бобу-н-набӣ Довуд), Бобу-л-мағориба. Аммо дарҳои баста: Бобу-л-мунфарид, Бобу-с-сулосӣ, Бобу-л-муздавиҷ, ал-Бобу-з-заҳабӣ (ё Бобу-р-раҳма) ва Бобу-л-ҷаноиз.

Дар Масҷиди Ақсо 2 долон, яке аз шимол ва дигар аз ғарби масҷид роҳрави сарпӯшида дар аҳди Мамолик сохта шуда, ба дарозои он мадрасаҳо ҷойгир шудаанд.

Мусаллам аст, ки рисолати масҷид аз рӯзи нахуст дар ислом бо салоту тоату ибодат маҳдуд нашуда, таълиму тарбияро низ фаро мегирад. Масҷиди Ақсо, ки дар мақому манзалаташ боло аст, дар нашри улуми исломӣ дар тӯли таърих нақши босазо бозидааст. Мадориси Масҷиди Ақсо, ки то имрӯз ҳамчун ёдгор боқӣ мондаанд, 12-то буда, муҳимтарини он маҷмааи мадорис ва боғчаҳои исломии ал-Ақсо ба шумор мераванд. Ин маҷмаа теъдоде аз бахшҳо дар хориҷи масҷид низ кушодааст ва имрӯз амал мекунанд.

Ба ғайр аз он мадрасаҳои зерин ба дарозои долон ҷойгир шудаанд: мадрасаи Бакрия (ё Даводория), Ғодирия, Босития, Аминия, Малакия, Асъария, Манҷакия, Усмония, Ашрафия, Тангизия ва Умария, ки ҳар яке бо номи шахси бунёдгари он номгузорӣ шудааст. Мадрасаи Умария дар навбати худ се мадрасаро (Муҳдасия, Сабибия ва Ҷовлия) дарбар мегирад.

Яке аз аломатҳои санъати меъмории маҷмааи Масҷиди Ақсо бинои пештоқҳо аст, ки ба ин макони муборак ҳусн зам кардааст. Дар саҳни масҷид 8 пештоқ аз мармари ороишдода бо номҳои зерин номгузорӣ шудаанд: пештоқи шимолӣ, пештоқи шимолу ғарбӣ, пештоқи ғарбӣ, пештоқи ҷанубу ғарбӣ, пештоқи ҷанубӣ, пештоқи ҷанубу шарқӣ, пештоқи шарқӣ ва пештоқи шимолу шарқӣ.

Ҳамчунин, дар маҷмааи Масҷиди Ақсо чашмаҳои об баровварда шудааст, ки ададаи он 14 ва дар шакли чашма, ҳавзи пӯшида ва ҳавзи кушода сохта шудаанд. Масалан, сабилу-л-Каъс, сабил Шаълон, сабилу-л-Бусайрӣ, сабил Қайтибой, сабил Қосим-пошо, сабил Сулаймони Қонунӣ, сабил Бобу-л-мағориба ва Боб ҳитта, сабил шайх Бадир, сиҳриҷ Муаззам Исо Айюбӣ ва бирка Норинҷ.

Васфи муфассали Масҷиди Ақсо ва сайри таърихии он ифодагари мақоми воло ва маҳбубияти ин макон дар назди Худову Пайғамбар ва ҷумлаи мусулмонон аст. Бар қудсияти ин масҷид, ки пеш аз ҳама, ояти раббонӣ дар сураи "Исро" далолат мекунад, ки ба он дар

боло ишора рафт. Ҳамчунин ин масҷид ҳамроҳ бо Масҷиди Ҳаром дар Маккаи мукаррама ягона масҷидҳое мебошанд, ки ном ва макони онҳо аз ҷониби Худои Таъоло муқаррар гардидааст.

Фазилати Масҷиди Ақсоро чанде аз аҳодиси набавии шариф таъкид кардаанд. Аз ҷумла:

***Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз), аз пайғамбар Муҳаммад (с) ривоят аст, ки фармуданд: Як намоз дар Масҷиди Ҳаром (баробар бо) сад ҳазор намоз ва як намоз дар масҷиди ман (баробар бо) ҳазор намоз ва дар Байтилмақдис панҷсад намоз аст".***

Дар ҳадиси саҳеҳи дигар дар "Сунан"-и Ибни Довуд аз Умми мӯъминин Умми Салама (рз) овардаанд, ки гуфт: Шунидам расули Худоро (с), ки фармуданд:

***"Ҳар ки аз Масҷиди Ақсо ба нияти ҳаҷ ё умра ба сӯи Масҷиди Ҳаром барояд, гуноҳҳои гузашта ва ояндааш омурзида шавад".***

Шараф ва эътибори ин макони муборак ва муқаддас дар ислом ба дараҷае буд, ки расули Худо (с) пайваста дар ҳар мавриди муносиб ёрону пайравони худро ба алоқамандӣ ба он даъват мекарданд. Дар "Муснад"-и имом Аҳмад ба ривояти Зиласобеъ (рз) омадааст:

***"Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, агар баъди Шумо дар ҷое мондан лозим ояд, дар куҷо моро мефармоед? Фармуданд: дар Байтилмақдис бош, бодо аз ту фарзандоне пайдо шаванд, ки ба он масҷид рафтуо кунанд".***

Басо ҳузновар аст, ки имрӯз Масҷиди Ақсо таҳти асорат ва истилои яҳуд қарор дошта, барои уммати муҳаммадия дастнорас боқӣ мондааст. Зиёда аз он, ба ин масҷид, ки дар дилу дидагони мардуми мусулмон ҳамчун нахустқибла ва сеюмин муҳимтарин масоҷиди сегона арзи вуҷуд кардааст, хатари нобудшавӣ таҳдид мекунад. Баъди чандин кӯшишҳои харобсозӣ акнун кофтуковҳои археологии бефоидаи яҳуд дар зери он бо даъвоҳои барқарорсозии Ҳайкали (Маъбади) Сулаймон мақсади палид гузоштааст, то ин макони азизу мӯътабарро пурра хароб кунад. Умед аст, ки ҷомеаи байналмилалӣ, бахусус давлатҳои исломӣ ба амалӣ шудани ин ниятҳои бад роҳ нахоҳанд дод.

**Масҷиди Қубо** дар Мадинаи мунаввара нахустин масҷид дар ислом ба шумор меравад, ки онро пайғамбари Худо Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) дар рӯзи аввали ҳиҷрат ба Ясриб бунёд карданд. Мавзеъ дар ҷанубу ғарби Мадина дар диёри Бани Амр ибни Авф ва ба миқёси имрӯза дар масофаи 5 км аз Масҷиди набавӣ воқеъ гардидааст. Овардаанд, ки дар он макон ҷоҳи оби саҳобии ҷалил Абуайюби Ансорӣ (рз) низ будааст, ки дар он модашутури савории расули Худо (с) баъди вуруд ба он диёр дар масофаи наздик ба Ясриб хуспида, бад-ин васила ҷои фуруд омадан ва таваққуфи он Ҳазрат муқаррар шудааст.

"Қубо", чи тавре дар "Мӯъҷаму-л-булдон"-и Ёқути Ҳамавӣ омадааст, дар асл номи ҳамон ҷоҳ аст, ки ба Абуайюби Ансорӣ (рз) нисбат дода шуд.

Сохтмони масҷид, чи тавре Ибни Исҳоқ ва дигар муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ зикр кардаанд, бо иштироки бевоситаи ҳазрати Пайғамбар (с) сурат гирифтааст. Пайғамбар (с) санги аввалро, сипас ёрони он Ҳазрат Абубакри Сиддиқ, Умари Форуқ ва Усмони Зиннурайн (рз) ба навбат дар бунёди масҷид санг гузоштанд.

Дар аввал масҷиди Қубо бо тарзи меъмории содда дар масоҳати 70 метр сохта шуда, аз се дар ва даҳлез иборат буд, деворҳояшро аз гил ва қисмате аз намозгоҳи онро ҷиҳати паноҳӣ аз борон бо сақф аз шохи нахл пӯшиданд.

Дар аҳди Умар (рз) масоҳати масҷид то 98Х98 метр васеъ карда шуда, ба вай ду дари дигар ва сутунҳои чӯбӣ изофа гардид. Аммо дар аҳди Усмон (рз) масҷидро таҷдид намуда, сутунҳои

**ИМРӮЗ ДАР ҚИСМАТИ ҒАРБИИ МАДИНАИ МУНАВВАРА ҚАДИМАН ДАР МАҲАЛЛАИ БАНӢ САЛАМА МАСҶИДЕ БО НОМИ "МАСҶИДИ ҚИБЛАТАЙН" ВОҚЕЪ ГАРДИДААСТ, КИ ТИБҚИ БАЪЗЕ РИВОЯТҲО, ТАҒЙИРИ ҚИБЛА АЗ МАСҶИДИ АҚСО БА МАСҶИДИ ҲАРОМ ҲАНГОМИ НАМОЗ ДАР ОН СУРАТ ГИРИФТААСТ, ВАЛЕ ДАР АСЛ РИВОЯТҲОИ МУЪТАБАР ВА АҲОДИСИ ВОРИДА ДАР "САҲЕҲАЙН" БАР ОН ДАЛОЛАТ МЕКУНАНД, КИ НАМОЗГУЗОРОН МАҲЗ ДАР МАСҶИДИ ҚУБО ТАҒЙИРИ ҚИБЛА КАРДААНД.**

чӯбиро бо сангӣ иваз карданд. Сипас Умар ибни Абдулазиз ҳангоми амири Мадина буданаш (706-711) ба масҷид манора ва меҳроб сохт.

Минбаъд, дар соли 1160 Камолиддини Исфаҳонӣ, сипас дар аҳди хилофати усмонӣ, охиринаш дар аҳди халифаи усмонӣ Султон Маҳмуди Сонӣ (1808-1839) ва писараш Султон Абдулмаҷид (1839-1861) масҷиди Қубо борҳо мавриди таҷдид ва тавсеа қарор гирифтааст.

Охирин тармими меъморӣ ва тавсеи масҷид соли 1407ҳ/1986м дар аҳди подшоҳи Арабистони Саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз оли Сауд сурат гирифт, ки он то имрӯз боқӣ мондааст.

Мақому манзалат ва фазилати Масҷиди Қубо дар ислом аз чанд лиҳоз ниҳоят баланд ба шумор меравад. Ин масҷид, қабл аз ҳама, ҳамчун нахустин масҷид дар ислом бо дастони муборакн пайғамбари Худо (с) ва саҳобагон сохта шудааст. Дигар он аст, ки Худованди Азза ва Ҷалла бунёди ин масҷидро аз рӯзи аввал бар тақво номида, дар ин оятҳои қуръонӣ ҳамчун иморате васф кардааст, ки бо он масҷиди тақвоасосро аз масҷиди зиёновар, яъне масҷиди ҳақ ва муттаҳидсозро аз масҷиди ботил ва фитнаву тафриқаангез ҷудо мекунад:

***"Ва (аз онҳо) касонеанд, ки барои зиён расонидан ва ба ҷиҳати куфр ва барои тафриқа афкандан миёни мӯъминон ва камингоҳ сохтан барои онон, ки пеш аз ин бо Худову пайғамбари Ӯ ҷанг кардаанд, масҷид сохтаанд; ва, албатта, савганд хӯранд, ки ба ҷуз кори некӯ чизеро нахостаем. Ва Худо гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дурӯғгӯ ҳастанд. (108). Он ҷо ҳаргиз маист! Ҳароина масҷиде, ки аз рӯзи аввал бар (нияти) тақво бунёд ниҳода шудааст, созовортар аст, ки он ҷо (ба намоз) биистӣ. Дар он ҷо мардоне ҳастанд, дӯст медоранд, ки пок шаванд. Ва Худо покшавандагонро дӯст медорад. (109). Оё касе, ки иморати худро бар тарс-горӣ аз Худо ва хушнудии Ӯ бунёд ниҳодааст, беҳтар аст, ё касе, ки иморати худро бар канораи замини рӯдхӯрдаи наздик ба афтодан бунёд ниҳодааст, ки пас, бо соҳиби худ дар оташи дӯзах афтад? Ва Худо гурӯҳи ситамгаронро роҳ наменамояд. (110). Иморате, ки онҳо бунёд кардаанд, ҳамеша сабаби шак дар дилҳояшон бошад, магар он ки дилҳояшон пора-пора карда шавад. Ва Худо Донои Дурусткор аст"*** *(сураи ат-Тавба, оятҳои 107-110).*

Ҳамчунин, аз фазилатҳои ин масҷид дар як намоз ба ду қибла намоз гузоридан, яъне, аз қибла ба самти Масҷиди Ақсо дар Фаластин ба самти ал-Масҷиди Ҳаром дар Макка рӯ овардани намозгузорон аст.

Имрӯз дар қисмати ғарбии Мадинаи мунаввара қадиман дар маҳаллаи Банӣ Салама масҷиде бо номи "Масҷиди қиблатайн" воқеъ гардидааст, ки тибқи баъзе ривоятҳо, тағйири қибла аз Масҷиди Ақсо ба Масҷиди Ҳаром ҳангоми намоз дар он сурат гирифтааст, вале дар асл ривоятҳои муътабар ва аҳодиси ворида дар "Саҳеҳайн" бар он далолат мекунанд, ки намозгузорон маҳз дар Масҷиди Қубо тағйири қибла кардаанд.

Аммо он масҷиде, ки имрӯз бо номи "Масҷиди қиблатайн" шӯҳрат дорад, дар ҳақиқат масҷидест, ки дар замони пайғамбари Худо (с) дар маҳаллаи Банӣ Салама, ки аз эшон Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ва чанде саҳобагони дигар баромадаанд, сохта шудааст. Овардаанд, ки ибораи Пайғамбар (с) "Диёри шумо осори қадамҳоятонро менависад" дар ҳаққи Банӣ Салама гуфта шудааст, ки масофаро аз диёри худ то Масҷиди набавӣ дур медонистанд.

Дар "Саҳеҳайн" овардаанд, ки на-

моз (намози бомдод) ба ду қибла на дар ин масҷид, балки дар Масҷиди Қубо хонда шудааст.

Дар ин ҳадиси набавӣ ба ривояти имом Бухорӣ омадааст:

***"Ривоят кард ба мо Холид ибни Махлад, ривоят кард Сулаймон, ривоят кард ба ман Абдуллоҳ ибни Динор аз Ибни Умар (рз), вақте мардум дар намози бомдод дар (масҷиди) Қубо буданд, марде ба назди онҳо омад, пас гуфт: Бар Расулуллоҳ (с) имшаб оят нозил шуд ва ба ӯ амр карда шуд, ки рӯ ба сӯи Каъба орад".***

Чи тавре дар ҳадиси дигар аз Бароъ ибни Озиб (рз) омадааст:

***"Расули Худо (с) ба сӯи Байтилмақдис шонздаҳ ё ҳафдаҳ моҳ намоз гузориданд ва расули Худо (с) дӯст медоштанд, ки рӯ ба сӯи Каъба баргардонида шаванд ва Худо нозил кард: "Ба дурустӣ ки Мо гаштани рӯи туро дар ҷониби осмон мебинем...", пас ба сӯи Каъба рӯй оварданд".***

Ибни Ҳаҷар дар шарҳи "Саҳеҳ"-и имом Бухорӣ тартиби таҳвили қиблаpo дар он намоз васф карда мегӯяд, ки имом баъди шунидани нидои таҳвили қибла аз пешгоҳи масҷид ба охири масҷид омада, рӯ ба Каъба оварад ва намозгузорон дар ҷойҳои худ ба қафо рӯ оварда, намозро аз паси имом идома доданд.

Дар аҳодиси набавӣ зикр шудааст, ки Пайғамбар (с) баъзан аз Масҷиди Қубо дидан мекарданд ва дар "Саҳеҳайн" ба ривояти Ибни Умар (рз) он Ҳазрат (с) савора ё пиёда (ба ривояти дигар - ҳар рӯзи шанбе - изофа шудааст) ба Масҷиди Қубо омада, дар он ду ракъат намоз мегузориданд. Ба ривояти имом Аҳмад ва имом Тирмизӣ бо тасҳеҳи Суютӣ расули Худо (с) фармуданд: "Намоз дар Масҷиди Қубо ба умра баробар аст" ва ё дар "Сунан"-и Ибни Моҷа ва Насоӣ аз Саҳл ибни Ҳаниф (рз) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) дар сифати Масҷиди Қубо фармуданд: "Ҳар ки дар хонааш таҳорат карда, сипас ба Масҷиди Қубо ояд ва дар он намоз гузорад, варо мисли подоши умра бошад". Ҳамин тавр савобу баракати намоз дар ин нахустин масҷиди мусулмонон, ба истиснои масоҷиди сегона, афзалтар аз дигар масоҷид аст.

**Масҷиди Басра** дар Ироқ аввалин ва муҳимтарин масоҷиди хориҷи Макка ва Мадина буда, дар аҳди халифа Умар ибни Хаттоб (рз) аз ҷониби волии Басра Утба ибни Ғазвон сохта шудааст.

Дар аввал бинои масҷид аз шоху танаи нахл буда, дар натиҷаи сӯхтор хароб шуд, вале дар аҳди халифа Умар ибни Абдулазиз (717-720м) аз хишт таҷдид гардид ва дар хилофати Аббосиён бори дигар дар натиҷаи сел осеб дид ва онро бори дигар таҷдид ва тавсеа карданд.

Аҳамияти ин масҷид, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар он Амирулмӯъминин Алӣ ва Уммулмӯъминин Оиша (рз) намоз гузоридаанд, минбаъд Зиёд ибни Абиҳ хутбаи машҳури худро бо номи "ал-Батро" хондааст.

Дар аҳди Аббосиён масҷиди мазкур ба муҳимтарин маркази илмӣ табдил ёфта, дар назди он аввалин мадрасаи фиқҳӣ ташкил шуд, ки Ҳабру-л-Умма ва Тарҷумону-л-Қуръон саҳобии ҷалил Абдуллоҳ ибни Аббос (р) (618-687) муддате дар он дарс додааст. Дар канори ин масҷиди бузург зумрае аз олимону фақеҳони шинохта Ҳасани Басрӣ, Восил ибни Ато ва дигарон таълим гирифтаанд.

**Масҷиди Куфа** дар Ироқ яке аз қадимтарин масоҷид дар ислом ба шумор меравад. Ривоят мекунанд, ки мавзеи ин масҷид ибодатгоҳи малоика қабл аз хилқати Одам (а) будааст. Ба ривояти дигар, он қитъаи заминест, ки Офаридгор онро муборак гардонида, ҳамчун ибодатгоҳи ҳазрати Одам (а) ва баъди он ибодатгоҳи анбиёву авлиё ва солеҳин дониста шудааст.

Дар фазли масҷиди Куфа оварда-

**МАҚОМ ВА НАҚШИ МАСҶИДИ КУФА БАЪДИ ИНТИҚОЛИ ХАЛИФАИ ЧАҲОРУМИ РОШИДИН АМИРУЛМӮЪМИНИН АЛӢ ИБНИ АБИТОЛИБ (РЗ) БА ШАҲРИ КУФА АФЗУДА, БА МАРКАЗИ НАШРУ ТАБЛИҒ МУБАДДАЛ МЕГАРДАД. ҲАЗРАТИ АЛӢ (РЗ) ДАР ПАҲЛУИ МАСҶИД МАСКАН ИХТИЁР КАРДА, НАМОЗГУЗОРОНРО ДАР ОН ТО ЛАҲЗАИ БА ШАҲОДАТ РАСИДАН ИМОМАТӢ КАРД. ШАҲОДАТИ ИМОМ НИЗ ҲАНГОМИ НАМОЗИ БОМДОД ДАР САҲНИ ИН МАСҶИД СУРАТ ГИРИФТААСТ.**

анд, ки Худои Таъоло бар мусофир тақсири намозро ҳукм кардааст, ба ҷуз чаҳор мавзеъ, ки яке аз он ин масҷид аст.

Масоҳати он барои чил ҳазор намозгузор буда, дар мобайни саҳни он пастие ҳаст, ки бо зинапоя ба он мефароянд ва онро "Сафина" ("Киштӣ") меноманд.

Мақом ва нақши масҷиди Куфа баъди интиқоли халифаи чаҳоруми рошидин амирулмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб (рз) ба шаҳри Куфа афзуда, ба маркази нашру таблиғ мубаддал мегардад. Ҳазрати Алӣ (рз) дар паҳлуи масҷид маскан ихтиёр карда, намозгузоронро дар он то лаҳзаи ба шаҳодат расидан имоматӣ кард. Шаҳодати имом низ ҳангоми намози бомдод дар саҳни ин масҷид сурат гирифтааст.

Дар ин масҷид чанде аз ёрони имом Ҳусайн ибни Алӣ (рз), аз ҷумла амакбачаи ӯ Муслим ибни Уқайл дафн карда шудаанд.

**Масҷиди Амр ибни Ос** аввалин масҷид дар Миср буда, дар шаҳри қадимаи Фустот қабл аз бунёди шаҳри Қоҳира бо амри сарлашкар Амр ибни Ос сохта шудааст. Соли бино 21ҳ/642м буда, масоҳати аввалааш 50Х30м, теъдоде аз саҳоба монанди Зубайр ибни Авом, Убода ибни Сомит, Абударлоъ, Абузарри Ғаффорӣ ва дигарон дар он намоз гузоридаанд ва имоматӣ кардаанд.

Минбаъд, дар аҳди халифаи аббосӣ Маъмун ин масҷид тармиму тавсеа ёфта, ба яке аз масоҷиди зебои ҷаҳони ислом мубаддал гашт. Фазли он дар таълим ва нашри дини ислом дар Миср басо бузург буда, толибилмони зиёде дар ҳалқаҳои таълимии он Қуръону ҳадису фиқҳ ва дигар улуми исломиро омӯхтаанд.

**Масҷиди Қайравон** дар Тунис, ки ба номи Уқба ибни Нофеъ иртибот дорад, яке аз қадимтарин масоҷид дар таърихи ислом дониста шуда, аз ҷониби лашкаркаш Уқба ибни Нофеъи Феҳрии Қарашӣ (1ҳ/622-63ҳ/683м) соли 50ҳ/670м ҳангоми футуҳоти исломӣ дар шимоли Африқо, дар яке аз водиҳои хушманзар бунёд шудааст.

Ин лашкаркаш шаҳри Қайравонро ҳамзамон бо ин масҷид бунёд кард, ки он яке аз қадимтарин шаҳрҳои меъмории исломӣ ва нахустин дар қитъаи Африқо ба шумор меравад.

Масҷиди Қайравон, ки онро Уқба ибни Нофеъ дар аввал оддӣ ва хурд сохта буд, минбаъд бо мурури замон борҳо тармиму таҷдид ва тавсеа шуда, ба бузургтарин масоҷиди ғарби ислом табдил ёфт. Масоҳаташ 9700 метри мураббаъ, ба андозаи 126Х77 метр, дорои саҳни калон ва сутунҳои санги мармар, бо тарзи бино ва меъморӣ аз зеботарин осори исломист. Охирин таҷдиду тавсеа соли 105ҳ/724м сурат гирифтааст.

Меҳроби масҷид бо 130 тахта аз хишти пухтаи ранга оро ёфта, минбар, ки зеботарини минбарҳост, аз 300 дона қитъаи дарахти соҷи кандакоришуда сохта шудааст.

Масҷиди Қайравон ё худ масҷиди Уқба ибни Нофеъ дар паҳн намудани дини ислом дар Шимоли Африқо ва Андалус нақши муҳим бозида, имрӯз ҳамчун ёдгории меъмории исломӣ мояи ифтихори мусулмонон дониста мешавад.

**Масҷиди Қаравийин** дар шаҳри Фоси Марокаш соли 245ҳ/859м бунёд шудааст. Барои сохтмони он Фотима ал-Феҳрия тамоми дороии ба мерос гирифтаашро сарф кардааст. Номи масҷидро ба шаҳри Қайравон нисбат медиҳанд. Дар солҳои баъдӣ Умавиёни Андалус ва пас аз он Маробитун масоҳати масҷидро то 4 ҳазор м2 тавсеа дода, онро ба яке аз марказҳои муҳими нашри ислом дар Шимоли Африқо мубаддал сохтанд.

*Идома дорад...*

# ШУКРИ АМОНИИ ВАТАН






**Абдуғаффор ЮСУФОВ,**
**сардори Раёсати таҳлил ва ташхиси диншиносии Кумита**

*Тоҷикистон - Ватани азизу маҳбуби мост. Ватанро азиз доштан, ба муқаддасоташ арҷ гузоштан ва дар навбати худ ободу шукуфо гардонидани он фарзи имонӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди бедордилу худогоҳу худшинос мебошад. Барои идора ва пешбурди ҳар қавму миллат ва давлату кишвар фарди нухба аз миёни мардум баргузида мешавад. Ба бахти мардуми мо дар сапедадами истиқлоли кишвар вакилони мардумӣ дар иҷлосияи XVI (даъвати дувоздаҳум) Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд.*

Интихоби ӯ маҳз барои он буд, ки оташи хонумонсӯзи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш намояд. Ӯ аз рӯзҳои аввали роҳбарияш ба мардум ваъда дод, ки: "Ман ба шумо сулҳ меорам". Ӯ ба аҳди худ вафо кард.

Барномаи асосии Роҳбари давлат барномаи ваҳдату ягонагӣ, навсозиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими истиқлоли давлатӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои



шаҳрванд, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва озодии баён буд ва барои татбиқи онҳо пайгирона саъю талош варзид, ки имрӯз дар кишвари мо сулҳу амонӣ ва оромишу осоиш ҳукмфармост. Ҳар фарди бедордилу солимфикр, агар шароити дирӯзи кишвари моро бо вазъи имрӯзӣ қиёс намояд, возеҳу равшан мебинад, ки ваҳдати комил, амнияти саросарӣ, пешрафтҳои иқтисодӣ ва ободиву шукуфоии Меҳани маҳбубамон дар ҳар гӯшаву канори он ба назар мерасад. Маҳз ба хотири пойдорӣ, устуворӣ, бақо ва пешрафту тавсеаи Ватанамон мо бояд аз низом ва роҳбари давлат ҷонибдорӣ кунем.

Мувофиқи таълимоти дини мубини ислом итоат ба Худо ва Паёмбару фармонравоён воҷиб мебошад. Худои барин дар ояи нуронии 59 сураи "Нисо" мегӯяд:

***"Эй мӯъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва Пайғамбару фармонравоён (ҳокимон)-ро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед!".***

Аз Абӯмусо ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуданд: Мӯйсафедонро эҳтиром намудан, ҳофизони Қуръони ботақво ва подшоҳи одилро эҳтиром намудан, аз ҷумлаи бузург доштани Худованд аст. (Ривояти Абӯдовуд, Суютӣ ва Манновӣ).

Тибқи ривоёти Табаронӣ, Байҳақӣ ва Суютӣ аз Абӯбакр (р) манқул аст, ки Паёмбар (с) фармуданд: "Подшоҳи одил дар рӯи Замин сояи Худо аст. Ҳар касе чунин подшоҳро эҳтиром кунад, Худоро эҳтиром намудааст. Ва ҳар касе чунин подшоҳро эҳтиром накунад, Худоро эҳтиром накардааст".

Имоми Аъзам, ки пири мазҳаби ҳанафӣ ва яке аз бузургтарин фақеҳони олами ислом мебошанд, итоат аз низомро омили шукуфоии давлату миллат медонанд: "Ба подшоҳ ва ҳокими вақт эҳтиром бигузор ва шахсияти ӯро бузург дор ва дар ҳузури вай дурӯғ нагӯ! (Пандномаи Имоми Аъзам).

Ояи сареҳи раббонӣ, аҳодиси саҳеҳи набавӣ ва гуфтори Имоми Аъзам маҳз ба хотири он аст, ки мардум дар меҳани худ бо мусолиҳаву муоҳада ҳамзистии мусолиматомезро ба роҳ монанд ва дар рушду тавсеаи самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа саъю талош варзанд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем, ки мардуми худро аз нифоқу низоъ, табъиду зӯроварӣ, ифротгароиву даҳшатафканӣ ва ҷиноятҳои




муташаккили фаромиллӣ, ки имрӯз дар зери ниқоби "исломи сиёсӣ" зуҳур кардааст, ҳифз намоем. Зеро дини ислом як ҷузъи таркибии фарҳанги мардуми мусулмон, аз ҷумла тоҷикон буда, дар бисёр паҳлӯҳои зиндагии суннатии мо нақши ҳалкунанда дорад.

*Бахусус, дар Тоҷикистон рӯҳониён ва ходимони дин дар анҷоми маросимҳои динӣ озод мебошанд. Ба ҳама маълум аст, ки зиёда аз 99 фоизи аҳолии кишварамон мусулмон мебошад ва Сарқонун - қонуни асосии мо баён менамояд, ки "Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад".*

Инчунин, иҷрои тамоми фароизи динӣ, доштани ибодатгоҳ, адои маносики ҳаҷ, зиёрати амокини муқаддаса ва дигар маросимҳои динӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" озод буда, бидуни монеа, маҷбурият ва таассуб амалӣ мегарданд. Яъне, ҳеҷ кас аз пайравӣ кардан ба ин ё он дин маън карда нашудааст. Ҳар кас метавонад, озодона динеро қабул намуда, тибқи аҳкоми он ибодат намояд.

Дар дини мубини ислом маҷбурият ва машаққат нест. Касе наметавонад, дигареро маҷбуран ба ин ё он дин даъват намояд. Дар Қуръони карим, ояти 256 - и сураи "Бақара" омадааст:

***"Барои дин ҷабр кардан раво нест. Ба дурустӣ ки раҳёбӣ аз гумроҳӣ ошкор шудааст".***

Вале, имрӯз баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи ғаразнок ва манфиатхоҳ мехоҳанд, ба василаи дин ба шуури динии мардум, бахусус ҷавонони мо таъсир расонида, ваҳдати миллии моро барҳам зананд, ба осоишу амнияти мо халал ворид созанд ва тухми нифоқу парокандагиро коранд. Бинобар, вазифаи муқаддаси ҳар як шахси солимфикр ва оқил дар он аст, ки ба хотири



ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлату миллат, таҳкими истиқлоли миллӣ ва амнияти саросарии кишвар бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлуб ва падидаҳои нави зароровар мубориза барад. Хусусан, ҷавонони мо, ки ҳоло ба маънои аслии зиндагӣ сарфаҳм намераванд, зуд ба доми мубаллиғону мушаввиқони гурӯҳҳои ғаразноки ифротӣ меафтанд, ҳаёти худро ба хотири як лаҳзаи дилхушӣ зери хатар меандозанд. Тибқи ахбори расонаҳои расмии кишварамон ҷавонони зиёди фиребхӯрда дар ҷангҳои мазҳабӣ, қавмӣ ва сиёсие, ки дар баъзе давлатҳои мусулмонӣ, ба хотири ба даст овардани қудрат ва тақсимоти дороиҳои ҷаҳон идома дорад, ширкат мекунанд. Аксари онҳо худсарона, бе ризоияти падару модарони худ ба Сурия ва Ироқ рафтаанд, волидони онҳо аз ин амали ношоистаи онҳо изҳори нигаронӣ мекунанд. Масалан, як нафар зани роҳгумзадае, ки ба Сурия рафта, бо сад азобу шиканҷа аз онҷо фирор карда, ба Ватан баргаштааст, дар ҳафтономаи "Тоҷикистон" нақл мекунад, ки тавассути шахсони алоҳида "вербовка" шуда, ду маротиба ба шавҳар баромадааст.

Ӯ ба суоли хабарнигор, ки: "Шумо ба мардум, ба он ҷавононе, ки дар сар фикри ба ном "ҷиҳод" рафтан доранд, чӣ гуфтанӣ ҳастед?", чунин посух додааст: "-Онҷо (Сурия- А. Ю) наравед! Онҷо ба ҷуз зӯроварӣ, даҳшат, одамкушӣ ҳеҷ чизи дигаре нест! Ҳатто оби ошомиданӣ надорад, гуруснагӣ, ташнагӣ, ҷанг. Пулу хона медиҳем гуфта, фиреб мекунанд, ҳамааш дурӯғ аст! Тоҷикистони мо биҳишт аст, обаш, ҳавояш, ҳама чизаш…". Ин ҳақиқати талхро бояд ҷавонони мо дарк кунанд ва барои ободиву шукуфоии Ватани азизамон-Тоҷикистон камари ҳиммат банданд. Зеро ба қавли шоир:

***Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,***
***Агар хоре бувад, гулдаста гардад.***

Ба андешаи ин ҷониб, имрӯз дар давлату давлатдории навини тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон кафили боэътимоди озодӣ, ободӣ ва сулҳу ваҳдат мебошад ва "итоат ба амр ва ҳидояти султон воҷиб аст".



# ОҚИЛ ҲАМОНЕСТ, КИ АЗ СУДУ ЗИЁНИ ДИГАРОН ПАНД БИГИРАД...



Саидмукаррам Абдуқодирзода,
Раиси Маркази исломии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

Сипосу ситоиши беадад Худовандеро, ки ба инсон неъмати илму хирад арзонӣ дошт, дуруду саломи пур аз меҳру муҳаббат бар Расули гиромӣ (с) бод, ки бо ҳарфи "Иқраъ" илму донишро ба ҷаҳониён мунташир сохт.

Инак, занги нахустини оғози "Рӯзи дониш" ҳам садо дод ва дар тамоми макотибу омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳои кишвар таҳсили нав шуруъ гардид. Падарону модарон кӯдакони навомӯзи худро бо сад орзуву умед ба даргоҳи илму маърифат гусел намуданд, то ки онҳо дар оянда соҳиби донишу адаб гарданд ва сабаби ифтихори волидайн бошанд. Донишҷӯён бо як шавқу завқи илмомӯзӣ ба муассисаҳои олии кишвар қадам гузоштанд, то аз ин неъмати бебаҳои илоҳӣ баҳравар шуда, ба камоли илму адаб ва ахлоқи олии инсонӣ ноил гарданд.

Яке аз омилҳои асосии рушди инсоният дар паҳнои дунёи кунунӣ омили илму дониш ва саводу ҷаҳонбинии мукаммали имрӯзӣ маҳсуб мешавад. Ҳар гоҳ, ки аз аҳамияти илм ва саводу дониш сӯҳбат шавад, аксаран аз таҷрибаи Ҷопону Куриёи Ҷанубӣ мисол меоранд. Ва ин комилан дуруст аст. Муаррихон ба ин ақидаанд, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Ҷопон дар ҳоле қарор дошт, ки як инсон қабл аз супурдани ҷон қарор мегирад. Ҳар чӣ, ки дар хазинаи ин кишвар буд, сарфи илму донишу маълумот шуд. Албатта, расму оинҳои мардумӣ ва таҷрибаи таърихии давлатдории ин кишвар низ аз омилҳое буданд, ки барои ба по рост шудан ва баъдан рӯ ба тараққӣ овардани ин мамлакати "маҷрӯҳ" мусоидати комил карданд.

Ҳоло дар харитаи сиёсии олам ду кишваре бо номи Куриё ҳаст, яке шимоливу дигар ҷанубӣ. Аз дидаву шунидаи сайёҳон чунин хулоса мешавад, ки ҳоло аз нигоҳи пешрафт ва сатҳи зиндагии мардум ин ду мамлакат фарқияти замину осмонро доранд. Дар Куриёи Ҷанубӣ таваҷҷуҳ ба илму маориф афзалияти комил дорад ва ҳамин омил боиси он шудааст, ки дар радифи бузургтарин кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ мутараққии олам қарор гирад. Воқеан, дар кишваре, ки мардумаш рӯ ба илму маориф ва кашфиёту таҳқиқ, рӯ ба андешаи пешрафт ва беҳбуди зиндагӣ тавассути илму дониш доранд, саодати зиндагӣ дар онҳо ҳукмфармост.

Тақозои дини мубини Ислом низ ҳамин аст: инсон бояд дар ин дунё зиндагии сазовор дошта бошад ва бо илму фазилат ва ахлоқи ҳамидаву ибодати комилаш дунёи охираташро обод намояд.

Дини мубини Ислом, саршор аз дастурот ва тавсияҳо барои фаро гирифтани илму дониш аст. Қуръони карим дар мавридҳои бешуморе касонеро, ки илм меомӯзанд ва соҳиби донишанд, мадҳ намудааст. Худованд дар ин хусус фармудааст:

***"Бигӯ: "Оё онон, ки медонанд ва онон, ки намедонанд, баробар мешаванд? Ҷуз ин нест, ки соҳибони хирад пандпазир мешаванд"*** *("Зумар", 9).*

Худованд дар ин оят дар баробари неъмати илм аз неъмати ақлу хирад низ ёдовар шуда, пандпазирӣ ва ибратгириро махсуси донишмандон ва хирадмандон донистааст. Дар ҳақиқат ба сабаби панду ибрат пазируфтан аст, ки

инсон хатоҳои пешиниёнро дар зиндагии худ такрор намекунад. Пандпазирӣ ва ибратгирӣ меъёри асосии рушди инсон ва ҳаракати ӯ ба самти дуруст мебошад, зеро маҳз аз таҷрибаҳои хуби гузаштагон барои сохтани зиндагӣ ва ҷомеаи солим истифода мебарад.

Дар ҳақиқат илму дониш ва машғул шудан ба он ва таълим додани дигарон аз сифатҳое аст, ки ҳар инсони оқил онро меписандад ва дӯст медорад. Дини мубини Ислом ба масъалаи илму дониш ва донишомӯзию таълим додан ба дигарон таъкиди фаровон дорад ва мақоми илму дониш ва донишмандонро дар ҷойгоҳи бисёр баланде қарор додааст.

Суннати набавӣ низ ба ҷойгоҳи волои илму дониш таъкиди фаровон дорад ва саъю талош дар роҳи касби илмро василаи расидан ба биҳишти барин қарор додааст. Расули Худо (с) дар ин маврид фармудаанд: ***"Шахсе дар роҳе равад, ки дар он илмеро меҷӯяд, Худованд барои ӯ роҳе ба сӯи биҳишт омода мекунад"*** *(Ривояти Бухорӣ ва Муслим).*

Ҷойгоҳи толиби илм чунон баланд аст, ки фариштагон аз хушнудӣ бо болҳояшон ӯро иҳота мекунанд. Сафвон ибни Ассол (р) мегӯяд, ки ***"назди Пайғамбар (с) омадам ва он ҳазрат дар масҷид бар гилеми сурхранг такя зада буданд. Ба ӯ арз кардам: омадаам, то илм биёмӯзам. Он ҳазрат фармуданд: "Марҳабо ба толибилм, ҳамоно фариштагон толибилмро бо болҳояшон иҳота мекунанд"*** *(Ривояти Аҳмад ва Табаронӣ).*

Воқеаҳо ва таҳаввулоти азиме, ки дар ҷаҳони имрӯз шуда истодааст, аз ҷумла ҷангу хунрезиҳои гурӯҳи ба ном "Давлати исломӣ" дар Ироқу Сурия дар зиммаи ҳамагон, чи волидону омӯзгорон ва чи толибону донишҷӯён масъулияти басо гаронро гузоштааст. Ба ақидаи аксарияти фақеҳони ислом, фаъолияти ДИИШ ҳаром эълон шудааст ва Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон низ бо фатвои хеш аз 27 майи соли равон амали ин гурӯҳи фитнаангез ва ҷангҷӯро бо далелҳои муътамади шаръӣ ҳаром эълом дошт. Бо вуҷуди ин, ҳоло гурӯҳе аз ҷавонони гумроҳи тоҷик бо ҳамин гурӯҳ ҳамроҳанд ва мо аз васоити ахбор огоҳ мешавем, ки дар ҷумҳурӣ мубаллиғони ифротӣ тавассути интернету паёмакҳо ва ғайра то ҳол ҷавононро ба ин минтақаи офатзада раҳнамоӣ мекунанд.

Олимони соҳаҳои гуногуни инсоншиносӣ сабабу омилҳои зиёди рӯ ба ифрот овардани ҷавононро бозгӯ намудаанд, ки асоситарини онҳо камсаводӣ ва аз илму донишу муҳити тарбияи волидон дур мондани наврасон аст. Ҷавонони дур аз илму хирад, холӣ аз маънавият ва тарбия на фақат барои муҳити хонавода, балки барои ҷомеа низ хатар доранд. Айёми ҷавонӣ марҳилаи ҷустуҷӯҳост, марҳилаест, ки инсон мехоҳад мавқеи хешро дарёбад, зӯру тавони худро истифода кунад ва истиқлоли андешаву ҷоҳу ҷалол дошта бошад. Мутаассифона, волидони мӯҳтарам ин марҳилаи умри фарзандони хешро аз нодониву нотавонӣ дуруст истифода намекунанд, гироишҳои зеҳнӣ ва эътиқодии фарзандонро назорат намебаранд, онҳоро ба ҳоли худашон ва ба ҷараёни табииашон вогузор мекунанд.

Ба андешаи мо, аксарияти онҳое, ки рӯ ба Сурияву Ироқ меоранд, ҳамонҳое ҳастанд, ки аз тарбияи дурусти волидон, аз илму дониш ва сӯҳбати аҳли хирад дур мондаанд, инчунин онҳое ҳастанд, ки ба суроғи дарёфти дониши исломӣ ба доми таблиғгарони ифротӣ афтодаанд. Маҳз ҳамин омили охир, сӯистифода аз бовару эътиқодоти содалавҳонаи ҷавонони гумроҳ оид ба дин ва мазҳаб боиси афзоиши шумораи ҷавонони тундгаро шудааст.

Омили дигар ва аз ҳама муҳим - сарфи назар кардани илму дониш ва саводомӯзист. Ҳар як фарди донишомӯз бояд аз рӯзи нахустини таҳсил ақлу хирадро роҳнамои худ қарор дода, ниятӣ нек ва қалби хайрхоҳро қарини зиндагии хеш намояд. Чӣ бисёранд, ҳолатҳое, ки илми бидуни ақлу хирад сабаби бадбахтии инсонҳо гардида, ҳазорон нафарро ба нокомӣ гирифтор намудааст. Ба ҳамин хотир аст, ки Расули акрам (с) дар дуо ва муноҷоти хеш чунин мефармуданд:

***"Парвардигоро! Ман аз Ту илми судманд мехоҳам ва аз илме, ки суд надорад, ба Ту паноҳ мебарам".***

Бинобар ин, мақсуд аз омӯзиши илму дониш нафъ расонидан ба халқи Худо ва расидан ба саодати ҷовидонӣ аст, на чизи дигар. Илмомӯзӣ худ қонуну қоидаҳо дорад, ки бояд аз ҷониби ҳам муаллим ва ҳам донишҷӯ риоя гардад. Мутаассифона, имрӯзҳо ҳам устоди муғриз ва ҳам донишомӯзи ноқобил худсарона аз ҳар ҷову ҳар кас илми диниро меомӯзанд ва бо фаҳму дарки нодуруст ба нокомӣ мерасанд. Илми динӣ бояд зина ба зина аз назди устоди покнияту софдил омӯхта шавад, то ғараз ҷои ҳақиқатро нагирад. Дар акси ҳол, ҷаҳду кӯшиши ҳарду самарае намедиҳад ва заҳмати муаллим ба боди фано мераваду донишҷӯ дар водии ҳайрат саргаштаву ҳайрон мемонад, пас, бояд ин қоидаҳо риоя шаванд. Дар ин росто, истифода бурдан аз таҷриба ва дастуру тавсияҳои судманди бузургони гузаштаамон ба нафъи кор аст. Сазовор мебуд, агар ҳар як донишҷӯ ва омӯзгор васиятҳои сарвари мазҳабамон ҳазрати Имоми Аъзам (р) ба фарзандаш Ҳаммодро сармашқи худ қарор диҳанд, зеро кор бастани ин насиҳатҳо дар даврони таҳсил бисёр судманд буда, самараи нек ба бор хоҳанд овард. Ба андешаи Имоми Аъзам (р) омӯзгор бояд дар ошкору ниҳон якрӯ ва нисбат ба шогирдони худ мушфиқу меҳрубон бошад, чунонки мефармояд:

"Бо Худо дар ниҳону ошкор ва дар танҳоӣ ва чашми мардум як хел бош! Зеро салоҳи амри олим ва самараи илмаш вақте ошкор мегардад, ки дар ниҳону ошкори худ яксон бошад.

Бо шогирдонат ба монанди фарзанд бо меҳру муҳаббат рафтор кун! Ин кор рағбати онҳоро ба касби илм бештар мегардонад.

Ҳамеша бар нафси худ муроқиб ва назоратгар бош ва илмро ҳифз ва посдорӣ намо, то дар дунё ва охиратат аз он баҳравар гардӣ!".

Имрӯз волидону омӯзгорон ва мураббиён бояд ҷидду ҷаҳд кунанд, ки дар навбати аввал илму дониши худро қарини амал намоянд ва зиндагии маънавияшонро ислоҳ созанд. Дар ин сурат, таълиму тарбияи онон муассир воқеъ шуда, наврасону ҷавононро дар руҳияи арҷгузорӣ ба илму маърифат ва худшиносиву ватандӯстӣ тарбия намудан имконпазир мегардад. Ба қавли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ки чи зебо фармудааст:

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,*
*То тоҷи naберагони Одам бошӣ.*

Аз Худованд умед ва илтиҷои онро дорем, ки моро аз зумраи инсонҳои накӯкор ва илмдӯст қарор бидиҳад ва ба мо тавфиқи истифода аз ақлу хирадро каромат фармояд. Омин...

> *Ба андешаи мо, аксарияти онҳое, ки рӯ ба Сурияву Ироқ меоранд, ҳамонҳое ҳастанд, ки аз тарбияи дурусти волидон, аз илму дониш ва сӯҳбати аҳли хирад дур мондаанд, инчунин онҳое ҳастанд, ки ба суроғи дарёфти дониши исломӣ ба доми таблиғгарони ифротӣ афтодаанд. Маҳз ҳамин омили охир, сӯистифода аз бовару эътиқодоти содалавҳонаи ҷавонони гумроҳ оид ба дин ва мазҳаб боиси афзоиши шумораи ҷавонони тундгаро шудааст.*




## Сураи "Бақара", аз ояти 89 то ояти 97

### ОЯТИ 89

***Ва ламмо ҷоаҳум китобун мин ъиндиллоҳи мусаддиқу лимо маъаҳум ва кону мин қаблу ястафтиҳуна ъалал лазина кафару фаламмо ҷоаҳум мо ъарафу кафару биҳи фалаънатуллоҳи ъалал кофирина***

*Ва чун китоби Қуръон аз пеши худой барои ҳидояти онҳо омад бо он ки (Таврот) онҳоро тасдиқ мекард ва бо он, ки худи онҳо пеш аз баъсат интизори фатҳу галаба ба воситаи зуҳури пайғамбари хотам бар кофарон доштанд чун омад ва бо мушаххасот донистанд ки ин ҳамон пайғамбари ваъдадодаи худост боз кофар шуданд ва лаънати худой бар кофарон бод!*

Яҳудони қадим аз аҳли Таврот,
Далел оварда аз Таврот оёт,
Ҳамекарданд мушрикро надомат:
"-Расад пайғамбаре номаш Муҳаммад(с),
Басо тасдиқ бар Таврот созад,
Басо аз сидқ Мӯсоро навозад!"
Аз ин рӯ то замоне, ки Муҳаммад(с),
Ба олам ҳамчу пайғамбар наомад,
Ду даст аз сидқу паймон баркушода,
Ҳамекарданд номаш истифода.
Вале чун омад андар арзи ҳастӣ,
Ҳамегуфтанду мекарданд пастӣ:
- На он пайғамбар аст иқрор кардем,
На он аст он, ки мо изҳор кардем!"
Басо ҳастии ӯ карданд инкор,
Дигар карданд аҳду кору кирдор.
Анису ёр бар куффор гаштанд,
Ба теғи лаънати ҳақ хор гаштанд.

### ОЯТИ 90

***Биъсмамаштарав биҳи анфусаҳум ан якфуру бимо анзалал лоҳу багян ан юназилаллоҳу мин фазлиҳи ъало ман яшоу мин ъибодиҳи фабоу би газабин ъало газабин ва лил кофирина ъазобун муҳинун***

*Ба худ харидорие бад карданд ба он, ки бо он чӣ фиристод худой аз раҳматаш (неъмати Қуръонро) эшон кофир шуданд ва бедодгариҳо карданд аз роҳи ҳасуд, ки чаро худованди таъоло фазли худро махсуси баъзе аз бандагон мегардонад ва бо ин ҳасаде, ки доштанд дафъатан аз худо хашми дигаре бар худ гирифтанд ва кофаронро аз хашми худо азоби сахте муҳайёст*

Худовандӣ фурӯ овард ин оят,
Ба мардум то дари ҳақ вокушояд.
"Ки ин гуфтор ҳосил аз ҳасуд аст,
Зи душманҳои халлоқи вуҷуд аст.
Ба зидди ҳақ кашида ин гапу гуфт:
Чаро танҳо Муҳаммадро(с) пазируфт?!
Фазилатҳои худро аз чӣ беҳад,
Худо бахшид танҳо бар Муҳаммад(с)?!"
Ҳамегуфтанд ин аз кинаи хеш,
Ҳасад пур карда билкул синаи хеш.
Вале парво намекарданд аз он,
Ки маҳруманд аз дунёи Қуръон.
Аз ин кирдор то рӯзи қиёмат,
Гирифторӣ кашанд аз хашму лаънат.

### ОЯТИ 91

***Ва изо қила лаҳум омину би мо анзалаллоҳу қолу нуъмину би мо унзила ъалайно ва якфуруна би мо вароаҳу ва ҳувал ҳаққу мусаддиқан лимо маъаҳум қул фалима тақтулуна анбиёаллоҳи мин қаблу ин кунтум муъминина***

*Чун эшонро гуфта шуд имон оред ба он чӣ худо фиристод (яъне ба Қуръон) ҷавоб доданд, ки имон оварем ба Таврот, ки он ба мо нозил шуда ва ба ғайри Таврот кофир шуданд дар он ҳоле, ки Қуръон китоби ҳақ аст ва Тавротро тасдиқ мекунад. Бигӯ, эй расул, ки чун шумо дар даъвои имон ба Таврот агар содиқ бошед ба кадомин аҳкоми Таврот пайғамбареро аз ин пеш куштед*

Худо ин қавмро аз фазли Қуръон,
Тақозо кард ингуна ба имон:
"-Ки ҳарчӣ аз китоби осмонӣ,
Халоиқро намуда меҳрубонӣ,
Парастад, амри он тасдиқ созад,
Ба ҷону дил каломамро навозад!"
Чун ин оят Муҳаммад(с) арз мекард,
Ба амри ҳазрати ҳақ фарз мекард.
Чунин як ҳарза мекарданд онро:
"- Парастем он каломи осмонро.
Магар Таврот ҳарфи осмон нест,
Китобе чун ту мегӯӣ ҳамон нест?!"
Муҳаммад(с) боз аз номи худованд,
Каломашро чунин медод пайванд:
"-Агар бовар будӣ Тавроти ӯро,
Итоъат гар будӣ мар зоти ӯро.
Зи пайдои ман он ҷо ҳаст ахбор,
Зи лаҳни ҳазрати маъбуди ҷаббор.
Вале макри шумо бошад зиёда,
Дари дил ҳақ шуморо не кушода.
Ҳамедонем аъмоли шуморо,
Ки мункир гашта фармони худоро:
Басо пайғамбарон куштед ноҳақ,
Ҳамеша душманӣ кардед бо ҳақ!
Аз он айём то ин вақту соат,
Шуморо нест имону садоқат!"

### ОЯТИ 92

***Ва лақад ҷоакум Мӯсо бил баййиноти суммат тахазтумул ъиҷла мин баъдиҳи ва антум золимуна***

*Ва бо он ҳама оёту мӯъҷизаҳо, ки Мӯсо ба шумо ошкор мекард боз ҳам гӯсолапарастиро гирифтед, ки мардуме бисёр нодон ва золиму бедодгаред*

Дар ин оят худои халқпарвар,
Чунин ёд оварад бурҳони дигар:
"-Ҳамон вақте ки Мӯсо рози моро,
Хабар медод аслофи шуморо,
Ҳама гӯсоларо маъбуд карданд,
Муҳаббатро ба ҳақ нобуд карданд.
Шумо низ аз паи аслофи малъун,
Ба куфр имони худ карда дигаргун,
Ҳамеша ёр буда золимонро,
Ба зулмат медиҳед имону ҷонро!"

## ОЯТИ 93

***Ва из ахазно мисоқакум ва рафаъно фавқакумут Тура хузу мо отайнокум би қувватин вас маъу қолу самиъо ва ъасайно ва ушрибу фи қулубиҳимул ъиҷла би куфриҳим қул би асмо яъмурукум биҳи имонакум ин кунтум муъминина***

*Ва ба ёд оред замонеро,ки паймони шуморо гирифтем ва кӯҳи Турро бар болои сари шумо бидоштем, ки онҷӣ фиристодем бояд бо садоқати пок имон оред ва сухани ҳақ бишнавед. Шумо гуфтед, ки мешунавем ва дар дил гуфтед, ки амалан исён хоҳем кард ва ҳамин буд, ки дилҳои шумо побанди гӯсола шуд, ки худоро кофир будед. Бигӯ, эй расул, ки он имони доштаи шумо шуморо ба кору кирдори сахту зишт ҳавола мекунад, агар имон дошта бошед*

Дар ин оят фурӯ оварда бурҳон,
Худо гӯяд Муҳаммадро(с): " - Бигӯшон,
Ки эшон аҳли кофир аз қадиманд,
Ҳама шайтони малъунро надиманд!
Ба ёд аз кӯҳи Тур оранд ин дам,
Муаллақ чун бад-эшон Тур кардам,
Ҳамекарданд бо ман аҳду паймон,
Вале дар сина макру ҳилла пинҳон.
Аз ин рӯ тухмаи имон бируфтанд,
Худои хешро гӯсола гуфтанд,
Бигӯ низ, эй Муҳаммад(с),баҳри эшон,
Ҳар онҷӣ мезананд аз лофи имон,
На имон аст ло бадон зиён аст,
Зиёни ҷони эшон бегумон аст!"

## ОЯТИ 94

***Қул ин конат лакумуд дорул охирату ъиндаллоҳи холисатан мин дунин носи фатаманнавул мавта ин кунтум содиқина***

*Бигӯ,эй расул, агар сарои охиратро бо ҳамаи неъматҳояш худованд ба шумо ихтисос дода дуни соири халқ боястӣ доимо дар таманнои марг бошед, агар шумо ростгӯед*

Сабаб ин аст андар ваҳйи оят,
Ҷуҳуд овоза чун кард ин ривоят:
"-Намегарданд аз ақвоми ҷаннат,
Ба ғайри аҳли Мӯсо ҳеч уммат.
Саросар мо чу фарзанди худоем,
Писарҳоему пайванди худоем.
Фақат ҷаннат барои мо ато кард,
Ба қавми мо биҳиштașро ҷудо кард!"
Кунун мегӯяд андар ояти хеш,
Муҳаммадро худои шоҳу дарвеш:
"-Ки ҷаннат гар сарои ҷовидонист,
Насиби халқ баъди зиндагонист,
Касеро банда назди хеш дорам,
Пас аз маргаш даруни ҷаннат орам.
Бигӯшон, эй Муҳаммад, ин ҷаҳон чист?
На ҷои роҳат асту кайфронист!
Агар ҷаннат қарини хеш донанд,
Бигӯ то маргро бар хеш хонанд!
Пасон пайдо кунӣ куффори динро,
Ба чашми хеш хоҳӣ дидан инро:
Аз он рӯзе, ки чашми худ кушоданд,
Басо дин аз хато барбод доданд!"

## ОЯТИ 95

***Ва лан ятаманнавҳу абадан бимо қаддамат айдиҳим валлоҳу ъалимун биз золимин***

*Ва таманно накунанд ҳаргиз маргро чунки азоби гарон аз рӯи кирдори бадашон дар охираи барои худ муҳайё кардаанд ва худой доност бар бедодгарон*

Набиро гуфт ҳақ: "-Эй босаодат,
Бад-эшон во намо маънии оят:
Бимирад ҳар кӣ сӯям ҳаст роҳаш,
Бувад пеши ман он обод ҷоҳаш.
Агар бо мо қарину ҳамнавозанд,
Бигӯ, ки орзӯи марг созанд.
Ту мебинӣ, ки месозанд инкор,
Ки эшонанд назди мо гунаҳкор.
Аз ин бурёи даъво тез хезанд,
Даҳон гардида хушк, аз ту гурезанд!
Яқин донанд ман огоҳам огоҳ,
Аз ин макру аз ин даъво, аз ин роҳ".

## ОЯТИ 96

***Ва латаҷиданнаҳум аҳрасан носи аъло ҳаётин ва минал лазина ашраку явадду аҳадуҳум лав юъаммару алфа санатин ва мо ҳува би музаҳзиҳиҳи минал ъазоби ан юъаммара вал лоҳу басирун бимо яъмалуна***

*Ва маълум аст, ки эшон ҳаристарин мардумон бар зиндагонии инҷаҳониянд ва аз онон, ки мушрик буданд орзу кунад, ки ҳазор сол умраш диҳанд ва агар ба орзуи худ бирасад ҳам ин умри ҳазорсола ӯро аз азоби худованд раҳоӣ набахшад ва худо бинност ба кирдори онҳо*

Хабар додаст ҳақ андар китобаш,
Китоби равшани чун офтобаш,
Ки: "-Назди ӯ яҳуд он мардумонанд,
Ҳариси кайфу айши ин ҷаҳонанд.
Дил аз шавқи ҷаҳон созанд мумсик,
Лаъину бадтаранд аз аҳли мушрик!
Чунон аз пушти молу ҳолу ҷоҳанд,
Ҳазор аз соли умри хеш хоҳанд.
Набуд аммо дар ин дунё ягон бор,
Яҳуд аз ҳақ бипурсад умри бисёр.
Аз ин мақсуд айши зиндагонист,
Дар ин дунёи фонӣ комронист.
Агарчӣ з-ин тавоиф гоҳ-гоҳаш,
Дарозӣ ёбад умри пургуноҳаш.
Куҷо ёбад зи ҷабри ҳақ халосӣ,
Дар он дунё яқин он марди осӣ?!
Шаванд охир ҳама хору парешон,
Ки медонад худо маъвои эшон!"

## ОЯТИ 97

***Қул ман кона ъадуван ли Ҷибрила фаиннаҳу наззалаҳу ъало қалбика биизниллоҳи мусаддиқан лимо байна яда йҳи ва ҳудан ва бушро лил муъминина***

*Бигӯ, эй расул, касе, ки душмани Ҷибраил бошад ӯ душмани худост! Чунки Ҷибраил бо амри ҳақ Қуръонро ба дили поки ту расонидааст то тасдиқи ҷумлаи китобҳои осмонӣ кунад ва мӯъминонро ҳидояту башорат биёрад*

Зи асҳоби расули некпайғом,
Чунин нақлест дар таърихи айём:
Ки рӯзе тӯдае аз аҳли Мӯсо,
Фаро гардида гирдаш ҳалқаосо:
- Бигӯ, - гуфтанд, сахт исрор карданд,-
Кӣ ояд пешат аз назди худованд?!"
Ҳамоно, дар дам аз лаҳни Муҳаммад(с),
Ҷавоби: - "Ҷибраил!" - бар пеш омад.
Чу андар синаи бемори эшон,
Набуд як зарра аз анвори имон,
Намуда тира ақлу ёду идрок,
Зи роҳи макр он мардони нопок,
Бад-ӯ гуфтанд: "-Агар асбоби пайванд,
Чу Ҷибрил аст бо зоти худованд,
Ҷудо созем аз ин пас аз ту мо рахт,
Ки Ҷибрил аст бо мо душмани сахт!
Сабаб он аст андар як замоне,
Ба мо талх омад ин чун достоне:
Ки ҳақ медод бар пайғамбари мо,
Хабар аз олами волову боло:
"-Ҷавоне мерасад акнун аз ин пас,
Ба хок андар занад Байтулмуқаддас!
Ҳама гарданд тобеъи маромаш,
Шавад Бухтуннасар имзои номаш!"
Ба ин тақдир мардум муштарак буд,
Вале дар синаи мо кину шак буд.
Замоне машварат кардем бо ҳам,
Чӣ сон ӯро занем аз пову аз дам?
Ба худ гуфтем: " - Чун ҳоло ҷавон аст,
Ҳақиру мустаманду нотавон аст,
Сазад имрӯз маҳкумаш намоем,
Ҷаҳон пок аз тани шумаш намоем!"
Намудем аз миёни хеш тайёр,
Ҷавонеро чу ҷосуси ҷигархор.
Фиристодем то қатлаш намояд,
Вуҷудашро аз ин дунё зудояд.
Замоне, ки шуд андар доми ҷосус,
Ба наздаш Ҷибраил пайдо шуд, афсус!
Ба ҷосус ин сухан бинмуд оғоз:
"-Танат беҳуда дар оташ маяндоз!
Ту ҷони бегуноҳонро маёзор,
Ки ёбӣ аз худо рӯзе ту озор!"
Хулоса кард ӯро гумраҳи хеш,
Гирифтораш намуд андар чаҳи хеш.
Замоне даррасид он марди бекас,
Шаҳе шуд халқи моро ӯ муқаддас!
Ба қатл овард ҳам донову омро,
Ба хок андохт ӯ Доруссаломро…
Аз он рӯз ин малакро кина дорем,
Адоват баҳраш андар сина дорем!
Шунав асрори моро, эй Муҳаммад,
Магӯ бар қавми Исроил надомат!
Чу пайғоми худо вай бар ту орад,
Яҳуд амри туро ме не гуморад!
Агар ҳарфи худо мекард тартил,
Чу қосид ҷои Ҷибрил он Микоил,
Саросар аз бароят ёр будем,
Ба исломи ту мо ғамхор будем!"
Чу буд ин қиссаву буд ин ривоят,
Фуруд омад зи Арш ингуна оят:
"-Машав з-ин қиссаҳо побанди эшон,
Кушо бар халқи олам фанди эшон.
Касе, гӯ, Ҷибраилро кина дорад,
Бувад беҳ он, ки бо мо рӯ наорад!
Касе душман бихонад Ҷибраилро,
Яқин гум кард сӯи мо сабилро!
Варо душман ҳамегардад худояш,
Зи қаъри дӯзах ояд вой-вояш!
Бигӯ, акнун Муҳаммад, ину онро,
Зи ҳоли Ҷибраил аҳли ҷаҳонро:
Ки Қуръони худо бар ту вай орад,
Ба назди мо шукӯҳи тоза дорад!
Бигӯ, имрӯз вай бо амри боло,
Кунад тасдиқ ҳарфи арши аъло!
Бигӯ, аз раҳмати мо баҳри уммат,
Расонад ҳам башорат, ҳам ҳидоят!"

# АҲДШИКАНӢ -
# ҲАМРАДИФИ ПАРОКАНДАГӢ

*Мардуми шарифи Тоҷикистон муроҷиатномаи Раёсати Шӯрои Олии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкориҳои исломӣ, роҳбарони кишварҳои кафил ва Узви гурӯҳи Тамос барои татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ - Федератсияи Русия, Ҷумҳурии исломии Эрон, Афғонистон, Ҷумҳурии исломии Покистон ва ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон мавриди муҳокима қарор дода, онро маҳкум менамоянд.*





**ВАҲҲОБ НАБИЕВ,**
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, профессор**

Дар таърихномаи ҳар як миллат саҳифаҳои сабақомӯз ва пурарзише ҳастанд, ки аз иқдоми нек ва хирадмандона ба нафъи халқу Ватан башорат медиҳанд ва барои наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд. Чунин саҳифаи заррин барои миллати тоҷик Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

"Бисту ҳафтуми июни соли 1997, - қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - дар таърихи давлатдориву давлатсозии навини тоҷикон бо азму иродаи қавӣ ва аз баракати хиради азалии миллати бостонии мо рӯйдоди бузурге арзи вуҷуд кард, ки он дар тақдири минбаъдаи мардумамон гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид.

Дар ин рӯзи пурфайзи таърихӣ ормони чандинсолаи халқи азияткашидаи тоҷик ба воқеият табдил ёфт, яъне дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид ва бо ҳамин ба ҷанги бародаркушӣ миёни фарзандони як миллат хотима гузошта шуд.

Ба шарофати ҳамин сулҳу субот буд, ки мо тавонистем, қувваҳои мухталифи сиёсиро ба ҳам оварда, пояҳои истиқлоли давлатамонро таҳким бахшем ва бо нияти нек, имони комил ва иродаи қавӣ ба бунёди давлатдориву давлатсозии навини худ оғоз намоем.

Ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон буд, ки мо хатари аз байн рафтани Ватани азизамон - Тоҷикистони тозаистиқлол ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ кардем".

Тоҷикистониён ифтихор доранд, ки тамоми нуктаҳои Созишнома дар ҳаёт амалӣ гаштанд.

Мутаассифона, Раёсати Шӯрои Олии ҲНИТ аз сари нав ба таҳриф кардани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ кӯшиш намуда истодааст. Онҳо фаромӯш накунанд, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик баста шудааст, на ин ки миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва ҲНИТ.

Дар урфият мегӯянд, ки "Офтобро бо доман пӯшонида намешавад". Бехтараш, ба далелҳои таърихӣ рӯй оварему ҳақиқати ҳолро ифшо намоем.

Ҳанӯз ибтидои соли 2000-ум Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода дар мақолааш "Разве ислам - это только партия возрождения?" (Народная газета. - 2000. - 25 фев.) навишта буд: "Ҳизби Наҳзат надоштани комёбиҳои ҳақиқиашро дарк карда, кӯшиш намуда истодааст, ки дастовардҳои Иттиҳоди оппозитсиони тоҷикро, ки ба комёб шудан ба Созишномаи умумии сулҳ, баргардонидани гурезагон ба Ватан, кафолатҳои қонунии фаъолияти ҳизбҳои динӣ, бунёди истисноии нави интихоботи демократӣ оварда расонид, ба худ нисбат диҳад. Аммо ба ҳама равшан аст, ки ин комёбиҳо ба Ҳизби Наҳзат ягон муносибат надорад. Барои мисол, додани саволи "Чанд нафар иштирокчиёни гуфтушуниди сулҳ аз Иттиҳоди оппозитсиони тоҷик, ки дар комёб шудан ба сулҳ на-

қши муҳим бозидаанд, аъзои ин ҳизбанд ва чанд нафар қумондонҳои саҳрой аъзои он мебошанд?" кифоя аст. Дар ҳар ду ҳолат ҳам, шумораи онҳо ангуштшуморанд".

Боиси зикр аст, ки соли 1978 дар Тоҷикистон Созмони Ҷавонон таъсис дода шуда буд, ки он пинҳонӣ амал мекард ва роҳбарии онро Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба зимма дошт. Яке аз муассисони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар мусоҳиба бо рӯзноманигори "Чароғи рӯз" иқрор шуда буд, ки сарварони Созмони Ҷавонон ба таблиғоти фаъол шурӯъ намуда буданд. Онҳо бо кӯмаки донишҷӯёне, ки дар кишварҳои хориҷӣ таҳсил менамуданд, китобҳо ва дастурҳои гуногунро дастрас мекарданд, ба омӯзиш ва тарғиб намудани мероси пешвоёни ҳаракати исломӣ: Шайх Ҳасан Банно, Саид Қутб ва Муҳаммад Қутб, Саид Ҳавво, Абдулаъло Мавдудӣ машғул буданд. Ин ба онҳо имконият додааст, ки роҳи худро интихоб кунанд, шаклу усулҳои мубориизаро омӯзанд.

Минбаъд Созмони Ҷавонон асоси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон гардида буд. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон зодаи "демократияи митингӣ"-и ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта мебошад. Маҳз зери фишори митингбозон 22-уми октябри соли 1992 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи бекор кардани баъзе санадҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳизбҳои характери динӣ"-ро қабул кард ва ба ташкил намудани Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон иҷозат дод. Таъсисёбии ҲНИТ, аз як тараф, иҷрои рисолати ҷомеаи демократӣ бошад, аз тарафи дигар, роҳбаронаш бахри ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ кӯшишҳои мақсаднок анҷом доданд. Хеле бамаврид аст, ки андешаҳои собиқ муассис ва узви фаъоли ҲНИТ Мулло Абдураҳим Каримовро дар бораи аҳзоби сиёсии динӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Ӯ менависад: ҲНИТ низ аз ҷумлаи азҳоби сиёсии динӣ ҳаст, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ нахустин шуда, аз ҳастии худ дар қаламрави Осиёи Миёна хабар дода буд. Яъне, ҲНИТ аз фаъолияти пинҳонӣ ба фаъолияти ошкоро гузашт. Аммо, мутаассифона, бисёре аз аъзо ва роҳбарони бахшҳои ҲНИТ, аз ҷумла банда дар бораи барномаи сиёсии пинҳонии ҲНИТ огаҳӣ надоштем. Аслан, ҳизб барои ислом бегона аст. Бунёд кардани ҳизби исломӣ дар Тоҷикистон, ки қариб сад дар сади сокинони он мусулмон ҳастанд, худ тафриқа андохтан миёни мардуми мусулмони кишварамон мебошад. Аз ин ҷост, ки мардуми мусулмон ва аз ҷумла, рӯҳониёни машҳури тоҷик ҲНИТ-ро намепазируфтанд ва онро дастгоҳ ва манбаи идеологияи ваҳҳобия донистанд, фаъолияташро номашруъ ҳисобиданд. Аммо ҲНИТ бар иродаи мардуми мусулмон ва рӯҳониёни мазҳабӣ нигоҳ накарда, бо кӯмаки хоҷагони пасипардагии худ арзи вуҷуд намуд. То имрӯз ин рақобати рӯҳониёни исломи асил бо ҲНИТ боқӣ мондааст ва онро онҳо эътироф намекунанд".

Соли 1992 ҷанги таҳмилӣ Тоҷикистонро фаро гирифт. ҲНИТ асосгузори ин ҷанги таҳмилӣ буд ва бо ишораҳои сохтаи ба ном исломӣ ва бегона ба фарҳанги миллии мо вориди майдон гашт. Омили мазкур ва надоштани ҷаҳонбинии сиёсию маълумоти кофии динии аҳли ҷомеа боиси он гашт, ки душманони миллати тоҷик заминаи ҷанги шаҳрвандиро ба таври комил барномарезӣ ва ҷангро оғоз намоянд".

Аммо дар роҳбарияти ҲНИТ шахсоне низ буданд, ки хатоҳою иштибоҳҳояшонро ба гардан мегирифтанд ва аз он дарси сабақ меомӯхтанд. Раиси вақти ҲНИТ Муҳаммадшариф Ҳимматзода иброз менамояд: "Башар дар корхояш аз хато ва иштибоҳ наметавонад худро дар амон бидонад. Ҳар касе коре мекунад, хато кардани ӯ аз эҳтимол дур нест. Аз рӯи ин қоида мо ҳам худро аз иштибоҳ ва хато маҳфуз намедонем.

Ба назари ман иштибоҳи асосии мо тазоҳуротҳои пай дар пайи соли 1992 буд, ки аҳзоби мардумӣ ва исломӣ онҳоро роҳандозӣ карданд. Инро ман ба он хотир намегӯям, ки дар он вақт раиси ҲНИТ будам ва мухолифи чунин тазоҳурот, балки аз он ҷиҳат мегӯям, ки ҳизби мо тасмим гирифта буд ва қарор ҳам қабул карда буд, ки дигар дар ҳеҷ як тазоҳурот иштирок намекунад, вале гурӯҳе аз аъзои раёсати ҳизб дар ғиёби раис (ман дар сафари хизматӣ дар хориҷи Тоҷикистон будам) бар хилофи тасмимҳои қаблан қабулкардаи ҲНИТ устод Нуриро барои пайвастан ба тазоҳурот мутақоид карданд ва ба тазоҳурот ҳамроҳ шуданд. Ман баъд аз ин воқеа дар бисёр мавридҳо ин назари худро иброз доштам".

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар соли 1992 роҳбарони сохторҳои давлатӣ, намояндагони оппозитсия, умуман қувваҳои солими ҷомеа бахри ба эътидол овардани вазъи иҷтимоию сиёсии ҷумҳурӣ дар Хоруғ, Сайёд ва Калининобод мулоқот доир намуда буданд. Вале ӯҳдадориҳои дар ин вохӯриҳо қабулшуда аз тарафи оппозитсия риоя намегардиданд.

Дар моҳи июни соли 1993 бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҲНИТ манъ карда шуд.

Тибқи хулосаи таҳлилгарони сиёсӣ ҲНИТ аввалан ба ихтилофи рӯҳониёни исломӣ, сониян тамоми ҷомеа боис гардид. Бинобар он, роҳбарияти ҲНИТ баҳори соли 1993 дар Афғонистон маҷбур шуд, ки ба ҷои Ҳизби наҳзат, Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистонро таъсис намояд.

Аҳли башар шоҳиди он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоссатан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахри ба даст овардани сулҳу амонӣ дар кишварамон аз ҳама воситаҳои сулҳофарин истифода мебурданд. Шаклу усулҳои ҳамкории сохторҳои давлатиро бо ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷустуҷӯ мекарданд. Яке аз чунин иқдомҳо баимзорасии Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон буд, ки онро рӯзи 9-уми марти соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони 30 ҳизби сиёсию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба тасвиб расонида буданд. Моҳи апрели соли 1996 бо мақсади таъмини гуфтушуниди доимии қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ, барои ба даст овардани таносуби манфиату ҷустуҷӯ ва баркарор намудани шаклҳои нави ҳамкории иштирокдорони Аҳднома Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон созмон дода шуд.

> **АҲЛИ БАШАР ШОҲИДИ ОН АСТ, КИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ХОССАТАН ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БАХРИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ СУЛҲУ АМОНӢ ДАР КИШВАРАМОН АЗ ҲАМА ВОСИТАҲОИ СУЛҲОФАРИН ИСТИФОДА МЕБУРДАНД. ШАКЛУ УСУЛҲОИ ҲАМКОРИИ СОХТОРҲОИ ДАВЛАТИРО БО ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ СИЁСӢ, ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ, ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ ҶУСТУҶӮ МЕКАРДАНД. ЯКЕ АЗ ЧУНИН ИҚДОМҲО БАИМЗОРАСИИ АҲДНОМАИ РИЗОИЯТИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН БУД, КИ ОНРО РӮЗИ 9-УМИ МАРТИ СОЛИ 1996 ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲБАРОНИ 30 ҲИЗБИ СИЁСИЮ ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ БА ТАСВИБ РАСОНИДА БУДАНД...**

Бо мақсади амалӣ гардонидани ин вазифаҳо як гурӯҳ ходимони илм ва фарҳанги мамлакат, роҳбарони оппозитсиониро даъват намуданд, ки ба Аҳднома ва ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба комёб шудан ба ризоияти воқеӣ дар кишвар ҳамроҳ шаванд. Дар нома аз ҷумла чунин қайд шудааст: "Аз ҳад нагузарем, аз ду ҷониб ҳам гуноҳҳои зиёде содир шудаанд, аммо Ватан яктост ва он Ватани ягона ҳам дар партгоҳи муҳлик қарор дорад. Пас замони мусоид фаро расидааст, то дар чеҳраи якдигар гунаҳкору бадхоҳу душман наҷӯем, балки мисли фарзандони як модари бузург ба шифо бахшидани ҷаро-

ҳатҳои пайкари ӯ сари маслиҳат биёем, Ватани ормонии худро бисозем ва дар канори он сар бифарозем, ҳама парешониҳоро пушти сар бигузорем, аз акси чаҳон дар канори Ватан ҷамъ оем, як рӯзи "Тавбаи бузурги умумитоҷикӣ" эълон намоем ва аз кирдорҳои носавоби худ дар пешгоҳи Худованд тавба кунем ва ба ёдгории он ҳама қурбониёни ин ҳаводиси нангин Муҷассамаи болобаланде бисозем, то имрӯзиён ва фардоиён ба он бингаранд ва барои худ панд бигиранд!".

Барои дастрас намудани номаи мазкур ба роҳбарони оппозитсион 5 майи соли 1996 ходимони илму фарҳанг ба унвонии ҷонишини намояндаи хосси муншии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Дарко Шилович бо мазмуни зерин муроҷиат карданд:

"Ҷаноби олӣ!

9 марти соли 1996 дар ҳузури Шумо ва намояндагони сафоратхонаҳо, расонаҳои хабарии хориҷӣ, аҳли ҷамоатчигии Тоҷикистон, роҳбарону намояндагони аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои ниҳод намоед.

Осимӣ М.С., Лоиқ Шералӣ, Диноршоев М.Д., Масов Р., Шукуров М., Абдуразоқов Ҳ.".

Вале боиси таассуф аст, ки роҳбарияти Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии тоҷик ин таклифро рад намуд. Дар номаи ҷавобӣ, ки онро роҳбари ИНОТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ имзо намудааст, аз ҷумла омадааст: "Бародарони зиёӣ, агар қазияи Тоҷикистон ва авзои шадиди сиёсию иҷтимоии он, ки ба эътирофи худашон ҳоло дар партгоҳи мудҳиш қарор дорад, бо ба имзо расонидани як чунин аҳдномае дар байни тамоми созмонҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ҳаллу фасл ва беҳтар мегардид, Иттиҳоди оппозитсиони тоҷик ба сифати як нерӯи сиёсию низомии шинохташуда ва фаъол дар қатори дигарон бедаранг ба он имзо мегузошт. Аммо афсӯс, ки бо ин содагӣ наметавон ба ҷое расид. Масъала хеле мушкилтар, доманадортар ва ҷиддитар аз он аст, ки шумо мепиндоред. Дуруст аст, шояд ин аҳднома мушкили шуморо бо ҳукумат ҳал кунад. Зеро шумо бо ҳукумати кунунӣ ҳеҷ гуна мухолифати ҷиддие надоред. Аммо аз нигоҳи мо чизеро ҳал нахоҳад кард".

Новобаста ба монеаҳои сунъиэҷод, марҳилаи тӯлонӣ, душвортарин ва хеле муҳими моҷарои байни тоҷикон анҷом ёфт. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИНОТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро имзо намуданд. Дар асоси Созишномаи мазкур Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз анҷоми марҳилаи якум ва дуюми протоколи низомӣ бекор намудани манъи ҳизбҳою созмонҳои шомили ИНОТ-ро муҳимтарин пешрафт дар кори татбиқи сулҳ мешуморид. 11-уми августи соли 1999 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат иҷозат дод.

Ҳамин тавр, ҲНИТ аз нав ба ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат ворид гардид.

11-уми марти соли 2002 аъзои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матни нави Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро тасдиқ намуданд.

"Аҳдномае, ки бо ташаббус ва дастгирии Шӯрои ҷамъиятӣ ба имзо расид ва мӯҳлати амали он номаҳдуд эълон шудааст, - қайд менамояд Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон, - ифодаи майлу иродаи неки ҳамаи онҳое мебошад, ки барои тақдири ояндаи миллати кишвар, оромӣ ва сулҳу суботи комили ҷомеа масъулияти бузурги муштаракро ба зимма гирифтаанд".

Боиси зикр аст, ки ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеа ҲНИТ низ ҳамроҳ гардид. "Тоҷикистон, - гуфта буд дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ раиси ҲНИТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ, - монанди як қолинест, ки онро ба қисмҳо набояд тақсим кард. Ин қолин бояд ободу зебо бошад. Баракати сиёсии давлат ва ҳизбҳо ҳаст, ки дар Тоҷикистон сулҳ шуд. Ман фарҳанги бисёрҳизбиро чунин мефаҳмам, ки сиёсати дурусти Ҳукуматро дастгирӣ кунад, на ин ки ҳизбҳо зидди Ҳукумат мубориза баранд.

Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон узвияти худро ба Аҳдномаи ризоияти Тоҷикистон эълон мекунад. Мо ба хотири манофеи миллат ва ободии мамлакат аз ҳама чиз бояд бигзарем ва мехоҳем Тоҷикистон мамлакати зебо бошад".

> ***БО ТАВРИ ОММАВӢ АЗ САФИ ҲНИТ БАРОМАДАНИ АЪЗОЯШ, ИХТИЁРАН ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНУ БАХШҲОИ ИБТИДОИИ ҲНИТ ДАР ВИЛОЯТҲО, ШАҲРУ НОҲИЯҲО ВА МАҲАЛҲОИ ТОҶИКИСТОН ГУВОҲИ ОН АСТ, КИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН РОҲИ ДУНЯВИИ ПЕШРАФТРО АВЛОТАР МЕДОНАНД.***

ҷамъиятӣ, муассисаҳои динӣ, марказҳои миллию фарҳангӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва илмӣ "Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон"-ро имзо карданд.

Ин иқдоми ҷиддиест, барои ба даст овардани ваҳдати миллӣ, таҳкими ягонагии кишвар ва сулҳу ризоият дар Тоҷикистон. Аҳднома бо дарназардошти талаботи Эъломияи ҳуқуқи башар ва дигар меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ иншо шудааст. Дар асоси ҳамин Аҳднома Шӯрои ҷамъиятие барпо гардид, ки он ба талаботи мухолифин дар бораи ташкили Форуми халқҳои Тоҷикистон низ мутобиқат мекунад.

Аз Шумо, Ҷаноби Олӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки номаи моро бо матни Аҳдномаи мазкур, ки аз ҷониби сарварони ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, илмӣ, муассисаҳои динӣ имзо гардидааст, ба роҳбарияти мухолифини тоҷик расман барои шиносоӣ, баррасӣ ва имзо пеш-

Вале баъди вафоти Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар дохили ҲНИТ парокандагии ақидавӣ ҳукмфармо гардид. Роҳбари ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ ва аъзои Шӯрои Олии ҲНИТ васияти устодашонро дар бораи мамлакати зебо будани Тоҷикистон аҳдшиканона поймол карданд. Қолини зеборо ба қисмҳо тақсим кардан хостанд.

Баъди интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони Маҷлисҳои маҳаллӣ даъвати чаҳоруми ҲНИТ бо нишони эътироз дар Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон фаъолиятро қатъ кард. Канорҷӯӣ аз ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсиву иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, зоҳирпарастию мутеъ будан ба хоҷагони хориҷӣ коста гардидан эътибори собиқадорон, қонуншиканиҳои узви раёсати Шӯрои Олии ҳизб обрӯю нуфузи ҲНИТ-ро дар ҷомеа паст гардонид. Ҳамаи ин ба нокомии ҲНИТ дар интихоботи парлумонӣ ва маҳаллӣ дар моҳи марти соли 2015 оварда расонд.

Бо таври оммавӣ аз сафи ҲНИТ баромадани аъзояш, ихтиёран қатъ гардидани фаъолияти созмону бахшҳои ибтидоии ҲНИТ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки мардуми Тоҷикистон роҳи дунявии пешрафтро авлотар медонанд.

# ҚУРЪОН – КИТОБИ МУҚАДДАСИ МУСУЛМОНОН



## ПЕШГУФТОР

**Худованд Қуръони каримро бо тамоми ҳарфу маъноҳояш бар ҳазрати Муҳаммад (с), нозил кардааст. Ба тариқи ваҳй Қуръон дар китоб навишта шуда ва ба тариқи таватур нақл карда шудааст ва тиловати он ибодат аст. Худованд ваҳйеро, ки бар расули худаш ҳазрати Муҳаммад (с) нозил кардааст, онро Қуръон номидааст. Чунонки дар сураи Инсон, ояти 23 мефармояд: Ҳаройина Мо Қуръонро ба тадриҷ бар ту нозил кардаем.**



**Хоҷамиров ХОҶААМИР, муовини раиси шӯрои уламои дини вилояти Суғд**

Шаъну шараф ва бузургии Қуръон ин аст, ки онро ҳам хонда мешавад ва ҳам тиловат карда мешавад.

Аллоҳ таъоло Қуръонро "китоб" ҳам номидааст.Чунонки дар сураи Нисо ояти 105 мефармояд:

***Мо ин Китоб (Қуръон)-ро ба ростӣ ба ту нозил кардем.***

Ва низ шаъну шараф ва бузургии Қуръон ин аст, ки дар китобу саҳифаҳо навишта мешавад ва ба он эҳтиром меварзанд.

Худованд Қуръони каримро бо чанд сифат номбар кардааст: Фурқон, Зикр, Ҳудо, Нур, Шифо, Ҳаким ва Мавъиза ва низ ба дигар сифатҳое зикр намудааст, ки далолат бар бузургии Қуръони карим мекунанд.

Дар асри саҳобагон китоби Қуръонро "Мусҳаф" ҳам меномиданд, зеро бар саҳифаҳо навишта шуда буд.

Қуръони карим ин ваҳйи илоҳӣ аст, ки Худованд онро ба воситаи Ҷабраил (а) бар дили пайғамбар Муҳаммад (с) фуруд овард.

Чунончи дар сураи Шуаро, аз ояти 192 то 195 мефармояд:

***Ва ба дурустӣ, ки Қуръон фурудовардаи Парвардигори оламиён аст.***

***Онро Рӯҳуламин фуруд овард.***

***Бар дили ту, то аз тарсонандагон шавӣ.***

***Ба забони арабии равшан.***

Пайғамбар Муҳаммад (с) дар ин амр аз пайғамбарони навомада нест. Зеро пеш аз ин ҳам бародаронаш пайғамбарони гузашта алайҳимуссалоту вассалом буданд. Бар ҳамаи эшон Ҷабраил алайҳиссалом ваҳйи илоҳиро фуруд оварда буд. Аллоҳ таъоло барои ин амонати бузург касеро, ки хоҳад аз бандагонаш пайғамбар ихтиёр мекунад. Чунонки дар сураи Ҳаҷ ояти 75 мефармояд:

***Аллоҳ аз миёни фариштагону мардумон расулоне ихтиёр мекунад. Албатта, Аллоҳ ба гуфтори бандаҳояш шунаво аст ва ба ҳама чизҳо биност!***

Ӯ худ донотар аст, чи касе шоиста ва сазовори ин амонати бузург аст. Зеро офариниш дар ихтиёри Ӯст. Чунонки дар ояти 68-уми сураи Қасас мефармояд:

***Парвардигори ту ҳар чиро, ки бихоҳад, меофаринад ва ҳар касеро бихоҳад ихтиёр мекунад.***

**Нузули Қуръони карим**

Фуруд омадани ваҳй бар Муҳаммад (с) рӯзи душанбеи 17 - уми моҳи муборакi рамазони соли 610-и милодӣ дар ғори Ҳиро бо воситаи Ҷабраил алайҳиссалом буд. Аввалин оятҳои аз Қуръони карим нозилшуда, панҷ ояти аввал аз сураи Алақ мебошад. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

1.Бихон, эй Паёмбар ба номи Парвардигорат, он ки ҳама ҷаҳонро офаридааст.

2.Одамиро аз пораи хуни баста офаридааст.

3.Бихон! Ва Парвардигори ту аз ҳама бузургвортар аст.

4.Аллоҳе, ки ба воситаи қалам халқашро таълим дод.

5.Ба одамӣ он чиро, ки намедонист, биёмӯхт. Ва аз торикиҳои ҷаҳл ба нури

илм баровард.

Баъд аз фуруд омадани ин панҷ ояти номбурдашуда Пайғамбар (с) ба назди аҳли худ баргашт, дар ҳоле ки дилаш аз тарс метапид ва ҳамсари худ (модари мӯъминон Хадиҷа бинти Хувайлид) -ро аз саргузашти худ огоҳ намуд ва барояш гуфт: "Бар ҷони худ тарсидам". Хадиҷа гуфт: Зинҳор ва ҳаргиз матарс! Мужда бод туро! Савганд ба Аллоҳ, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ туро хор насозад. Ба ростӣ, ту он касе ҳастӣ, ки поси хешовандӣ ба ҷой меоварӣ ва ростгӯй ҳастӣ, бечорагонро дастгирӣ менамой, нодоронро парасторӣ ва меҳмонро



**БА ДУРУСТӢ, НАВИШТАНИ ҚУРЪОНИ КАРИМ БО ҒАМХОРӢ ВА ЭҲТИМОМИ ПАЙҒАМБАР (С) БУД. БА ИН ДАЛЕЛ, КИ ҲАТТО БАЪЗЕ АСҲОБИ ХУДРО, КИ ЛАЁҚАТИ КИТОБАТ ДОШТА БУДАНД, БА НАВИШТАНИ ҚУРЪОНИ КАРИМ АМР НАМУДА БУДАНД. ВА БАРОИ НАВИШТАНИ ВАҲЙИ ИЛОҲӢ АЗ ОНҲО КОТИБИ ВАҲЙ ИХТИЁР КАРДА БУДАНД. АЗ ҲАМА МАШҲУРТАРИНИ ОНҲО ДАР НАВИШТАНИ ВАҲЙИ ИЛОҲӢ ЗАЙД ИБНИ СОБИТИ АНСОРӢ (Р) БУД.**

навозиш мекунӣ ва дар мусибатҳо ва ҳаводиси рӯзгор дастгири мардум мебошӣ.

Сипас, ӯро Хадиҷа ба назди писари амаки худ Варқа писари Навфал овард, ки ӯ марди донову ҳаким буд. Хадиҷа разияллоҳу анҳо гуфт:"Эй писари амак! Саргузашти бародарзодаатро бишнав." Пайғамбар (с) он чи дида буд барои ӯ гуфт. Варқа писари Навфал барояш гуфт: ***"Ин ҳамон фариштае мебошад, ки Аллоҳ ба Мӯсо алайҳиссалом фиристода. Эй кош! Он гоҳ даврони ҷавонии ман мебуд. Эй кош! Ман зинда бимонам то он рӯз, ки қавмат туро аз диёрат биронанд".***

Пайғамбар (с) пурсид: ***"Оё онҳо маро берунронандагон бошанд"?***

Варқа фармуд: Оре, чунин кунанд. Ҳар кас, ки он чӣ ту овардаӣ, биёвард, мавриди душманӣ қарор гирифт. Агар он рӯзро дарёбам, тавонмандона ба нусрати ту бархезам. Вале аз ин сӯҳбат дере нагузашта Варқа аз ин ҷаҳон чашм пӯшид.

Қуръони карим монанди китобҳои пайғамбарони пешина дар як бор фуруд наомадааст, балки дар тӯли 23 сол кам - кам нозил шудааст. Гоҳе як сура ба пуррагӣ нозил мешавад ва гоҳе чанд ояте аз сурае.

Ҳикмат аз кам - кам нозил шудани Қуръони карим ва пай дар пай фуруд омадани Ҷабраил ба ҳузури эшон ба ваҳй, устувор ва пойдор доштани дили пайғамбар Муҳаммад (с) мебошад, то ки дар аввали биъсати пайғамбарӣ дар муқобили сарзаниши мушрикон ва зиддияти онҳо сахт устувору пойдор бошад.

Чунонки Аллоҳ таъоло дар ояти 32-юми сураи Фурқон мефармояд:

***Кофирон гуфтанд: "Чаро ин Қуръон якбора бар ӯ нозил намешавад?" Барои он аст, ки дили туро ба он устувор созем ва онро ба оҳистагиву тартиб хондем.***

Инчунин, дар кам - кам нозил шудани Қуръони карим ҳикмати бузурги тарбиявии дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки он зина ба зина тарбия гирифтани мӯъминон аз илму амал ва аҳкоми диниашон аст, то дар омӯхтан ва фаҳмидани он осонӣ пайдо кунанд. Ва аз торикиҳои ҷаҳл, куфр ва ширке, ки дар он ҳаёт ба сар мебурданд ба сӯи нури имон, тавҳид ва илм берун оянд.

**Тадвини Қуръони карим**

Муҳимтарин роҳи нигоҳ доштани матнҳо навиштани он аст. Ва сухане, ки навишта намешавад, боиси нисён ва фаромӯшӣ мегардад. Қуръони карим, то рӯзи қиёмат, ки ҳамчун раҳнамо барои ҷаҳониён нозил шудааст, ҳатман навиштани он зарур аст.

Ба дурустӣ, навиштани Қуръони карим бо ғамхорӣ ва эҳтимоми пайғамбар (с) буд. Ба ин далел, ки ҳатто баъзе асҳоби худро, ки лаёқати китобат дошта буданд, ба навиштани Қуръони карим амр намуда буданд. Ва барои навиштани ваҳйи илоҳӣ аз онҳо котиби ваҳй ихтиёр карда буданд. Аз ҳама машҳуртарини онҳо дар навиштани ваҳйи илоҳӣ Зайд ибни Собити Ансорӣ (р) буд.

Одатан ҳар вақте ки ваҳй нозил мешуд, пайғамбар (с) онро азёд мекарданд, баъд аз он ба яке аз котибони ваҳй мефармуданд, то онро бинависанд. Ва низ мефармуданд, ки "ин оятро дар сурае, ки дар он чунин ва чунон зикр шудааст, бигузоред". Пайғамбар (с) сураро барояшон номгузорӣ мекарданд ва ба онҳо навиштани оятҳояшро фармоиш медоданд. Баъд аз он асҳоби худро ба омӯхтан ва ёд намудани он чи ки нозил мешуд, амр мекарданд. Қуръони карим дар замони пайғамбар (с) дар пӯст навишта шуда буд.

Пайғамбар (с) ҳар сол дар назди Ҷабраил алайҳиссалом Қуръони каримро ба такрор мегузарониданд ва дар соле, ки аз дунё гузаштанд, ду маротиба Қуръонро бо риоя кардани тартиби оёт ва сураҳояш ба такрор гузарониданд. Чуноне ки имрӯзҳо Қуръон дар дасти мусулмонон аз рӯи тартиби оятҳо ва сураҳояш мавҷуд аст. Ва инро гуфтаи Аллоҳ таоло таҳқиқ ва исбот мекунад. Чунонки Аллоҳ таоло дар сураи Қиёмат, оятҳои 17-18 ум мефармояд:

***Ҳаройина, ҷамъ овардану хонданаш бар ӯҳдаи Мост, баъд аз он ҳар куҷо, ки хоҳӣ бихон аз хотират намеравад.***

Чун онро ба забони Ҷабраил алайҳиссалом бар ту бихондем, ба диққат гӯш фаро деҳ ва аз хондани он пайравӣ кун.

Ва низ дар сураи Аъло, ояти 6 мефармояд:

***Мо Қуръонро барои ту эй Расул хоҳем хонд ва ту дигар онро фаромӯш нахоҳӣ кард.***

**Идома дорад...**

# ИССЛЕДОВАНИЕ ПО ИСТОРИИ АРАБОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ИНДИИ

**В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ ХАЛАДЖЕЙ (689/ - 720/), А ВСЛЕД ЗА НИМИ ТУГЛУКИДОВ (720/ - 815/ ) НАУЧНАЯ И ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ЛИТЕРАТУРА НА АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ, ХОТЯ И В МЕНЬШЕЙ СТЕПЕНИ, ПРОДОЛЖАЛА БЫТОВАТЬ В ИНДИИ НАРЯДУ С ФАРСИЯЗЫЧНОЙ. ОДНИМ ИЗ ПОДВИЖНИКОВ В ДЕЛЕ УПРОЧЕНИЯ ПОЗИЦИИ АРАБСКОГО ЯЗЫКА И АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ИНДИИ ДАННОГО ПЕРИОДА БЫЛ ИЗВЕСТНЫЙ СУФИЙ ШЕЙХ НИЗАМУДДИН АВЛИЯ, ЧИТАВШИЙ ПЛАМЕННЫЕ ПРОПОВЕДИ НА АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ. КСТАТИ, ОН БЫЛ УЧИТЕЛЕМ И НАСТАВНИКОМ КРУПНЕЙШЕГО ФАРСИЯЗЫЧНОГО ПОЭТА ИНДИИ АМИРА ХУСРАВА ДЕХЛАВИ, ПРЕКРАСНО ВЛАДЕВШЕГО АРАБСКИМ ЯЗЫКОМ, ВЫСОКО ЦЕНИВШИМ АРАБСКУЮ ЛИТЕРАТУРУ И НЕОДНОКРАТНО ИЗЛАГАВШИМ В СВОИХ СОЧИНЕНИЯХ ОРИГИНАЛЬНЫЕ МЫСЛИ ОБ ОБЩИХ И ОТЛИЧИТЕЛЬНЫХ ОСОБЕННОСТЯХ АРАБСКОГО И ПЕРСИДСКОГО СТИХА.**



**Таджиддин МАРДОНИ,
доктор филологических наук**

Амир Хусрав считал, что по своим возможностям его родной язык хинди в поэтическом творчестве нисколько не уступает языку фарси, однако не может идти в сравнение с языком арабским - языком Пророка ислама (с) и Священного Корана. Его отношение к арабскому языку и место арабского языка в его творчестве проанализировано в нашей работе "Место арабского языка в поэтическом творчестве Амир Хусрава Дехлави". К слову, по собственному утверждению, Амир Хусрав намеревался составить из своих арабских стихов отдельный диван, но удалось ли ему осуществить это намерение или нет, остается неизвестным. Лишь можно констатировать, что среди его персидско-таджикских стихов, особенно газелей, нередко встречаются отдельные бейты или целые поэтические фрагменты на арабском языке, которые ярко свидетельствуют о его прекрасном знании последнего. Немало талантливых арабоязычных ученых, писателей и поэтов, как показывают авторы, жило в Индии и в эпоху господства в этой стране так называемой династии Великих моголов (933/ - 1273), начало которой положил внук Тимурланга (Хромого Тимура) Захируддин Бабур. Это целая плеяда звезд первой величины на научном и литературном небосводе Индии: Абулфайз Мубарак ан-Накури, Гулам Накшбанд ал-Лакнави, Абдулджалил ал-Билкрами, Мухаммад А'ла ат-Таханави - автор Энциклопедии науки и искусства, Абдуннаби ибн Абдуррасул Ахмаднасари - автор Энциклопедии руководства для ученых, широко известные ученые и писатели Шах Валиюллах ад-Дехлави, Гуламали Азад ал-Билкрами и многие другие.

Авторы книги о выдающихся арабоязычных деятелях Индии уделили внимание и тем арабским исследователям древности, средневековья и нового времени, которые обращались в своих произведениях к индийской тематике, разрабатывали индийские сюжеты, переводили с индийского языка на арабский или фарси или же с арабского на другие языки научные и художественные произведения индийских авторов. Так, они упоминают крупнейшего арабского ученого и писателя Абуусмана ал-Джахиза (775-868), в трудах которого можно встретить большое количество интересных наблюдений и суждений о культуре, верованиях, обычаях и нравах индийцев, хотя ему и не приходилось бывать в их удивительной стране в отличие от Абурайхана ал-Беруни и Ибн Батуты, долгое время проживавших в Индии, а также Ибн Хордадбеха, аш-Шахристани, аш-Шарифа ал-Идриси, ал-Казвини и др.

В новое время, точнее, начиная уже с XIX века, арабские ученые и писатели сделали немало для того, чтобы познакомить своих соотечественников с историей и культурой Индии. Так, например, ливанский литератор Вади' ал-Бустани (род. 1888г) осуществил перевод "Махабхараты" и некоторых частей книги Калидаса "Шакундала". Эти переводы были изданы Индийским советом культурных связей в 1952 году.

Огромный подъём испытало искусство литературного перевода и в самой Индии, что дало возможность познакомить арабоязычного читателя за пределами Индии с лучшими произведениями современных индийских авторов.

Известный египетский писатель и журналист Анис Мансур, посетивший Дели, Бомбей и Калькутту, описал свои впечатления от поездок по Индии в своей книге на арабском языке "Вокруг света за сто дней". Вот как он отзывается в ней об индийцах: "Это весьма замечательные люди, необычайно спокойные и приветливые, их миролюбие заложено глубоко в их сознании, а неприятие индийцами кровопролития проистекает из глубин их истории и верований. Аскетизм их является элементом, присущим всем индийским религиям".

Проникновение англичан в Индию в XVI веке и организация ими Ост-Индской компании ознаменовали новый период в национальной истории страны. С их приходом и при их участии здесь начинались кровавые раздоры и междоусобицы, стала постепенно угасать культурная жизнь. Лишь благодаря огромным усилиям отдельных индийских просветителей огонь науки, культуры и искусства не погас вовсе. Именно эти патриоты Индии вновь вдохнули в него новую жизнь и сохранили для потомков это культурное и духовное наследие ислама. Научная и культурная жизнь была возрождена и продолжала свое существование в период английской оккупации благодаря неустанной деятельности Сайида Ахмадхана, Сайида Сулеймана ан-Надави, Шибли Ну'мани, Мавлана Абулкалама Азада, Хакима Аджмалхана, Сайида Мухаммада Али Джаухара, шейха Хусейна Ахмада ал-Мадани, шейха Махмуда ал-Хасана ад-Дивбанди, шейха Ахмадшаха ал-Кашмири, Мухаммада Икбала ал-Лахури, Абдулхамида ал-Фарахи, казия Атхара ал-Мубаракфури, Мухаммада Юсуфи Кукана ал-Умари, шейха Абулхасана Али ан-Надави и многих других верных сынов Индии, которые создавали свои творения как на, своем родном хинди, а так же на фарси и английском, так и на арабском языке.

Огромную заслугу индийских ученых перед арабским и мусульманским миром в деле сохранения и развития

культурного и духовного, в частности, богословского наследия, отметил профессор ас-Сайид Рашид Риза, который в своей книге "Мифтах кунуз ас-сунна" ("Ключ к сокровищам Сунны") писал: "Если бы не усилия и не забота индийских ученых о развитии науки о хадисах в эту эпоху, то она была бы обречена на исчезновение, как это произошло в ряде стран Востока". Действительно, такое случилось в Египте, Сирии, Ираке, Хиджазе и некоторых других странах, начиная с XVI века.

На арабском языке продолжают создавать свои произведения в Индии и наши современники, которые пишут об истории ислама в своей стране и его культурном наследии, об актуальнейших проблемах Индии, арабских стран и мусульманского мира, о вызовах и угрозах, возникающим перед лицом ислама и современного человечества, о проблемах мирного сосуществования различных народов и конфессий как в Индии, так и во всем мире, о многообразных аспектах диалога цивилизаций и плодотворного взаимодействия наций. Кроме того, они создают на арабском языке талантливые литературные произведения как в прозе так и стихах.

Авторы книги "Выдающиеся деятели Индии, пишущие на арабском языке", дали в ней целую серию очерков жизни и творчества около пятидесяти ученых, писателей и поэтов, произведения которых обрели широкую популярность в научных кругах мусульманского мира, особенно среди арабоязычных читателей.

Начинается серия с творчества наиболее раннего арабоязычного поэта индийского происхождения из провинции. Синд Абу'ата ас-Синди, родившегося в начале VIII века, жившего на рубеже двух эпох - Омейядской и Аббасидской и упоминаемого в таких древнеарабских историко-литературных антологиях, как "аш-Ши'р ва-ш-шу'ара" Ибн Кутайбы, "Китаб ал-агани" Абулфараджа ал-Исфахани, "Му'джам аш-шу-'ара" ал-Марзубани, "Вафайат ал-а'йан" Ибн Халликана и некоторых других.

Авторы книги приводят весьма интересные данные об ученых, писателях и поэтах - уроженцах Индии, волею судеб оказавшихся среди арабских племен, сохранивших в чистом виде свой язык арабов, и освоивших этот язык столь совершенно, что их произведения на арабском языке составляют ныне неодолимую часть арабо-мусульманской культуры, а имена многих из них вписаны в историю арабской литературы и арабского языкознания. К ним относится ал-Имам Разиюддин ас-Сагани (577/ - 650/), родители которого были выходцами аз средневекового Саганиана или Чаганиана (пределы нынешней Гиссарской долины в Таджикистане), перебравшимися в Лахор, где и родился Разиюддин, получивший основное образование в Индии и изучавший впоследствии науку о хадисах в Мекке, Медине и Багдаде и на протяжении нескольких лет совершенствовавший свои познания в арабском языке среди арабских племен Аравии.

Перу ас-Сагани, которого авторы книги считают возможным приравнивать к таким корифеям как Халил ибн Ахмад, Ибн Дурейд, ал-Джаухари, аз-Зинджани, принадлежат сорок шесть крупных сочинений, двадцать два из которых посвящены только проблемам арабского языкознания. Лишь одно только из этих сочинений под названием "ал-Убаб аз-захир ва-л-лубаб ал-фахир" состоит из двадцати томов. А его дополнение к знаменитому словарю "ас-Сихах" ал-Джаухари насчитывает шесть больших томов. И таких талантливых и плодовитых ученых, писателей и поэтов, создававших свои произведения на арабском языке, в каждый период истории Индии было множество. Авторы книги сообщают краткие сведения о жизни и творчестве каждого из тех, кто внес наибольший вклад в науку и литературу, перечисляют его труды, подчеркивают главные особенности его творчества, по возможности приводят оценки, данные ему другими выдающимися лицами эпохи, помещают наиболее примечательные образцы их поэтических или поэтических творений.

**НАСТОЯЩАЯ КНИГА ВВОДИТ В НАУЧНЫЙ ОБОРОТ ОГРОМНЫЙ ПЛАСТ МАТЕРИАЛА, КОТОРЫЙ МОЖЕТ ПРЕДСТАВИТЬ КОЛОССАЛЬНЫЙ ИНТЕРЕС КАК ДЛЯ АРАБИСТОВ, ТАК И ДЛЯ ИНДОЛОГОВ И ИРАНИСТОВ, ДА И ВСЕХ, КТО ИНТЕРЕСУЕТСЯ ВКЛАДОМ ИСЛАМА И АРАБСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ИНДИЙСКУЮ ЦИВИЛИЗАЦИЮ. ЗНАКОМСТВО С КНИГОЙ ПОРОЖДАЕТ УВЕРЕННОСТЬ, ЧТО ДАЛЬНЕЙШЕЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ЭТОЙ ТЕМЫ ПРИНЕСЕТ НАУКЕ ЕЩЕ НЕМАЛО НОВЫХ И УВЛЕКАТЕЛЬНЫХ ОТКРЫТИЙ.**

В книге указывается, что некоторые ученые, писатели и поэты, будучи выходцами из других стран, прибыли в Индию в разные исторические эпохи. Но основной костяк всегда составляли коренные жители, получившие прекрасное образование и освоившие многие науки на арабском языке как у себя на родине, так и в научных школах арабских и мусульманских стран. В числе таковых можно назвать, к примеру, ал-Имама Шаха Валиюллаха ал-Умари ад-Дехлави, прозванного в народе и научных кругах Шейх ал-ислам, Хаким ал-умма, Худжат ал-анам, Маснад ал-Хинд и пр. Шах Валиюллах ад-Дехлави родился в 1114/1702 году в селении Фалат неподалеку от Дели в семье весьма образованных и благочестивых людей. Многие члены его семейства занимали должности казиев, муфтиев, мударрисов, а его отец Шейх Абдуррахим даже принимал участие в составлении сборника фетв, предпринятом по велению небезызвестного султана Аврангзиба.

Шах Валиюллах ад-Дехлави был крупнейшим ученым, мыслителем и общественным деятелем, которого, как считают авторы книги, без колебания можно поставить в один ряд с такими выдающимися личностями, сыгравшими неоценимую роль в истории ислама и исламской мысли и ставшими основоположниками правовых школ и толков, как ал-Имам аш-Шафи'н, ал-Имам Ахмад ибн Ханбал, Шейх ал-ислам Ибн Таймия, Ибн Халдун и ряд других. Он был переводчиком Корана на фарси и глубокомысленным его комментатором, просветителем, прекрасно разбирался в проблемах политики и экономики своего времени, предлагал власть предержащим рациональные пути решения существовавших в Индии острых общественно - политических и социально - экономических проблем, и способы преодоления критических ситуаций. Он был действительно гениальной личностью с разносторонними интересами, посвятившей всего себя борьбе против безграмотности, невежества и фанатизма, за единство мусульман и представителей других конфессий, родиной которых была Индия.

Ко всему этому Шах Валиюллах ад-Дехлави писал талантливые стихи на персидском и арабском языках, в которых отражал свои мысли о волновавших его актуальнейших и животрепещущих вопросах жизни. Сохранился диван арабских стихов Шах Валиюллаха, собранный и изданный его сыновьями Шейхом Абдулазизом и Шейхом Рафи'уддином.

И таких, подобных Шаху Валиюллаху поистине гениальных личностей, как показывают авторы книги, в Индии во все эпохи было множество. Благодаря им получал свое развитие и распространение арабский язык, на котором эти верные сыны писали свои научные трактаты и литературно-художественные сочинения, которые представляли мудрость Индии не только арабскому, но и всему мусульманскому миру.

Настоящая книга вводит в научный оборот огромный пласт материала, который может представить колоссальный интерес как для арабистов, так и для индологов и иранистов, да и всех, кто интересуется вкладом ислама и арабской культуры в индийскую цивилизацию. Знакомство с книгой порождает уверенность, что дальнейшее исследование этой темы принесет науке еще немало новых и увлекательных открытий.

# ҚОНУНИ ТАНЗИМ ДАР АМАЛ

*Аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" зиёда аз 8 сол сипарӣ гаштааст. Меъёрҳои ин санади муҳим ба зиндагии ҳар як шаҳрванди тоҷикистонӣ роҳ ёфта, ба ҳифзи дороии буҷаи оилавии онҳо мусоидат намуда истодааст. Дар шароити буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, ки тамоми кишварҳоро фаро гирифтааст, барои пешгирии зиёдаравӣ дар баргузории ҷашну маросимҳо ва исрофкорӣ нақши Қонуни мазкур аз пештара бештар эҳсос мегардад.*

**Олимов ФАРРУХУЛЛО,**
**сардори Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати ҶТ**



Ҳадафи Қонун низ ҳаминро тақозо дорад, яъне, он ба ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, нигаронида шудааст.

Дар баробари корҳои фаҳмондадиҳию таблиғотие, ки аз тарафи Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Кумита дар самти амалисозии Қонуни номбурда сурат мегиранд, тадбирҳои назоратӣ низ анҷом дода мешаванд. Аз ҷумла, дар рӯзҳои истироҳат, ки бештари маъракаҳо баргузор мегарданд, масъулони Кумита рейдҳо гузаронида, аз маъракаю маросимҳои мардум боздид менамоянд. Дар ҳолати зиёдаравӣ нисбат ба шахсони қонуншиканӣ содирнамуда, маводи дахлдор тартиб дода мешаванд. Бо шаҳрвандоне, ки дар маъаракаашон эҳтимолияти қонуншиканӣ ба вуҷуд меояд, бо роҳи фаҳмондадиҳӣ талаботи Қонун шарҳу эзоҳ дода мешаванд ва дар натиҷа, ҳам шаҳрванд ва ҳам намояндагони мақомоти назораткунанда аз ин ҳолат қонеъ мешаванд.

**ТАЙИ ҲАШТ МОҲИ СОЛИ ҶОРӢ АЗ ТАРАФИ КУМИТА ЗИЁДА АЗ 55 РЕЙД ГУЗАРОНИДА ШУДА, ДАР НАТИҶА БЕШ АЗ 50 ҲОЛАТИ ҚОНУНШИКАНӢ ОШКОР ГАРДИДАНД. ВОБАСТА БА ИН САНАДУ МАВОДҲОИ ДАХЛДОРИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ТАРТИБ ДОДА ШУДАНД. ҲАМЗАМОН, ЗИМНИ РЕЙДҲО КОРМАНДОНИ КУМИТА ТАҚРИБАН АЗ 400 МАЪРАКАИ ШАҲРВАНДОН ДАР ШАҲРҲОИ ДУШАНБЕ, ХУҶАНД, КОНИБОДОМ, ИСТАРАВШАН, САРБАНД, ТУРСУНЗОДА, КӮЛОБ, НОҲИЯҲОИ РӮДАКӢ, ВАРЗОБ, БОХТАР, РАШТ, ФАЙЗОБОД, НУРОБОД ВА Б.ҒАФУРОВ ДИДАН КАРДА, 48 ҲОЛАТИ ЭҲТИМОЛИЯТИ ҚОНУНШИКАНИРО ПЕШГИРӢ НАМУДАНД.**

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ва комиссияҳои доимии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бурдани назорат ва пешгирии қонуншиканиҳо махсуб мешавад. Дар ин замина, корҳои мушаххас сурат гирифтанд, ки бозгӯи фаъолияти онҳо мебошад.

Дар миқёси ҷумҳурӣ аз тарафи мақоми ваколатдор, шуъбаҳо ва бахшҳо оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тибқи маълумоти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (то 10.09.2015) 327 адад парвандаҳо оид ба вайрон намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тартиб дода шуда, ҷиҳати чораандешӣ ба судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст. Аз 327 парванда 320 адад баррасӣ гардида, 7 адади он дар истеҳсолот қатъ карда шудааст. Маблағи умумии ҷаримаҳо 975 600 сомониро ташкил медиҳад. Ошкор намудани қонуншиканиҳо дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чунин аст: вилояти Хатлон 110 адад, вилояти Суғд 136 адад, шаҳри Душанбе 45 адад, ШНТҶ 32 адад ва ВМКБ 4 адад.

Тайи ҳашт моҳи соли ҷорӣ аз тара-

фи Кумита зиёда аз 55 рейд гузаронида шуда, дар натиҷа беш аз 50 ҳолати қонуншиканӣ ошкор гардиданд. Вобаста ба ин санаду маводҳои дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуданд. Ҳамзамон, зимни рейдҳо кормандони Кумита тақрибан аз 400 маъракаи шаҳрвандон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Конибодом, Истаравшан, Сарбанд, Турсунзода, Кӯлоб, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Бохтар, Рашт, Файзобод, Нуробод ва Б.Ғафуров дидан карда, 48 ҳолати эҳтимолияти қонуншиканиро пешгирӣ намуданд.




Дар бисёр ҳолатҳо вайрон гардидани талаботи моддаи 10-и Қонуни мазкур вобаста ба шумораи иштирокчиён ва баргузории маъракаҳои иловагии манъшуда ба назар мерасад. Мушкили дигаре, ки садди роҳи назорати риояи Қонуни мазкур мегардад, фаъол набудани аъзои аксари комиссияҳои доимӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Мутаассифон,а ҳолатҳои зиёде ба мушоҳида мерасанд, ки шаҳрвандони мо дидаю дониста ё аз ноогоҳӣ муқаррароти Қонуни зикршударо сарфи назар карда, маъракаҳои иловагӣ ва ё манъшударо барпо менамоянд, ки аз мадди назари масъулони соҳа дур намемонад.

Дар масъалаи амалисозии Қонуни мазкур масъулони бисёр ниҳодҳо бо Кумита ҳамкорӣ намуда, дар раванди татбиқи он саҳми муносиби худро мегузоранд. Аз ҷумла, аксарияти мақомоти судӣ дар масъалаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таҳкими қонуният ва риояи он аз ҷониби шаҳрвандон ба кормандони соҳа ҳамаҷониба мусоидат менамоянд. Алалхусус, судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Раҳмонзода Малоҳат зимни баррасии парвандаҳое, ки аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва комиссияи доимии ноҳияи Шоҳмансур пешниҳод мегарданд, бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ муносибат намуда, ба кормандони ҷавони Кумита баҳри баланд бардоштани малакаю савияи маърифати ҳуқуқӣ кӯмаки худро дареғ намедорад. Ин аст, ки шахсони ҳуқуқвайронкунанда, сарфи назар аз он ки шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ мебошанд, аз қарори баровардаи номбурда хулосаҳои зарурӣ мебароранд. Бо ташаббуси бевоситаи судя Раҳмонзода М. дар таърихи 14.08. 2015 вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар тарабхонаи "Равшан" суди сайёр доир гардид. Судя паҳлӯҳои масъаларо ҳаматарафа баррасӣ намуда, мулоҳиза ва нишондоди ҳар як шахси иштирокчии парвандаро шунида, нисбат ба масъули тарабхонаи мазкур Шарипов А. қарори воқеӣ ва дуруст баровард. Бо вуҷуди он ки аз тарафи кормандони Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Маркази дастгирӣ ва инкишофи омӯзиши касбӣ (МИДОК) курси омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои тарабхонаҳои ш.Душанбе гузаронида шуда бошанд ҳам, ҳамоно аксари кормандони тарабхонаҳо аз талаботи Қонуни мазкур пурра огоҳӣ надоранд. Масалалан, масъулони тарабхонаҳои "Тоҷикистон", "Роҳат", "Истаравшан", "Кохи Наврӯз", "Шаҳрисабз"-и шаҳри Душанбе, тарабхонаҳои шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, н.Б.Ғафурови вилояти Суғд ва шаҳри Турсунзода ҳангоми баргузории маъракаҳо баъзан меъёри Қонуни номбурдаро вобаста ба шумораи даъватшудагон риоя накарда, ҳамзамон маъракаҳои иловагӣ ва ё манъшуда мегузаронанд. Ин аст, ки аз тарафи масъулони бисёр тарабхонаҳо талаботи моддаҳои 9, 10, 11, 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 481-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон карда мешавад.

Бо вуҷуди проблемаю мушкилот фаъолияти солҳои охири Кумита дар мавриди назорати татбиқи Қонуни мазкур нишон медиҳад, ки корҳои назоратию таблиғотӣ дар ин раванд дучанд гардидааст. Кумита бо мақсади пайваста назорат бурдани фаъолияти комиссияҳои доимӣ ҳар ҳафта аз вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо маълумотро дастрас менамояд. Ин кор асосан ба хотири аз мадди назар дур намондани назорати маъракаҳо, ҳамкорӣ бо Кумита ва баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии кормандони соҳа сурат мегирад.

**ИН АСТ, КИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНАНДА, САРФИ НАЗАР АЗ ОН КИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ Ё ВОҚЕӢ МЕБОШАНД, АЗ ҚАРОРИ БАРОВАРДАИ НОМБУРДА ХУЛОСАҲОИ ЗАРУРӢ МЕБАРОРАНД. БО ТАШАББУСИ БЕВОСИТАИ СУДЯ РАҲМОНЗОДА М. ДАР ТАЪРИХИ 14.08. 2015 ВОБАСТА БА ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ДАР ТАРАБХОНАИ "РАВШАН" СУДИ САЙЁР ДОИР ГАРДИД. СУДЯ ПАҲЛӮҲОИ МАСЪАЛАРО ҲАМАТАРАФА БАРРАСӢ НАМУДА, МУЛОҲИЗА ВА НИШОНДОДИ ҲАР ЯК ШАХСИ ИШТИРОКЧИИ ПАРВАНДАРО ШУНИДА, НИСБАТ БА МАСЪУЛИ ТАРАБХОНАИ МАЗКУР ШАРИПОВ А. ҚАРОРИ ВОҚЕӢ ВА ДУРУСТ БАРОВАРД.**

# ҲАКИМ АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ
# МОРО ИТТИҲОД МЕБАХШАД

**ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН РӮЗИ 25 УРДИБИҲИШТ БАРОБАР БА 15 МАЙИ ҲАР СОЛРО БА МАНЗУРИ АРҶГУЗОРӢ БА МАҚОМИ ШОМИХУ БОАЗАМАТИ САРОЯНДАИ "ШОҲНОМА"-И ТОБАНДАВУ НАМИРАНДА РӮЗИ БУЗУРГДОШТИ ФИРДАВСӢ - КАШФКУНАНДА ВА ТАЪОЛИБАХШАНДАИ РӮҲИ ОРИЁӢ НОМГУЗОРӢ КАРДААНД. БА ИН БАҲОНА ДАР САРОСАРИ ЭРОН ҲАМОИШҲОИ ИЛМӢ, БАЗМҲОИ МУСИҚӢ, ШАБҲОИ ШЕЪРУ ДОСТОН ВА ТЕАТРИ НАҚҚОЛОН БАРГУЗОР МЕШАВАД. ОЙИНИ ҲАРСОЛАИ НАКӮДОШТИ ФАРЗОНАИ ТӮС ВА ПОСДОРИИ "ШОҲНОМА" БУЗУРГДОРИИ ФАРУ ФАРАҶУ ФАРОВОНИВУ ФАРОХИВУ ФАРАҲУ ФАРҲАНГУ ФАРЗОНАГИВУ ФАРРУХИВУ ФАРРАҲИИ ЭРОНИ БУЗУРГ (ОРИЁИСТОН, ОРИЁНО) АСТ ВА ХУҶАСТАВУ ҲУМОЮН ХОҲАД БУД, АГАР ИН РӮЗ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН НИЗ РӮЗИ ТАҶЛИЛИ ФИРДАВСӢ НОМ БИГИРАД.**



**Фотеҳи АБДУЛЛОҲ**

Азбаски пуштвонаи назарии давлати тозаистиқлоли мо андешаи миллист, пас воҷиб аст барои ҳифзу ҳиросат аз суботу амнияти пойдор, барои тақвияти ваҳдату инсиҷоми миллӣ мо мудом аз шахсиятҳои таърихиву таърихсоз тақдиру тамҷид ба амал оварем, ки моро иттиҳоду иттисол мебахшанд, илми эҳёи маҷду азамати таърихӣ меомӯзанд ва ба сӯи ҷаҳонсозӣ, ҷаҳондорӣ ва ҷаҳонбонӣ роҳ менамоянд. Яке аз ин фурӯзонтарин шахсиятҳо бегумон Ҳаким Абулқосими Фирдавсии Тӯсист ва дар ин маврид бо Шайх Саъдии Шерозӣ ҳамсадо мешавем, "ки раҳмат бар он турбати пок бод!"

1

"Шоҳнома" - ин бузургтарин ҳамосаи миллии орёиён, ин кохи адабии баланду бегазанд, ин доиратулмаорифи нажоди Каюмарсу Ҷамшед, ин шиносномаи ақвоми орёӣ, ин ганҷинаиоростаи ҳикмату хирадварзӣ дар назди мардуми эронигавҳар мақому манзалати мунҳасир ба фарде дорад ва ҳеҷ китобе дар ин замина на дар гузашта, на дар имрӯз ва на дар оянда наметавонад ҷонишини он бошад, зеро аз он такягоҳҳои фарҳангии бегазанд ва сарчашмаҳои маънавии зулол аст, ки моро ба ҳувияту асолати миллию инсонӣ ва решаҳову оғозгоҳҳои нажодиву таърихии худ пайванд мезанад.

Мо назири сойири ақвоми олам саргузаште дорем ва ба таъбири дигар қавми таърихӣ мебошем ва ногузирем баҳри он ки ба гунаи шоиста ба ҳастӣ ва бақои таърихии худ идома бидиҳем, боистӣ ба пурсиши ҳамешагии "Кай ва дар куҷо пайдо шудаем ва чӣ роҳеро паймудаем" посухи илмии саҳеҳу дақиқ дошта бошем. Ҷавоби дурусти ин суол сароғози мантиқии таърихи мо хоҳад буд. Аз ин дидгоҳ "Шоҳнома"-и ҳакими рӯшанравони Тӯс порае аз таърихи сиёсӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии мост, ки сарриштаи он чун саргузашти ҷамеи қавмҳои куҳансол ба жарфои устураҳо ва ҳамосаҳои миллӣ мерасад.

Фирдавсӣ дар бораи чистии ҷавҳару моҳияти "Шоҳнома"-и хеш мегӯяд:

Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба як сон равиш дар замона мадон.
Аз ӯ ҳар чи андархурад бо хирад,
Дигар дар раҳи рамз маъно барад.

Ҳакими рӯшангуҳар бо ин абёт гуфтанист, ки достонҳои "Шоҳнома" ҳарчанд афсонаву дурӯғ ба назар мерасанд, лек агар рамзҳои нуҳуфтаи онҳоро ба дурустӣ бишикофем, ҳама айни ростиву дурустӣ мебошанд. Ба сухани дигар Фирдавсӣ хонандаро ҳушдор медиҳад, ки фирефтаи пӯстаи "Шоҳнома" нашавад, балки роҳ ба умқи ҳастаи он, яъне мағзу ҷавҳари он бигирад. Ҳаройина мурод аз рамзгушоӣ сарфурӯбарӣ ба аъмоқи ҷаҳони устураҳо ва гоҳо ҳамосаҳои "Шоҳнома" мебошад.

Устура чист, ки Фирдавсӣ гоҳ бо забони устура бо мо сухан мегӯяд. Дастае устураро бо афсона ва сухани ёваю бебунёд яке медонанд. Гурӯҳе бар инанд, ки вожаи "устура"-и арабӣ

баргирифта аз калимаи "история"-и юнонист ба маънии таърих, хабар, достон. Дар забонҳои аврупоӣ устура "миф" ё "мит" хонда мешавад ва бо "матал"-и тоҷикӣ ҳамреша аст ва ҷаҳонбинии мифологӣ ҳамон ҷаҳонбинии устураист. Муҳаққиқоне байни истилоҳоти илмии "афсона" ва "устура" тафовути ҷавҳарӣ қоиланд. Афсона дар истилоҳи адабиётшиносӣ қисса ё ҳикояти мардумист, вале маҳрум аз пайкараи фарҳангии устура мебошад. Беҳтарин намунаи он китоби "Ҳазору як шаб" аст, ки сарчашма дар "Ҳазор афсона"-и давраи Сосониён дорад.

Доктор Мирҷалолуддини Каззозӣ - назариядони маъруфи эронӣ дар мавриди устура менависад: "Пораҳои афсона он гоҳ ки бо ҳам даромезанд ва дар якдигар битананд ва пайкарае ҳамбаставу басомон аз андешаҳову боварҳои розомези фалсафиро падид оваранд, то ба марзи устура фаро хоҳанд рафт ва ба унвони устура шинохта хоҳанд шуд. Устура ба дабистони фалсафӣ мемонад, ки гӯё онро фарзонае андешаманд падид оварда бошад".

Биниши устураӣ порае аз ҷаҳоншиносӣ ва фалсафаи ниёгони мо буд, он гоҳ ки онон дар нахустин зинаи нардбони камоли ҳастии таърихии худ қарор доштанд. Қаҳрамони устура дар ҷаҳоне оганда аз рамзу роз ба сар мебарад ва худ ҳам агарчи рамзомезу розолуд аст, муҷоҳиди роҳи маънавият, озодӣ ва камол мебошад.

Ҷаҳони устураҳо таҷаллигоҳи хостаҳову ормонҳо ва майдони користони абармардҳое аз Каюмарс то Манучеҳр аст, ки ҳамвора бо эшон фари изадӣ (нури илоҳӣ) ҳамроҳ буд. Аммо ин фари фаросӯӣ ва фарозаминӣ то замоне аз чеҳраи подшоҳ метофт, ки ӯ дар сангари рӯшанойӣ, ростӣ, дод ва ободонӣ бо қотеият меистод, вале агар чун Ҷамшед дар масири туғёну нофармонӣ қарор мегирифт, ин фар варо тарк мекард. Ба ованде Фаридун ҷавонбахт буд, ки зулму ситами заҳҳокиро аз гетӣ барандохт ва адлу бародариро пойдор гардонд ва ба бовари ҳакими бузургвор ҳар инсон ба сурати билқувва Фаридун аст, ба шарте ки гом дар масири некукориву додгустарӣ бардорад:

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
Ба уду ба анбар сиришта набуд.
Ба доду диҳиш ёфт ин фарраҳӣ,
Ту доду диҳиш кун, Фаридун туӣ!

Дарсе, ки аз рӯзгори қаҳрамонони устура мегирем, ин аст, ки инсон пайваста гом дар роҳи таолӣ ва камоли маънавию ахлоқӣ бармедорад. Розҳову рамзҳои фалсафӣ дар достонҳои Зол, Рустам, Сиёвуш, Кайхусрав ва Исфандёр низ ҷилвагарӣ доранд. Ба гуфтаи доктор Ҳасани Илоҳии Қумшаӣ, "ҳамосаи Ҳакими Тӯс намоишномаи густурдаест аз зиндагии пурмоҷарои инсон аз ҳабут то уруҷ ва ҳидоятест ҷумлаи одамиёнро аз дӯзах то биҳишт, ки раҳнамои он фурӯғи изадӣ, яъне хирад аст". Ҳафт хон ё ҳафт користони Рустам (ҷанги Рахш бо шер, ёфтани чашмаи об, ҷанг бо аждаҳо, куштани зани ҷодугар, ҷанг бо Авлод ва Аржангдев ва куштани деви сапед) яке аз дурахшонтарин намунаҳои ҷиҳоди акбар аст. Дар ҳамаи ин ҷанг Рустам бар девон, бар бадӣ пирӯз аст ва ҳафт хони ӯ ба гунае сайру сафари Шайх Аттори Валӣ аз ҳафт шаҳри ишқро ба ёд меорад.

**2**

Ҳар шоири бузург рисолати илоҳӣ дорад, зеро шоирони таолиҷӯ ва камолхоҳ баргузидагони Аллоҳанд. Рисолати Рӯдакӣ ин буд, ки шеъри форсиро анбошта аз панди озодвор мекард, қадру манзалати ҷаҳонӣ мебахшид ва ба унвони ифтихории "Ҳазрати Одами шоирони Аҷам" ном мебаровард. Аммо Фирдавсӣ рисолате дигар дошт: ӯ бояд устураҳову достонҳо, ҷаҳондориҳову қаҳрамониҳои ҳамқавмонаш ва кӯтоҳи сухан саргузашти пурфарозу фуруди Эрони тоисломиро, ки дар ҳофизаҳо (ки дар давоми чанд ҳазор сол аз сина ба сина, аз даҳон ба даҳон нақл мешуд) ва китобҳо ҳифз буданд, ба гавҳари назм мероост ва онро барои наслҳову асрҳо зиндаву поянда медошт.

Ҷалолуддини Муҳаммади Хофӣ дар "Муҷмали Фасеҳӣ" роҷеи мавлуди асроромези Фирдавсӣ, ривояте аҷиб меорад: "Чун Фирдавсӣ мутаваллид шуд, падараш ба хоб дид, ки Фирдавсӣ ба боме баршуд ва рӯй ба қибла наърае зад ва овозе шунид, ки ҷавобе омад ва ҳамчунин ба се тарафи дигар наъра зад ва ҳамчунин ҷавоб шунид. Бомдод ба Наҷибуддини муаббир (хобгузор, таъбиркунандаи хоб) гуфт. [Наҷибуддин] гуфт: Писари ту сухангӯе шавад, ки овозаи ӯ ба чаҳор рукни олам бирасад ва дар ҳамаи атроф сухани ӯро истиқбол намоянд". Хоби содиқ пайғоми изадист ва ин хоб аз зодани як бузургшоири ҷаҳоншумул башорате бар аҳли хонадони ӯ буд. Дар суннати илоҳист, ки Худои Мутаъол чун баргузидаеро барои анҷоми рисолате барангезад, ба зодмандон ё пайвандонаш мужда мерасонад ва ин башорат борҳо аз тариқи рӯъёҳо ба рангҳои рангоранг такрор мешавад.

Фирдавсӣ дар хонадони озодон ва озодазодагон парвариш ёфт, ки дар он фазилатҳои ахлоқии волое чун худопарастӣ, донишдӯстӣ, ҳикматпарварӣ, баландномӣ ва бузургворӣ ҳукумат дошт. Аҳли ин хонадон ҳамчунин ишқу алоқаи вофире ба хотироти қавмӣ ва достонҳои миллӣ доштанд ва ба гузаштаву гузоштаҳои ниёгони хеш фаровон арзиш ва эҳтиром қоил буданд ва вожаи "Эрон" аз калимоти қудсие дониста мешуд, ки дилҳоро ба ҷӯшу хурӯш меовард ва омода буданд ба хотири боландагиву шукуфандагии Меҳан ҷони азиз нисор кунанд.

Дар он замон дар фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросони Бузург, ки амирони Сомонӣ бар он салтанат доштанд, шиори ғолиби рӯшанфикрон "исломият" ва "эронният" ("орёият") буд. Гӯё ба зоҳир арзишҳои миллӣ ва динӣ мухолифате бо ҳам доранд, вале ин бардоште носавоб аст, ки мутаассибону мутааддиён бар онанд. Миллатдӯстии мусбат ва мӯътадил, ки намунаҳои он дар таърихи исломии қавмҳои гуногун афзун дучор мешавад, ҳеҷ тазоде бо ислом надорад, зеро ҳадиси шариф нидо дармедиҳад: "Дӯст доштани Ватан нишонаи имон аст". "Ватан" як вожаи бузурги сипанд аст ва зери мафҳуми он зодмандон, пайвандон, забони модарӣ, миллат, ҷуғрофиё, ниёгон, таърих, илм ва ҳикмат фаҳм мешавад ва ин ҳама маншаи илоҳӣ доранд.

Гоҳе, ки ниёгони мо фавҷ-фавҷ ислом оварданд, фаровон пурсишҳое дар бораи ояндаи мардум ва Меҳани худ доштанд. Пурсишҳое аз қабили: "Оё қавми орёӣ ба бақову ҳастии забониву таърихии хеш давом бидиҳад ва ё ба қавми араби ғолиб биёмезад ва маҳв шавад? Аз таърихи миллӣ ва ифтихороти миллии худ даст кашад ва ё ин ҳама таконаҳову ангезаҳои ҳувиятофаринро зиндаву поянда дорад? Ба сиёсати нажодпарастона ва бартариҷӯёнаи Уммавиён ва Аббосиён сари хориву зиллат фурӯ биёварад ва ё парчами озодиву озодагӣ, иззату кароматро барафрозад?" Хуни исёну нофармонии ниёгони арҷманду сарфарози мо ба ҷӯш омад ва роҳи дуюмро баргузиданд. Онҳо аз ҳамзистии зиллатбор таҳти алами халифаҳои арабгаро бар ин ақида расиданд, ки барои мусалмони воқеӣ шудан араб будан ва забони дариро ба забони тозӣ табдил додан ҳатмӣ нест, садҳо ҳазор арабест, ки аз ислом мисли кӯрмуш аз офтоб фосила дорад; метавон эронӣ боқӣ монд, забони худ, ватани худ, ниёгони худ ва таърихи худро пос дошт ва айни замон бо анҷоми ибодатҳо ва ҳукумат бар нафси аммора мусалмони ростин буд.

Маъмулан ҷунбишҳои сиёсӣ аз ҷунбишҳои фарҳангӣ мояву поя мегиранд ва иззату азамат меёбанд. Наҳзати шуубия, ки наҳзати бозгашт ба хештани миллии хеш буд, заминаи фарҳангии

> **Дар забонҳои аврупоӣ устура "миф" ё "мит" хонда мешавад ва бо "матал"-и тоҷикӣ ҳамреша аст ва ҷаҳонбинии мифологӣ ҳамон ҷаҳонбинии устураист. Муҳаққиқоне байни истилоҳоти илмии "афсона" ва "устура" тафовути ҷавҳарӣ қоиланд. Афсона дар истилоҳи адабиётшиносӣ қисса ё ҳикояти мардумист, вале маҳрум аз пайкараи фарҳангии устура мебошад.**

эҳёи муҷаддади истиқлол, озодӣ, сарбаландӣ ва ҷалоли орёиёнро гузошт. Абунувос, Башшор ибни Бурд, Ибни Муқаффаъ, Ҳамиди Бахтакон, Аълони Шуубӣ ва даҳҳо деҳқоннажоди озодаву гарданфароз, дилбастагони номи баланд ва ёдгорҳои бегазанд, ки куллияи осорашонро ба арабӣ нигоштаанд, бо нозишу болиш аз гузаштаҳову гузоштаҳои Эрон сухан меронданд, баробарию мувосоти қавмҳоро илқо мекарданд, ба бузургтарошӣ ва бартарихоҳиҳои арабҳо писханд мезаданд, андешаҳоро бедор мекарданд ва шарораҳои умедро дар синаҳо бармеафрӯхтанд.

"Исломият" ва "эроният", - ин буд воқеан шиор ва меҳваре, ки мӯҷиби зиндасозиву зиндагардии дубораи Эрони Бузург шуд. Таҳти ин шиор Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ "Худойнома" (ё "Шоҳнома")-и паҳлавиро ба арабӣ тарҷума кард, ки он китобе буд дар таърих ва саргузашти бархе аз шоҳони орёитабор -аз Каюмарс то вопасин хусравони Сосонӣ. Зери ин шиор ҷунбиши шуубия шакл гирифт ва базри озодиву озодагиро дар синаҳои пуроташу пурхуни эрониён барафшонд. Зери ин шиор Абумуслими Хуросонӣ -ин ҷавонмарди силаҳшӯри шарофатманди ҷавонмард (дар сивусесолагӣ ҷоми шаҳодат нӯшид) Уммавиёни нажодпарастро аз тахти хилофат вожгун сохт ва тоҷ ба сари Аббосиён гузошт. Зери шиори "исломият" ва "эроният" Муҳаммади Тоҳир - ин фармондеҳи ғаюру нофармони сипоҳи халифа Маъмун, ин волии Алҷазира ва сипаҳсолори Бағдод, ки амorати Хуросонро дар ихтиёр гирифт, соли 812 фармон дод, ки дигар дар хутбаҳои намози ҷумъа аз халифаи Аббосӣ ёд нашавад. Зери ин шиор Яъқуби Лайси Саффорӣ -ин қаҳрамони мардумии таърихи Орёистони навин, ин номбардори шоиртабъи фаромӯшинопазир дар поёни рӯзгори пуртакопӯву нооромии хеш андешаи барандозии халифаи вақти Аббосиро ба сар дошт ва мегуфт: "Ман рӯйгарбачаам (фарзанди мисгарам) ва ба қуввати давлат ва зӯри бозу кори худ ба ин дараҷа расондаам ва доия (даъво ва ирода) чунон дорам, ки то халифаро маққур (ҳақиру ночиз) нагардонам ва сарнагун насозам, аз пой нанишинам!". Зери шиори "исломият" ва "эроният" Исмоили Сомонӣ -аз тухмаи поки Баҳроми Чӯбина, сарлашкари номусвару номҷӯи Сосонӣ хуросониёнро пас аз ҳудудан дувист соли маҳрумият аз қудрати сиёсӣ аз сари нав ҳоким ба сарнавишти хеш кард, забонҳои бастаи мардумро гушуд, порсии дариро рӯҳу равони тоза бахшид ва даврони сарнагуниву инҳитотро ба даврони болишу шукуфиш, ки бо номи Растохези Эрон маъруф аст, бадал сохт.

Асри даҳум асри мавҷхези андешаҳои волову наҷиби меҳандӯстӣ ва меҳанпосдорӣ буд. Рӯҳи орёиён, ки ононро ба истиқлол ва сарбаландӣ расонд, ҳамчунон хостор буд, ки аз ёдҳову синаҳо рӯи сафҳаи дафтарҳову китобҳо бирезад ва ҷовидона сабт шавад, то эшонро дар дарозои таърихи пурфарозу нишебашон мададгорӣ кунад ва парубол бубахшад. Ба қавли доктор Забеҳуллоҳи Сафо, "эрониёни ин аҳд, хоса аҳли шарқи Эрон, бо шӯру шавқи тамом ба айёми гузаштаи хеш менигаристанд, чунон ки гуфтӣ, ҳама толиби маҷду азамати Эрон ва бозгашти сиёдат ва қудрати деринаи он буданд ва лоақал мехостанд баёну тақрири маҷду азамати гузаштаро василаи изҳороти худ қарор диҳанд".

Пажӯҳандагон ҳама иттифоқи назар доранд, ки Эрони Бузург ба ҳамосапардозе бузург ниёзмандӣ дошт, ки саргузашти пурифтихор ва шӯрофаринашро ончунон бисарояду биситояд, ки аз сӯхторҳову обхезҳои таърих барои ҳамеша дар амон бимонад. Ва ин нобиғаи адабӣ Фирдавсӣ буд, ки ба сароиши "Шоҳнома" пардохт ва пас аз сӣ соли хунидилхӯриҳо, шабзиндадориҳо ва ҷонбозиҳо дар соли 995 милодӣ, чаҳор сол пеш аз вожгунии тахту бахти Сомониён, бузургтарин ҳамосаи миллии орёиён ва ҷаҳониёнро фароҳам сохт.

**"Шоҳнома" аз ҷаҳоншиносии Фирдавсӣ ҳикоятгӯст, зеро шинохти ҷаҳон моҳияти ҳастии ҳар инсон мебошад. Бардошти ғалат аз ҷаҳонбинии Фирдавсӣ ҳанӯз дар замони зиндагиаш вуҷуд дошт. Тоифае маҳдудандеша ва таассубпеша ба пиндоре буданд, ки ӯ бо зиндасозии Эрони тоисломӣ аз ойинҳо, боварҳо ва арзишҳои куфромез ҳимоят мекунад ва аз ин лиҳоз мушрик аст.**

**3**

Дар бархе аз маҳфилҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии ҷаҳони эронӣ ва хориҷ аз он Ҳаким Фирдавсиро ё як фарди моддагарой ва дур аз парастишу ситоиши Парвардгор қаламдод ва ё як зардуштикеш муаррифӣ мекунанд, ки гӯё ба зоҳир ҷомаи исломӣ ба бар кардааст, то Эрони зардуштӣ ва авастоиро зинда созад. Ба ибораи дигар каҷфаҳмиҳо ва таҳрифоте дар мавриди "Шоҳнома" вуҷуд дорад ва вазифаи пажӯҳишгарон аст, ки аз ҳақиқати он дифоъ кунанд ва аслу ҷавҳари онро бинамоёнанд.

"Шоҳнома" аз ҷаҳоншиносии Фирдавсӣ ҳикоятгӯст, зеро шинохти ҷаҳон моҳияти ҳастии ҳар инсон мебошад. Бардошти ғалат аз ҷаҳонбинии Фирдавсӣ ҳанӯз дар замони зиндагиаш вуҷуд дошт. Тоифае маҳдудандеша ва таассубпеша ба пиндоре буданд, ки ӯ бо зиндасозии Эрони тоисломӣ аз ойинҳо, боварҳо ва арзишҳои куфромез ҳимоят мекунад ва аз ин лиҳоз мушрик аст. Ҳикояте аз "Муҷмалуттаворих" намунае аз ин бардошт мебошад: "Нақл аст, ки чун Фирдавсӣ вафот кард, ӯро дар боғаш дафн карданд ва аз вафоти ӯ ҳама андӯҳгин буданд. Аммо шайхи бузургвор Абулқосими Гургонӣ намози ҷаноза ҳозир нагашт ва гуфт: "Ӯ ба мадҳи габрон ва оташпарастон ва корҳои беҳуда умр гузаронид, бар чунин кас намоз накунам!".

Чун шаб даромад, шайх биҳиштро дар хоб дид ва қасре боазамат дар назари ӯ даромад ва ба он ҷо дохил шуд. Тахте аз ёқут дид. Фирдавсӣ бар он ҷо нишаста тоҷе бар сар дорад. Шайх аз хиҷолат хост, ки бозгардад. Фирдавсӣ бархост ва салом кард ва гуфт: "Эй шайх, агар ту бар ман намоз накардӣ, Изади Мутаъол чандин ҳазор фаришта фиристод, то бар ман намоз карданд ва ин мақом подоши як байт ба ман доданд:

Ҷаҳонро баландиву пастӣ Туӣ,
Надонам чийӣ? Ҳар чӣ ҳастӣ, Туӣ!

Чун шайх аз хоб бедор шуд, пойи бараҳна ва гирён ба марқади Фирдавсӣ шитофт ва бар қабри ӯ намоз кард ва чанд рӯз гӯшанишин гашт ва то ҳаёт буд, ҳар рӯз ба зиёрати ӯ рафтӣ".

Пажӯҳандагоне шоиру шайхро ҳамзамон намедонанд ва бар сиҳҳати ин ҳикоят бо шубҳа менигаранд. Вале фақир мӯътақидам, ки ин ҳикоят беасл нест ва шояд исми шайх дигар бошад, ба он ҳуҷҷат онҳое, ки Фирдавсиро ба хотири тараннуми Эрони бостони ғарқ дар устураҳо такфир мекарданд, дар саропои таърихамон бешумор буданд ва алъон ҳам теъдодашон коҳиш надида ва ин ки Ҳакими Тӯс пас аз маргаш азамати ухравӣ ёфта, дар дили ҳеҷ имонманде шакке ба андозаи ҷаве боқӣ намегузорад.

Он зумра, ки донои Тӯсро даҳримазҳаб ба қалам медиҳанд, дучори кӯрии маҳзанд, агар маҳрум аз нерӯи биноӣ нестанд, абёти аввалину охирини "Шоҳнома"-ро бихонанд, ки дар ҳамду ситоиши Худованди Яктост. Ва дар саропои "Шоҳнома" як рӯҳи имони комил ба ваҳдату ваҳдонияти олам мавҷ мезанад ва бино ба шумориши муҳаққиқон аз 60 ҳазор байти "Шоҳнома" (доири ҳаҷми он имрӯз назароти мухталиф вуҷуд дорад) 5 ҳазор байт дар мавриди арзишҳои диниву ахлоқист ва ин абёти ҳакимона бурҳони қотеи як мусалмони воқеӣ будани нигорандаи онҳост.

Ба ҳастии Яздон гувоҳӣ диҳем,
Равонро бад-ин ошноӣ диҳем.
Биҳишт аст, ҳам дӯзаху Растхез,
Зи неку зи бад нест моро гурез.

Доктор Фазлуллоҳи Ризо - муҳаққиқи эронӣ дар боби имон ва ихлоси Фирдавсӣ менависад: "Имон ва эътиқоди Фирдавсӣ ба Кирдгори ҷаҳон ва ниёишу ситоиши ӯ аз бахшҳои барҷастаи "Шоҳнома" аст… Суханони зебои Фирдавсӣ муноҷотҳои саҳаргоҳӣ ва хутбаҳои бисёр балеғ ва дуову ниёишҳои ҳаяҷонангези исломиро ба хотир меоварад".

***Идома дорад...***

# ШОИРОНИ ҲИСОРӢ ДАР ТАЗКИРАҲОИ АДАБӢ

**Муҳити адабии Ҳисори Шодмон ҳамчун як ҷузъи таркибии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар адабиёти тоҷик мақоми хос дорад. Агар ба сайри таърихии он нигарем, дар баробари муҳити адабии Дарвоз, Раштон ва Хатлон рушд карда ва якҷо қисми аъзами муҳити адабии ҳавзаи мовароуннаҳриро ташкил менамояд. Ин адабиёти ғанӣ ва гуногунпаҳлӯ ҳанӯз ба таври амиқ омӯхта нашудааст ва зарурати бознигарии он ба миён омадааст ва ба таҳқиқи ҷиддӣ ниёз дорад. Ин ҳавза бо шоирону донишмандон ва арбоби илму ҳунари худ, чи дар гузашта ва чӣ дар замони мо машҳур аст.**



**Ҳасан ДАВЛАТОВ,**
**мудири бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор**

Ва ба қавли маъруф Ҳисори зарнисор ҳам аз ҷиҳати иқлими мусоид, замини зархез, меваҷоти шаҳдбору ширин, маҳсулоти баландсифати кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳам аз ҷиҳати зеҳнӣ мардуми мулоимтабиати хушмуомила ва бофарҳангу маданӣ ва шоиртабиат дорад. Дар адабиёти хаттии мо мусталаҳот ва таркиботи "хубрӯи ҳисорӣ", "накӯёни ҳисорӣ", "лӯъбати ҳисорӣ", "моҳрӯёни ҳисорӣ" ва "турки ҳисорӣ" мавриди корбаст ва истифода қарор доранд, ки дар тавсифи бонувони ин сарзамин гуфта шудаанд. Чунончи, Низомии Ганҷавӣ дар достони "Хусрав ва Ширин"-и худ мефармояд:

***Зи теги тангчашмони ҳисорӣ,***
***Қадархонро бар он дар тангборӣ.***

Манучеҳрии Домғонӣ низ ба тавсифи лӯъбати ҳисорӣ пардохта:

***Эй лӯъбати ҳисорӣ, шугле дигар надорӣ,***
***Маҷлис чаро насозӣ?, бода чаро наёрӣ?***

Иқдоми пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон, хусусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таҷлили сеҳазорсолагии маданияти Ҳисор воқеан саривақтӣ ва идомаи мантиқии татбиқи сиёсати фарҳангии кишвар буда, барои пешрафту ободонии шаҳри Ҳисор, аз ҷумла рушду таҳаввули илму фарҳанг мусоидат мекунад. Аз марҳалаи тасвиби Қарори Ҳукумат то ин замон беш аз се сол сипарӣ гардид. Дар ин муддат, дар маркази ноҳияи Ҳисор ободиҳои зиёде шуданд, амсоли таҷдиди роҳи Душанбе-Ҳисор, бунёди даҳҳо иншооти маъмурӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, боғу гулгаштҳо имкон фароҳам меоваранд, ки илму фарҳанг низ дар канори рушди иқтисодӣ тавсеа ёбад. Хусусан, таҷлили ин ҷашни бузург ва муҳташами миллӣ барои аз диди нав ва бо дарназардошти меъёрҳои муосири илмӣ ба омӯхтани таърих, маданият, бостоншиносӣ, меъморӣ, марҳалаҳои рушди фарҳангӣ ва илмӣ мусоидат хоҳанд кард.

Бо масаррат метавон гуфт, ки дар ин давра як силсила китобҳо дар масъалаҳои омӯзиши таърихи Ҳисор, ки дар илм бо номи маданияти Ҳисор шӯҳрат дорад, адабиёт, фарҳанг, ҳунар, таълифоти фарзандони обрӯманду машҳури ин ҳавзаи илмиву адабӣ чоп шуда, дастраси хонандагон гардиданд ва дар навбати худ тӯҳфаи арзандаи ҷашнӣ ба ҳисоб мераванд. Бояд гуфт, ки дар қаламрави Ҳисори Шодмон ё Шумон намояндагони зиёди илму маърифат, шоирону носирон, донишмандон, навозандагону хунёгарони мумтоз, аз ҷумла Мавлоно Биҳиштӣ, Мавлоно Солеҳӣ, Мавлоно Хиргоҳӣ, Мавлоно Довуд, Мавлоно Баёзӣ, Мавлоно Ҷунунӣ, Қудсӣ, Узрӣ, Ишратӣ, Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Хоҷа Самандари Хонақоҳӣ ва… зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Мо дар ин мақола, дар бораи шоирони машҳури ин хиттаи адабӣ чанд маълумот медиҳем, ки зарурати бознигарӣ ба ҳунари шоирии онҳо ба миён омадааст.

Донишманди маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод дар китоби "Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри 15" дар бораи Мавлоно Биҳиштӣ, ки яке аз шуарои машҳури ҳавзаи адабии Ҳирот буда ва бо Мир Алишери Навоӣ сӯҳбат кардааст, маълумоти муфид медиҳад. Навоӣ дар китоби машҳури худ "Маҷолису-н-нафоис" роҷеъ ба Мавлоно Биҳиштӣ чунин менигорад: "Аз вилояти Ҳисор аст …. ва табъи шоирияш нек аст. Ин матлаъ ӯрост:

***Дар каманди ту на ҳар бесарупо афтодаст,***
***Ин балоест, ки дар гардани мо афтодаст.***

Алишер Навоӣ дар китоби худ Баёзиро шоири ширинсухан тавсиф карда ва дар ҳаққи ӯ чунин суханҳоро муносиб дониста: "Ба шаҳри Ҳирот омад… ва ҳангоми бозгашт Мавлоно бемор шуду онҷо бимонд ва баъд аз он ки муҳофизати ӯ карду ва сиҳҳат ёфт, боз ба Ҳисор баргашт. Ин байти машҳур ба ӯ мутааллиқ аст:

***Бизан бар синаи ман ханҷару афкан сар аз тан ҳам,***
***Дари ин хонаи торикро бикшову равзан ҳам.***

Мавлоно Майлӣ низ парвардаи муҳити адабии Ҳирот аст, ки сарварияшро Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба зимма дошт. Аз ӯ ҳам Мир Алишер ба некӣ ёд карда, ӯро соҳиби табъи баланд ва ашъори дилписанд гуфта. Бояд зикр кард, ки асри 15-ро дар адабиёти форсии тоҷикӣ рушди муаммо медонанд ва дар ин хусус рисолаҳои зиёд навишта шудааст. Мир Алишер дар зикри ҳоли Мавлоно Майлӣ ба муаммоӣ будани ӯ ва нек донистани ин фанро махсус ишора кардааст. Маҳз тавассути ин навиштаи Навоӣ як байти ӯ дар ҷаридаи таърих сабт шуда:

***Ҷафо ҳамин на аз он шӯхи бевафо дидам,***
***Зи ҳар кӣ чашми вафо доштам, ҷафо дидам.***

Мавлоно Солеҳӣ аз хиттаи хушобу ҳавои Ҳисор буда. Мир Алишер дар зикри ҳоли ӯ мефармояд: "Мавлоно Солеҳӣ аз Хуросон аст ва баъд аз шӯҳрат илми арӯз хонд ва аз саноеи шеър соҳибвуқуф шуд. Ва ӯро ба банноӣ мансуб медонанд ва муддатҳост, ки мавтини вилояти Ҳисор шуда. Гӯянд, китобдори подшоҳи он ҷост". Чунончи аз ин маълумоти пурқимати Навоӣ бармеояд, Мавлоно дар канори ҳунари шоирӣ доштан, инчунин банно, яъне дуредгар ва устое, ки иморат месозад, инчунин китобдор низ будааст. Мир Алишер аз осори Мавлоно Солеҳӣ намунаҳои зиёди ашъори ӯро зикр мекунад, ки мо ба як байти ӯ иктифо мекунем:

***Агар, эй шамъ, шабе ҳамнафаси ман бошӣ,***
***Чи дуо беҳтар аз ин аст, ки равшан бошӣ.***

Мавлоно Холидӣ низ дар Ҳисори Шодмон зода шуда ва дар Ҳирот таҳсили илм кардааст. Аз ҳамзамонони Мавлоно Солеҳист. Дар тавсифи хасоили ӯ Мир Алишер "инсони босалобат ва босалоҳият"-ро раво дониста. Ин байт ӯрост:

***Матарс аз тани хокӣ ба вақти куштани ман,***

***Агар ба теғи ту гарде расад ба гардани ман.***

Мулло Туфайлӣ, -менависад Мир Алишер Навоӣ,- аз Ҳисор аст ва ӯ табъи хуб дорад. Ин матлаъ аз рашҳаи қаламӣ ӯ таровиш ёфта:

***Чи сон пинҳон шабе дар кӯи он нозукбадан бошам,***
***Ки барқи оҳ равшан мекунад ҷое, ки ман бошам.***

Бузургтарин шоири натанҳо ҳавзаи адабии Ҳисор, балки адабиёти форсии тоҷикӣ Парии Ҳисорӣ мебошад. Дар тазкираву ҷунгҳо номи ӯро Мулло Раҷаб сабт кардаанд. Хубсухан ва табъи равон дорад. Ашъораш дар муҳити адабии Бухоро иштиҳор ёфта. Садриддин Айнӣ аз нақли қавли фузалои Бухоро ӯро қабеҳулманзар гуфта. Вале ин ғазал шаҳодати он аст, ки ҳусни гуфтор ва тарзи ашъораш баландрутба аст:

***Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,***
***Дар барам ояд, бибинам, то биёяд боварам.***
***Соғарам аз акси рӯи ёр дорад мавҷи май,***
***Мавҷ меҷӯшад, таҷаллӣ мезанад аз соғарам.***
***Пайкарам аз захми шамшери ту дорад обрӯ,***
***Обрӯ то субҳи маҳшар кам мабод аз пайкарам.***
***Дилбарам ҳаргиз намеояд ба хобам дар бағал,***
***Дар бағал ояд ба бедорӣ зи мастӣ дилбарам.***
***Гавҳарам олист аз гарди ятимӣ дар назар,***
***Дар назар оинаи ҳусни маонӣ гавҳарам.***
***Ҷавҳарам арзи камоли хеш дорад дар шикаст,***
***Дар шикаст оинаи сад обрӯ шуд ҷавҳарам.***
***Парварам танро ба ишқи лоларӯён то абад,***
***То абад ин пунба дар тӯфони оташ парварам.***
***Бар сарам неҳ пой, монад то қиёмат эй парӣ,***
***Эй парӣ, аз нақши поят тоҷи шоҳӣ бар сарам.***
***Камтарам донад, Парӣ, аз зарра ҳуснаш месазад,***
***Месазад, гӯям, ки ман аз камтари ӯ камтарам.***

Яке аз шоирони машҳури дигари Ҳисори зарнисор Ҳасрат мебошад. Ӯ дар асри 18 ва аввали асри 19 зиндагӣ кардааст. Номи ӯ Мирзо Олимҷон буда, дар бораи ӯ устод Айнӣ дар китоби "Ёддоштҳо" ва "Намунаи адабиёти тоҷик" маълумоти пуркимат медиҳад. Ӯ таҳсилдидаи мадрасаҳои Бухоро буда, баъд аз фориғуттаҳсил шудан боз ба Ҳисор бармегардад. Мисли бисёр ҳамзамонони худ аз пайравони сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил буда. Ин ғазал намунаи барҷастаи забони тоҷикӣ аз ашъори шоир аст, ки зиндагии сангину бомашаққати худро дар он тасвир кардааст:

***Кулфатзадаам, бодаи ишрат кию ман кӣ?***
***Бемори ғамам, бистари роҳат кию ман кӣ?***
***Эй боли ҳумо, соя маафкан ба сари ман,***
***Шоҳаншаҳи фақрам, ғами давлат кию ман кӣ?***
***Дар маснади хори ҷаҳон садрнишинам,***
***Бо мардуми олам сари суҳбат кию ман кӣ?***
***Дилдодаи доғи ғами лайлосифатонам,***
***Андешаи фардои қиёмат кию ман кӣ?***
***Ҳасрат зи азал хуни ҷигар гашт насибам,***
***Бадмастии паймонаи ишрат кию ман кӣ?***

Мавлоно Хиргоҳӣ аз шоирони банном ва шинохтаи Ҳисор мебошад. Ӯ дар қасабаи Хиргоҳтарошон зода шуда, дар зимни "маҳорати сеҳрпардозӣ ва суханпирозӣ", инчунин "ливои нағмасарой ва анҷуманорой" низ доштааст. Аз машоҳири сухан ва мафохири ватан аст. Ба Ҳиндустон рафта ва аз шоирони дарбори Акбаршоҳ буда. Дар сурудани рубоӣ "табъи уққод" доштааст:

***Парвона, ки оини муҳаббат омӯхт,***
***Ҷуз бар рухи шамъи хештан дида надӯхт.***
***З-ин бим, ки дар ҳаҷр намонад фардо,***
***Бечора шаби васл аз он худро сӯхт.***

Ва:

***Вақт аст, ки хешро ба ғам восипарӣ,***
***Лаб бандиву умри талх лаззат шумарӣ.***
***Дил ғӯиву лахти лаҳн аз дида кашӣ,***
***Ҷон хониву тор-тораш аз тан бибарӣ.***

Ва:

***Эй чархи гарон, мабин сабукборонро,***
***Ду пора макун дили вафодоронро.***
***Дарёб, ки солҳо дар ин олами хок,***
***Гардиву наёбӣ асари ёронро.***

Танбӯрии машҳур, машшоқи мумтоз ва сарояндаи нағмапардоз Хиҷилӣ табъи равони шоирӣ дошта, ки дар авоили қарни 19 зиндагӣ кардааст. Дар байни мардум ҳамчун Мулло Тағоймуроди Танбӯрӣ маъруф буда.Азбаски мусиқиро дар ниҳояти камол медониста, ҷиҳоти мусиқиоии шеъраш низ дар сатҳи матлуб бо маонӣ ҳамоҳанг гардидааст. Бисёр намунаҳои ашъорашро дар ҳавои мақомҳои "Шашмақом" навиштааст. Масалан, аз нақли қавли ҳофизи маъруф Ҳусайн Насриддин ин ғазали Хиҷилӣ дар ҳавои мақоми "Муғулчаи дугоҳ" таълиф ва тасниф шуда:

***Бӯи гул з-он пираҳан андар машомам ҷо гирифт,***
***Ҳамчу булбул нолаам з-авҷи фалак боло гирифт.***
***Як нигаҳ аз чашми ҷоду бас, ки оҳу дида буд,***
***Сар ба савдо дода, худро ҷой дар саҳро гирифт.***
***Кокули хам дар хами мушкини мушкафшони ӯ,***
***Оламеро дар каманди ноз бегавғо гирифт.***
***Ман чӣ гӯям аз хилофи аҳдҳои он парӣ,***
***Борҳо к-ӯ омада имрӯзро фардо гирифт.***
***Рамзи тасвири қадашро баски наққоши азал,***
***Аз ниҳоли тӯбиву шамшоду гул зебо гирифт.***
***Номи ширинаш сари ҳар байт аз ҳарфи Хиҷил,***
***Ҳар яке чун дурру гавҳар аз таҳи дарё гирифт.***

Соҳиби "Музаккиру-л-асҳоб" Малеҳои Самарқандӣ шӯҳрати Хоксарирo дар Самарқанд нисбат ба Бухоро бештар гуфта, ӯро дорои "афкори рангин ва ашъори ширин" медонад. Аз шоирони нимаи дувуми асри 19 будааст. Малеҳо рубоии зерро ба ӯ мансуб медонад:

***Булбул ба чаман ба гӯши гул гуфт: -Шунав,***
***К-аз рӯи ту рӯзи нав шуду рӯзии нав.***
***Шуд рӯзи нишоту айш мебояд кард,***
***Бе шоҳиди шиша ҷон гарав, ҷома гарав.***

Муаллифи "Тазкирату-ш-шуаро" дар бораи шоири дигари ҳисорӣ Ҳотиф, ки аз мирзодагони мулки Ҳисор буда, бо як ҷумла маълумот дода, ӯро "соҳиби табъи хуб ва шеъри марғуб" донистааст. Аз осори ӯ чанд байт боқӣ монда, ки яке аз онро дар инҷо зикр мекунем:

***Эй чамансимо, чу гул ман бешумар бошам чаро?***
***Сурхрӯ агёри ман хунинҷигар бошам чаро?***

Фориғи Ҳисорӣ низ аз шоирони машҳури замони худ будааст. Амирбек Абибов дар бораи Фориғ таҳқиқоти доманадоре анҷом дода, девони шоирро ба ҳуруфи сирилик баргардон кардааст. Ӯ дар охири асри 18 ва нимаи аввали 19 зиндагӣ ва эҷод намудааст. Сабки шеъраш ҳиндист ва бӯи сухани Бедилро дорад. Масалан:

***То гул ба сар, эй шӯхи ситамгар, задаӣ боз,***
***Нақди дилу дин аз раҳи дигар задаӣ боз.***
***Кардӣ зи ҳаё чеҳраи гулранг арақнок,***
***Оташ ба саропардаи ахтар задаӣ боз...***

Бояд гуфт, ки дар тазкираҳо дар бораи шоирони зиёди ин ҳавзаи адабӣ, аз қабили Фавқиии Ҳисорӣ, Зилоҳ, Мавлоно Туфайлӣ, Узрӣ, Ишратӣ, Ирсӣ, Ҷомии Ҳисорӣ, Хоҷа Шоҳӣ, Хоҷа Абдураҳим, Рифъати Ҳисорӣ, Ғарибӣ, Ғаюрӣ, Қосимхон, Қозӣ Комил, Мафтун, Маҳмуди Ҳисорӣ, Муштоқ, Мавзун, Муҳаммад Ҳошим Султон, Низомуддини Ҳисорӣ, Нодим ва садҳо шоири дигар маълумоти муфид ва зиқимат мавҷуданд, ки бояд аз ҷониби донишмандони тоҷик мавриди таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба қарор гиранд ва нақшу мақоми шоирон ва ҳунари шоирии онҳо аз дидгоҳи нав муайян карда шавад.

«ДИН ВА ҶОМЕА»
№09 (18) - СЕНТЯБРИ 2015

# ТАНТАНАИ ИСТИҚЛОЛ

**ИСТИҚЛОЛ МАФҲУМИ МУҚАДДАС АСТ. СУХАНЕСТ, КИ ҚИМАТАШ БАРОИ МО НА КАМТАР АЗ ҚИМАТИ МОДАР-ВАТАН МЕБОШАД. ИСТИҚЛОЛ МУРОДИФ ВА ИФОДАГАРИ ОЗОДӢ, СУЛҲ, ВАҲДАТ, САОДАТ, ҲАМДИЛИСТ. МАРЗУ БУМИ ТОҶИКОНРО АЗ НАКҲАТИ МУШКБЕЗ АТРОГИН МЕНАМОЯД. ҲАМДУ САНО БОД, ОФАРИДГОРРО, КИ МОРО РАСОНД БА ИН ТАМАННОЯМОН, БА ИН ОРМОНАМОН! ЗАМОНИ НА ЧАНДОН ДУР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МАҲДУДАИ СУНЪИЕ ҚАРОР ДОШТ.**

**Ҳасан Юсуфи**
**ФАЙЗБАХШ**

Замоне дар толорҳои пуродам бо вуҷуди набудани зарурат маҷлисҳо бо забони дигар мегузаштанд. Кор ба андозае буд, ки ҳатто садри базмҳои арӯсию домодӣ ба забони тоҷикӣ барандагӣ намекард. Ҳуҷҷати расмӣ ба забони тоҷикӣ навишта намешуд.

Маҳз истиқлол забони моро ҷони нав, рӯҳи нав, нерӯи нав бахшид. Ин аст, ки имрӯз забони модарии ман аз баландтарин ва бонуфузтарин минбари сайёраи Замин - Созмони Милали Муттаҳид садо медиҳад. Ин аст, ки имрӯз забони мо забони ҷаласаҳо, ҷамъомадҳо, забони конфронсҳои байналмилалӣ ва нишастҳои минтақавист. Забони тоҷикӣ забони илм, қонунгузорӣ, садою симо, забони матбуот, забони коргузорӣ дар ташкилоту созмону идораҳост.

Ҳоло Тоҷикистонро дар саросари ҷаҳон мешиносанду медонанд, эҳтиром мекунанду арҷ мегузоранд. Парчамаш қариб дар 130 кишвари ҷаҳон, болои консулхонаю сафоратхонаҳояш парафшонӣ мекунад. Тавассути бонуфузтарин сохтори Созмони Милали Муттаҳид - ЮНЕСКО санъаткорони тоҷик дар афсонашаҳри Париж доди рақсу суруду таронаро доданд. Наққошону кандакорону мисгарон, заргарону кадбонувонаш бо чирадастии хеш оламиёнро ба ҳайрат овар данд. Адибону суханварон, санъаткорону варзишгаронаш аз Амрико то Ҷопон мухлис доранд. Барои шумурдани медалҳои тиллоиву нуқрагини донишмандон ва варзишгарони ҷавону навраси тоҷик, ки дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба даст овардаанд, соатҳо лозим меояд.

Ман наметавонам дар бораи Душанбешаҳр -пойтахти Ватани биҳиштосоям нагӯям. Душанбеи имрӯза, Душанбеи 24 сол пеш нест. Маро ёд меояд, давраҳои наврасию ҷавониам, ки ба солҳои 60-70-уми асри гузашта рост



меомад. Худ шоҳидам, ки авҷи рушди давлати Шӯравӣ дар ҳамин солҳо оғоз ёфта буд. Акнун, дар замони авҷи рушди ин давлати абарқудрати ҷаҳон, Душанбе - пойтахти яке аз ҷумҳуриҳои ба ҳайати ин давлат дохилшаванда ҳамагӣ ду бинои андак зебою тамошобоб дошт. Ин бинои Кумитаи марказии ҳизби коммунист ва бинои Президиуми Совети Олии ҷумҳурӣ - имрӯза бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Аз биноҳои фарҳангӣ танҳо Театри давлатии ба номи Абулқосим Лоҳутию Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, аз биноҳои маишӣ бошанд, чойхонаи "Роҳат" ва меҳмонхонаи Душанбе, - имрӯза меҳмонсаройи "Пойтахт" ҷолибтар буданд. Баъдтар биноҳои Хонаи маорифи сиёсӣ, имрӯза Кохи "Ваҳдат" ва қасри киноюо консертии ба номи Борбад, имрӯза Кохи Борбад пайдо шуданд. Ҳамон солҳо овоза буд, ки бунёди кохи "Борбад"-ро роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ чун бинои истифодааш тамоман дигар пешниҳод карда, дар Маскав ҳимоя кардаанд. Яъне, мо ҳуқуқ ё имконияти ҳатто дар пойтахтамон бунёд кардани биноҳои қолабии андаке зебою хуштарҳро надоштем, чи расад ба биноҳои хусусияти тоҷикию шарқиёна дошта. Ҳоло чӣ? Дар дидану тамошои биноҳои зебою хуштарҳи осмонбӯс роҳгум мезанед. Ҳафтаҳо лозим мешавад, то онҳоро тавре ки бояд, бубинеду тамошо кунед. Танҳо кифоя аст, бигӯям, ки агар ҳар касе Қасри Миллат ва Кохи "Наврӯз"-ро танҳо бино пиндорад, саҳв мекунад. Онҳо дар баробари бинои муҳташаму қашанг будан, боз асари калонҳаҷм ва пурмазмуни меъмориву фарҳангӣ ва санъати тасвирӣ мебошанд. Манзараҳои гирди онҳоро тасвир кардан кори осон нест. Биноҳои Осорхонаи миллӣ, Китобхонаи миллӣ, "Душанбе- плаза" ва ғайраҳо, аз осори мондагори даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мебошанд.

Боз, ёдам меояд, ягона Боғи фарҳангу истироҳатии марказии ба номи Ленин. Боғе, ки аз нигоҳи он замон калонтарин буду аз нигоҳи ин замон хеле хурд аст. Солҳои ҷавонии мо одамон барои савор шудан ба ягона чархофалаки ин боғ соатҳо навбат мепоиданд. Имрӯз бошад, аз дидани боғҳои Ирам, Парчам, ба номи устод Рӯдакӣ, Нишони давлатӣ, Наврӯзгоҳ, Шаршара ва Боғи истироҳату фарҳангии шаҳр чашму дили кас сер намешавад. Соҳилҳои дарёи Душанберо касе, ки солҳои то 90-уми асри гузашта дида бошад, агар имрӯз бинад, шояд ба чашмони худ бовар накунад.

Шояд барои имрӯзиён афсона намояд, агар гӯям, ки паҳноии домони шаҳр аз ҷониби офтобнишин асосан то соҳили дарёи Душанбе буд. Дар заминҳои аз дарё то бемористони Қарияи боло чо-чо киштзорон ба чашм мерасиданд. Агар аз баландии кӯчаи Путовскии онвақтаю амфитеатри имрӯза ба ин бемористон нигоҳ мекарем, он гӯё дар охири дунё менамуд. Кӯли комсомол, ҳоло Ҷавонон ва варзишгоҳи имрӯза, ки қаблан номи Фрунзеро дошт, ҳамчунин шаҳракҳои Лучобу Калинин, чун нуқтаҳои алоҳида ба назар менамуданд. Ҳоло домони Душанбешаҳр бо биноҳои хуштарҳи истиқоматию маъмурӣ ва маишию фарҳангӣ вусъати тоза пайдо намудааст.

Бунёдкорию созандагиҳо дар Хатлону Суғд, Бадахшону Раштон ва Ҳисор аз Душанбе кам фарқ мекунанд. Акнун шаҳру навоҳии ин манотиқ низ ободтару зеботар гаштаанд. Биноҳои нави истиқоматӣ, иншооту корхонаҳое бунёд шудаанд ва мешаванд, ки зиндагиии сокинонашонро дигаргун месозанд. Бунёди роҳҳо, пулҳо, нақбҳо ба ёдоварӣ эҳтиёҷ надоранд. Ҳамаи ин аз файзу саховати истиқлол аст.

БОЗОР СОБИР,
Шоири халқии Тоҷикистон

## АЗ ХУНИ СИЁВУШЕМ...

Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,
Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепӯшем.
Ҳамсоли "Авасто"-ем, ҳамоташи Зардуштем,
Мо оташи зардуштӣ нокушта намекуштем.

Ҳамтешаи Фарҳодем, андеша ҳамекардем,
Ҷуз решаи Оҳарман, мо теша намекардем.
Аз давраи Деваштич дар кӯзаи мо девест,
Ин деви адоват нест, ин деви ватанхоҳист.

Чун Золи Зар аз модар кам бача таваллуд шуд,
Ҳам рӯи сафедаш буд, ҳам мӯи сафедаш буд.
Мо ҳам, ки аз он зотем, мо ҳам, ки аз он бобо,
Ҳам мӯи сафед аз мост, ҳам рӯи сафед аз мо.

Дар қиблаи дил моро тоқе ҳама меҳроб аст,
Дар қиблаи дил моро меҳроб на, Сӯҳроб аст.
Дар бозӯи дил моро як панҷаи кӯтоҳ аст,
Бо панҷаи кӯтоҳаш аз Борбад аз ин даст.

Исмоили Сомонӣ девори Бухоро буд,
Мо ҳамватани ӯем, ӯ ҳамватани мо буд.
Мо ҳам кухи хороем, девори Бухороем,
Девори Бухороем мо ҳам, кухи хороем.

Як тоифа аз Лоҳур, як тоифа аз Тӯсем,
Ҳам вориси қомусем, ҳам вориси номусем.
Ҳамшаҳрии Фирдавсӣ, ҳамшаҳрии Иқболем,
Ҳамшаҳри баномусем, ҳамшаҳри баиқболем.

Дар коҳи Аҷам кӯҳ аст, дар мӯри Аҷам мир аст,
Дар шеъри Аҷам шир аст, дар шеъри Аҷам шер аст,
Шере, ки дар анбӯҳи найзори қалам хоб аст,
Шери нари шеърашро душман натавонад баст.

МУҲАММАД ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

## НАКҲАТИ ВАТАН

Дар ҳама кунҷи ҷаҳон бӯи Ватан бар мо расид,
Дар замину осмон бӯи Ватан бар мо расид.
Сер аз бӯяш намегардад димоғе умрбод,
Ҳамчу бӯи гарми нон бӯи Ватан бар мо расид.

Мешавад пурнур чашм аз дидани рӯи Ватан,
Чашмаи камоб тобад рӯд дар ҷӯи Ватан.
Бар ғарибафтода ҷон бахшад фақат бӯи Ватан,
Хешро бинад хаёлан ӯ ба ҳар кӯи Ватан.

Мо ба ҳусни кишвари зебои худ мафтун шавем,
Бахри ҳифзи рӯйсурхиҳои худ дилхун шавем.
Дар лаҳад гӯянд агар: душман ба хокат по ниҳод,
Мурдаи садсола бошем, аз кафан берун шавем.

НИЗОМ ҚОСИМ,
Шоири халқии Тоҷикистон

## ТОҶАТ БА САР, ЭЙ ТОҶИ САР!

Бар коми дил ҷорӣ бувад ҳар ҷӯи ту чун ҷӯи шир,
Дар умр чун дасти падар моро ту ҳастӣ дастгир,
Бахри тавоно рӯҳи мо кӯҳи ту бошад муттако,
Моро ба сӯи ҷовидон роҳи ту бошад раҳнамо.

Яктои мо - Модар-Ватан,
Дунёи мо - Модар-Ватан,
Дирӯзи мо, имрӯзи мо,
Фардои мо - Модар-Ватан!

Моро чу Хатлони ту ҳаст андар ҷаҳон оғӯши боз,
Ҳастем дар оғӯши ту ҳамчун Бадахшон сарфароз,
Бошад Ҳисори Шодмон рамзи сахои хоки мо,
Суғдат - дили бебоки мо, Рашти ту - яшти поки мо.

Яктои мо - Модар-Ватан,
Дунёи мо - Модар-Ватан,
Дирӯзи мо, имрӯзи мо,
Фардои мо - Модар-Ватан!

Ҷорист то дарёи ту, дилҳои мо дарё бувад,
Чун кӯҳсорат то абад уммеди мо барҷо бувад,
Зӯрат фузун, эй зӯри дил, нурат фузун, нури басар,
Тоҷат ба сар то ҷовидон, эй тоҷиконро тоҷи сар!

Яктои мо - Модар-Ватан,
Дунёи мо - Модар-Ватан,
Дирӯзи мо, имрӯзи мо,
Фардои мо - Модар-Ватан!

ҲАДИСА,
Шоири халқии Тоҷикистон

## ПАРЧАМИ ВАТАН

Эй ҷилвагар чу субҳ,
Эй нури офтоб.
Пар каш дар осмон,
Чун пурғурур уқоб.

Ту нури Ховарӣ,
Сар бар фазо барӣ.

Аз ранги сурхи ту,
Гулранг ин чаман.
Бодо чу лолазор,
Ин дашту ин даман.

Эй парчами Ватан,
Шодона ҷилва зан.

Ранги сафеди ту,
Субҳи сафои мо.
Пар зан дар осмон,
Эй бобоқаи мо.

Ту рамзи кишварӣ,
Чун тоҷ бар сарӣ.

Он ранги сабзи ту,
Сарсабзии макон.
Шаъну шукуҳи мулк,
Ин мулки тоҷикон.

Эй парчами Ватан,
Шодона ҷилва зан.

# ҲАҶ-2015: САФАРИ БЕШ АЗ 6 ҲАЗОР ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ АДОИ ФАРИЗАИ ҲАҶ







## ОМОДАГӢ БАРОИ ИСТИҚБОЛИ ҲОҶИЁН

***Аъзои ситоди "Ҳаҷ-2015" бо роҳбарии муовини Раиси Кумита Азизулло Мирзозода ҷиҳати истиқболи сазовори ҳоҷиёни Тоҷикистон, омодасозии меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои тиббӣ, мошинҳои ёрии таъҷилӣ ва ошхонаҳо рӯзи 26-уми августи соли 2015 ба кишвари Арабистони Саудӣ сафар намуд.***

Гурӯҳи корӣ дар баробари омодагии ҳамаҷониба ҷиҳати муҳайё намудани тамоми шароити зарурӣ барои будубоши сазовори шаҳрвандони Тоҷикистон дар мавсими ҳаҷ, инчунин дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори кишвари Арабистони Саудӣ, аз қабили Вазорати ҳаҷ ва майдони ҳавоӣ барои истиқболи ҳоҷиёни тоҷик шароити арзандаро фароҳам сохтаанд.

Шароити меҳмонхонаҳо барои истиқомати ҳоҷиён дар сатҳи олӣ буда, дар меҳмонхонаҳои шаҳри Мадина ҳамаи лавозимоти зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд. Меҳмонхонаҳо дар наздикии Масҷиди набавӣ қарор дошта, омаду рафти ҳоҷиёнро хеле осон менамояд. Ошхонаҳо бошанд, васеъу барҳаво буда, дар як вақт шумораи зиёди ҳоҷиён метавонанд, аз он истифода намоянд. Ошхона бо ошпазҳои ватанӣ таъмин карда шуда, онҳо барои ҳоҷиён таомҳои миллии тоҷикӣ омода менамоянд.

Гурӯҳи корӣ барои тамоси пайваста бо ҳамдигар ва сари вақт анҷом додани супоришот бо телефонҳои кооперативӣ таъмин карда шудаанд.

Ҷои зикр аст, ки имсол дар шаҳри Мадинаи мунаввараи Арабистони Саудӣ фурудгоҳи нави замонавӣ ифтитоҳ ёфта, шурӯъ аз масими Ҳаҷ-2015 ҳоҷиёнро аз тамоми аксои олам қабул намуд.

## ИШТИРОКИ РАИСИ КУМИТА СУЛАЙМОН ДАВЛАТЗОДА ДАР МАРОСИМИ ГУСЕЛИ ҲОҶИЁНИ ТОҶИК

***Аввалин гурӯҳи ҳоҷиёни тоҷик рӯзи 29-уми августи соли 2015 аз самти Душанбе ба Мадинаи мунаввара сафар намуданд ва ин гурӯҳи ҳоҷиёнро ширкати ватании "Сомон-эйр" интиқол намуд.***

Дар расми гусели аввалин гурӯҳи зоирон Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода ва Раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодирзода иштирок намуда, ҳоҷиёнро ба муносибати адои манносики ҳаҷ муборакбод гуфтанд.

Аз ҷумла, Раиси Кумита Сулаймон Давлатзода иброз дошт, ки маҳз бо шарофати пойдории сулҳу субот дар ҷомеаи кишвар ва дастгириҳои пайвастаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз шаҳрвандони Тоҷикистон дар радифи соири мусулмонони дунё рукни панҷуми исломро бемамониат адо менамоянд ва эшон бояд дар мавсими ҳаҷи имсола бо рафтору одоби накӯ ва таҳаммулпазирии хосси тоҷикона Тоҷикистонро миёни дигар кишварҳои мусулмонӣ муаррифӣ намоянд.

Раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодирзода дар хусуси бархе аз фароизи маносики ҳаҷ сухан гуфта, аз зоирон даъват намуд, то дар сарзамини ваҳй дар ҳаққи худ, ҷомеа ва Ватан дуогӯ бошанд.

## ИСТИҚБОЛИ ҲОҶИЁН ДАР ФУРУДГОҲИ МАДИНАИ МУНАВВАРА

***Аввалин гурӯҳи ҳоҷиёни Тоҷикистонро субҳи 29-уми август дар фурудгоҳи шаҳри Мадина сардори ситоди "Ҳаҷ-2015" - муовини Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизулло Мирзозода ва аъзои гурӯҳи корӣ истиқбол намуданд.***

Ҳоҷиёни тоҷик дар Мадинаи мунаввара дар меҳмонхонаҳои муҷаҳҳаз дар масофаи аз 100 то 150 метр -аз ҳарами набавӣ иқомат менамоянд.

Худи ҳамон рӯз, 29-уми август якумин гурӯҳи ҳоҷиёни тоҷик намози зуҳрро дар Масҷиди набавӣ адо намуданд.

## ҶАМЪОМАД БО ҲОҶИЁН ДАР РӮЗИ ИДИ МЕҲАН

***9-уми сентябри соли 2015 дар рӯзи таҷлил аз 24-умин солгарди ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори ситоди Ҳаҷ-2015 - муовини Раиси Кумита Азизулло Мирзозода дар Маккаи мукаррама бо ҳоҷиёни тоҷик ҷамъомад баргузор намуд.***

Дар ин чорабинӣ нахуст, Азизулло Мирзозода аз дастовардҳои сиёсӣ ва фарҳангиву иҷтимоии Истиқлолияти кишвар сухан гуфта, таъкид дошт, ки маҳз бо шарофати соҳибихтиёрии меҳани азизамон дар зарфи 24 сол шумораи ҳоҷиёни тоҷик ба беш аз 200 ҳазор нафар расид. Дар ҳоле, ки дар 70 соли мавҷудияти давлати Шӯравӣ шумораи ҳаҷравандагон аз кишвари мо ангуштшумор буд.

Ҳоҷиён низ, дар навбати худ бо шукргузорӣ аз фазои пурсуботи Ватан иброз намуданд, ки дар сарзамини муқаддас

ҳамеша барои равнақи кишвари маҳбуб дуо мекунанд.

### ИСТИҚБОЛИ ҲОҶИЁНИ ТОҶИК БО ГУЛПОШИВУ НАЪТХОНӢ

***Намояндагони Вазорати ҳаҷи кишвари Арабистони Саудӣ дар фурудгоҳи шаҳри Мадинаи мунаввара як гурӯҳи ҳоҷиёни Тоҷикистонро бо гулпошӣ ва наътхониҳо истиқбол намуданд.***

Ба иттилои намояндагони Вазорати ҳаҷи Саудӣ чунин иқдом ҳамасола дар шакли озмун, бо дарназардошти тартиби хуби меҳмонхонаҳо ва кори мунтазами ситодҳои ҳаҷ дар нисбати як давлат татбиқ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, як гурӯҳи махсуси корӣ аз Вазорати ҳаҷи Арабистони Саудӣ баъди боздид ва назорати шароити иқомати зоирони кишварҳои мусулмонӣ ва кори ситоди ҳаҷи ин кишварҳо Тоҷикистонро ғолиб дониста, ба истиқболи ҳоҷиёни кишвари мо баромадаанд.

Маврид ба зикр аст, ки имсол бо талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдор дар самти ташкили ҳаҷ - Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сукунат ва буду боши арзандаи ҳоҷиён дар мавсими ҳаҷ меҳмонхонаҳои бароҳат ва муҷаҳҳаз, ошхонаҳо, нуқтаҳои тиббӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамаи шароити лозима фароҳам шудааст.

### ҲОҶИЁНИ МО ДАР МАСҶИД-УЛ-ҲАРОМ

***Аксари зоирони Тоҷикистон пас аз адои маносики умра намозҳои худро дар Масҷиди Ҳаром ба ҷо меоранд. Гурӯҳи корӣ ва роҳбаладон бо роҳбарии Азизулло Мирзозода, сардори ситоди ҳаҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 13-уми сентябр ба мавзеи Мино сафар карда, бо роҳи рафту омад, шароити хаймаҳо ва таъйину тақсимоти макони сукунати зоирон ошно гардиданд.***

Зоирони тоҷик инчунин дар он рӯзҳо дар вақтҳои муносиб ҷойҳои таърихии Маккаи мукаррамаро низ тамошо намуданд. Яке аз зоирони Тоҷикистон домулло Абдураҳими Понғозӣ зимни суҳбат бо намояндаи Маркази матбуотии Кумита иброз дошт, ки ӯ дар Ҳарам ва ҷойҳои иҷобати дуо ҳамеша амният ва сулҳу осоиштагии Тоҷикистонро аз даргоҳи Худованд таманно менамояд.

-Мо бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ба чунин рӯзҳои нек расидем ва шукри Худо, ки имрӯзҳо ҳазорҳо сокинони ҷумҳурӣ маносики Ҳаҷро ба ҷо меоранд ва ба гирифтани номи пуршарафи ҳоҷигӣ мушарраф мегарданд. Мо ҳамагон бояд аз он шукргузор бошем, ки Сарвари муаззами давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шароитҳои хубро бароямон муҳайё намудааст. Мавсуф аз воқеаҳои охире, ки дар Тоҷикистон рух дод, ёдовар шуда гуфт, ки ҳар як сокини Тоҷикистон вазифадор аст, ки амнияти кишварро чун гавҳараки чашм ҳифз намояд ва нагузорад, ки ба он халале афтад. Зеро шоир фармудааст:

> **ЗОИРОНИ ТОҶИК ИНЧУНИН ДАР ОН РӮЗҲО ДАР ВАҚТҲОИ МУНОСИБ ҶОЙҲОИ ТАЪРИХИИ МАККАИ МУКАРРАМАРО НИЗ ТАМОШО НАМУДАНД. ЯКЕ АЗ ЗОИРОНИ ТОҶИКИСТОН ДОМУЛЛО АБДУРАҲИМИ ПОНҒОЗӢ ЗИМНИ СУҲБАТ БО НАМОЯНДАИ МАРКАЗИ МАТБУОТИИ КУМИТА ИБРОЗ ДОШТ, КИ Ӯ ДАР ҲАРАМ ВА ҶОЙҲОИ ИҶОБАТИ ДУО ҲАМЕША АМНИЯТ ВА СУЛҲУ ОСОИШТАГИИ ТОҶИКИСТОНРО АЗ ДАРГОҲИ ХУДОВАНД ТАМАННО МЕНАМОЯД.**

*Ҳар ки бар душмании халқ*
*равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу*
*гирдоб хурад.*

Мискин Намакинов зоири хонаи Худо аз ноҳияи Рӯшон, ки бо квотаи президентӣ ба ин ҷо омадааст, гуфт, ки ман аз чунин ғамхории Сарвари давлат хеле миннатдорам ва ба орзуи хеш расидам. Ҳамчунин, ташаккури худро ба роҳбарияти Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён месозам, ки барои мо чунин шароити хеле ҳам мусоидро муҳайё намуданд. Мо дар меҳмонхонаҳои беҳтарин зиндагӣ мекунем ва бо хурокҳои гарм таъминем. Ба мо роҳбаладон ва табибони пуртаҷриба хизмат мерасонанд.

Ҷои зикр аст, ки охирин гурӯҳи зоирони Тоҷикистон, 14-уми сентябр аз самти Душанбе ба Ҷидда сафар намуданд.

### ТАБИБОН ДАР ХИДМАТИ ЗОИРОН

***Дар мавсими имсолаи ҳаҷ ҳудуди 20 нафар табиби пуртаҷриба ба зоирони Тоҷикистон хизматрасонӣ пешниҳод намуданд. Раҷабалӣ Холиқов, яке аз табибон мегӯяд, вазъи сиҳатии ҳоҷиёни Тоҷикистон дар се нуқтаи тиббии меҳмонхонаҳо дар зери назорати духтурон қарор дорад.***

"Шукри Худо, саломатии ҳамаи ҳоҷиён хуб аст. Нуқтаҳои тиббӣ бо тамоми маводи доруворӣ таъминанд ва духтурон ба таври шабонарӯзӣ навбатдорӣ мекунанд".

Табибон дар байни зоирон ҳамарӯза корҳои ташвиқотӣ мебаранд, то ки онҳо аз бемориҳои илтиҳоби шадиди роҳи нафас ва рӯдаю меъда, чораҳати пойҳо ва ғайра эмин бошанд.

Маврид ба зикр аст, ки имсол нуқтаҳои тиббии меҳмонхонаҳо бо дастгоҳи олмонии ташхиси бемориҳо муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

### МОДАРОНИ ТОҶИК БО ЛИБОСҲОИ МИЛЛӢ ДАР ХОНАИ ХУДО

***Модарону хоҳарони тоҷик бо ҳамон либосҳои миллии анъанавӣ ва тоҷикона ба зиёрати хонаи Худо сафар намуданд, ки хеле шинаму зебост.***

Гавҳарбӣ Пиракова сокини ноҳияи Восеъ, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, ки аз тариқи квотаи президентӣ ба сафари ҳаҷ шарафёб гардидааст, зимни суҳбат гуфт, ки бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба орзуи хеш-зиёрати хонаи Худо расидам.

-Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккур мегӯям, ки хизматҳои маро қадр карданд. Мо аз он хурсандем, ки бо ҳамон либосҳои миллии анъанавӣ маносики Ҳаҷро ба ҷо меорем.

Ҳамчунин, Санавбар Ғафурова сокини шаҳри Истаравшан ва Чеҳрахон Пардаева сокини ноҳияи Ашт, иброз доштанд, ки либосҳои сиёҳ ба оини либоспӯшии миллии мо бегона аст. Одатан онро дар баъзе ноҳияҳо ҳангоми азодорӣ мепӯшанд.








**41. Калимаи "бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим" чанд маротиба дар Қуръон зикр шудааст?**
41. 114 маротиба.
**42. Сурае, ки бидуни "бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим" оғоз меёбад, кадом аст?**
42. Сураи "Тавба".
**43. Чаро сураи "Тавба" бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим надорад?**
43. Аз ҳазрати Усмон ривоят шудааст, ки фармуд: "Сураи "Анфол" аз авоили сураҳои нозилшуда дар Мадина аст ва сураи "Бароат" аз охирин сураҳои нозилшуда дар Мадина аст ва аз он ҷо ки достони "Бароат" монанди достони "Анфол" буд, ман чунин пиндоштам, ки "Бароат" ҷузъи "Анфол" аст, аз тарафе Расули Худо (с) реҳлат карданд, дар ҳоле ки барои мо баён накарда буданд, ки "Бароат" ҷузъи "Анфол" аст ё на. Ба ҳамин ҷиҳат ман ин ду сураро ба ҳам пайваста сохта ва миёни онҳо (ояти фосиладиҳандаи) бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳимро нанавиштам".
Бояд донист, ки саҳобагон баъд аз амирулмуъминин Усмон низ ба вай иқтидо карда ва дар оғози он (бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим)-ро нанавиштанд.
Абдуллоҳ ибни Аббос мегӯяд: "Аз Алӣ пурсидам, ки чаро дар оғози сураи "Бароат" (бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим) навишта нашудааст?". Фармуд: "Зеро (бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим) амон аст ва "Бароат" ҳукми шамшер ва лағв кардани паймонҳоро фуруд овард. Аз ин сабаб, дар он амоне нест". Аз ин рӯ, "Бароат" ва "Азоб" аз номҳои машҳури ин сура аст... Валлоҳу аълам.
**44. Кадом сураи Қуръон ду "бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим" дорад?**
44. Сураи "Намл". Дар ин сура "бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим" як маротиба қабл аз оғози сура ва маротибаи дуюм дар ояти 30-юм зикр шудааст.
**45. Сурае, ки ҳамаи оёти он бо ҳарфи "син" хатм мешаванд, кадом аст?**
45. Сураи "Нос".
**46. Сурае, ки ҳамаи оёти он бо ҳарфи "дол" хатм мешаванд, кадом аст?**
46. Сураи "Ихлос".
**47. Сураҳое, ки ҳамаи оёти он бо ҳарфи "ро" хатм мешаванд, кадомҳоянд?**
47. Сураҳои "Қадр", "Аср" ва "Кавсар".
**48. Сурае, ки ҳамаи оёти он бо ҳарфи "лом" хатм мешаванд, кадом аст?**
48. Сураи "Фил".
**49. Сурае, ки ҳамаи оёти он бо ҳарфи "ё" хатм мешаванд, кадом аст?**
49. Сураи "Лайл".
**50. Сурае аз Қуръонро ном баред, ки дар он ҳарфи "ро" нест?**
50. Сураи "Ихлос".
**51. Кадом сураи Қуръон ба ғайр аз "Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим" ҳарфи мим надорад?**
51. Сураи "Кавсар".
**52. Дар кадом сураи Қуръон фақат як касра омадааст?**
52. Дар сураи "Ихлос".
**53. Шаҳрҳое, ки дар Қуръон омадааст, номбар кунед?**
53. Миср, Бобул, Макка, Мадина, Мадоин, Маъраб, Қадас, Сино.
**54. Баъзе ададҳое, ки дар Қуръон омадааст, номбар кунед?**
54. 1, 3, 4, 7, 11, 12, 18, 19, 100, 200, 1000, 2000, 50000.
**55. Дарахтоне, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
55. Сидр, нахл.
**56. Меваҳое, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
56. Анор, анҷир, ангур, зайтун, хурмо, банан, каду.
**57. Қабилаҳое, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
57. Қурайш, Од, Самуд.
**58. Ҳайвоноте, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
58. Шутур, фил, гов, гусфанд, асп, хачир, хар, гург, саг, маймун, хук.
**59. Номи ҳашароте, ки дар Қуръон аз онҳо ёд шудааст, кадомҳоянд?**
59. Занбӯри асал, мӯрча, пашша, анкабут, магас, малах, шапуш, кайк, қурбоққа, зоғ, моҳӣ, мор, аждаҳо.
**60. Номи калонтарин ва кӯчактарин ҷондоре, ки дар Қуръон зикр шудааст, кадом аст?**
60. Фил ва пашша.
**61. Номи паррандаҳое, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
61. Шонаҳ, баср (ҳуд-ҳуд), калоғ, шоҳин, абобил.
**62. Ҳубубот (донагӣ)-ҳое, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
62. Адас, гандум.
**63. Маъдан ва фулузоте, ки дар Қуръон омадаанд, кадомҳоянд?**
63. Тилло, нуқра, оҳан, фӯлод.
**64. Чанд васила, ки дар Қуръон аз онҳо ёд шудааст, кадомҳоянд?**
64. Паймона, тарозу, чароғ, шиша, ҳезум, корд, дараб, гилем.
**65. Ҷиҳатҳои ёдшуда дар Қуръон кадомҳоянд?**
65. Шарқ ва Ғарб.
**66. Рангҳоеро, ки дар Қуръон ёд шудаанд, номбар кунед?**
66. Сафед, сиёҳ, сабз.
**67. Номи рӯзҳои ҳафта, ки дар Қуръон ёд шудаанд, кадомҳоянд?**
67. Ҷумъа ва шанбе.
**68. Номи кадом вақтҳо дар Қуръон зикр шудаанд?**
68. Фаҷр ва аср.
**69. Аввалин сураи Қуръон кадом аст?**
69. Сураи "Фотиҳа".
**70. Ба кадом сура "Муқаддимаи Қуръон" гуфта мешавад?**
70. Ба сураи "Фотиҳа".
**71. Ба кадом сура "Умму-л-китоб" гуфта мешавад?**
71. Ба сураи "Фотиҳа".
**72. Ба кадом сура, "Сабъу-л-масонӣ" гуфта мешавад?**
72. Ба сураи "Фотиҳа".
**73. Нисфи Қуръон кадом сура аст?**
73. Сураи "Фотиҳа" ва "Залзала".

*Таҳияи Ҳикоятуллоҳи Рамазонӣ*

# ШАБ ДАР ВАТАН РӮЗ АСТ

## ЭҲДО БА ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



Давлат САФАР

Ба рағми чашмҳои бемурувват дар набарди умр,
Ба паҳнои сиёсат орамидан кори осон нест,
Шукуҳу шаъни Меҳан, вусъати сарсабзии даврон
Ба души хеш бигрифтан ба ҳар кас бори осон нест.
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Чӣ сон бар даст овардан дили роғунқимобонро?
Чӣ сон дар гуфтугӯ пайванд кардан фикри печонро?
Чӣ сон дар банди мушкил раҳ кушодан кори осонро?
Чӣ сон дар маҳзари номокӣ осоиши дандонро?
На ҳар кас мекунад ҳис,
На ба ҳар ақле бувад ташхис.
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Ба рӯи минбари таърих ҷавлон мекунад даъво,
Ки "ин" аст "он",
Ки "он" аст "ин",
Ки "ин" болову "он" поин!
Ба лаҳне нест оҳанги мурувватхоҳиву таҳсин,
Ҳама дар банди озоранду бозоранд,
Ҳама дар киштии бишкастаи тӯфони афкоранд.
Ба чашми бастаи мавридшиносӣ, эй сари боло,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Раҳи тақдирро тадбиргар яктост,
Касе, ки аз назар нек аст, побарҷост.
Ҳар он чи мешавад аз ғайр бар мо аз қиболи мост,
Зи каҷ каҷ мерасад, аз рост бешак рост.
Дар ин дору мадоро, эй камоли ҳастии маъво,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Тавоно нест он кас, гар набишносад тавоноӣ,
Муросо нест дар аслаш, агар бошад мадороӣ.
Ба қадри Меҳан он кас мерасад бошад чу таҳҷоӣ,
Ба Тоҷик аст расми худшиносӣ, расми бобоӣ.
Чӣ хуш гуфтиву аз ин роҳ бояд гуфт,
Ба гӯши кӯрақлон аз азоби ҷоҳ бояд гуфт,
Ватанбегонаро аз дарду сӯзу оҳ бояд гуфт,
Ҳама ин гуфтаро ҳар субҳу ҳар бегоҳ бояд гуфт,
Ба огоҳ аз хатои марди ноогоҳ бояд гуфт.
Ба ҳар фаслу ба ҳар васли сиёсат, эй ватаншайдо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Кӣ бар дасти ятимон медиҳад дасти муҳаббатро?
Кӣ бо бечорагон сад шукр гӯяд дарди қисматро?
Кӣ охир дарди худ гӯяд ҳама армони миллатро?
Кӣ дармон мешавад баҳри Ватан сад гуна иллатро?
Шарафро дар баҳои ҷону тан парчам намудан чист?
Ба рағми номуродиҳо
Сипар бо синаи пурмеҳр будан чист?
Дари уммедро бар душмани ҷонат кушудан чист?
Бувад болотар аз сад қаҳрамонӣ ин ҳама маъно,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Ба ноҳамвориҳо паймудани роҳи вафо аҳд аст,
Ки фатҳи қуллаи мақсуд аз ҷаҳд аст,
На ҳар дил аз фишори меҳр дар аҳди ватандорист,
На ҳар эҳсос дар ҷаҳди ватандорист.
Ватандории ту, ки тоҷи имон аст,
Ватандории ту, пайванд бо ҷон аст.
Раҳат ибратқарини роҳи дилҳо бод,
Зиҳӣ, эй офтоби олами иршод,
Ки дар чашми сиёсат, эй сиёсатпешаи ваҳйо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Рақиб аз номуродиҳои қавли хеш дилгир аст,
Камони дарку эҳсосаш, ки бе тир аст,
Раҳи паймудаи илмаш, ки бе пир аст,
Таҳаммулро пазиро кай тавонад кард?
Таҳаммул бошад охир дар парешонӣ камоли мард.
Ҳақиқатро чӣ сон афсона пиндорад?
Ки ин бошад заволи мард.

Дар ин худношиносӣ, эй дабири нусрати фардо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Касе, ки ҳамрагу ҳамхуни Меҳан шуд,
Ба дарки меҳр агар Қоруни Меҳан шуд,
Ба роҳи ишқ агар Маҷнуни Меҳан шуд,
Ватан дар хуни ӯ бошад,
Ватан сад олами ганҷинаи Қоруни ӯ бошад,
Ватан сад қалъа имон асту
Имон қалъаи Маҷнуни ӯ бошад.
Дар ин дорулқиёси маҳзари пайдову бепаҳно,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Ба лафзи бебақо ҳарфи Ватан омӯхтан ҳайф аст,
Нигаҳро бар висоли туршрӯён дӯхтан ҳайф аст.
Миёни анҷуман шамъе
Ба ёди ғофил аз ёди Ватан афрӯхтан ҳайф аст,
Ба ҳар оташ, ки қадри хас надорад сӯхтан ҳайф аст.
Сухан ҳайф аст бар он кас, ки аз худ рафтаву дигар
Надорад хотири қадри сухан дар сар.
Ватан ҳайф аст бар он кас, ки меҳри дил,
Ба ҳар "чуну чаро"-ҳо мекунад ботил.
Бувад ҳайфо ба ёд овардани номи касе, ки ранҷ нодида,
Даҳон во карда, "ман" гӯяд,
Сари минбар ба доми бесарӣ аз анҷуман гӯяд.
Ту эй ҷӯяндаи гумкардаҳои Меҳани пайдо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Касе, ки зам накарда хишт бар хиште
Ба ҳар ҷо мезанад лофи ватандорӣ,
Надорад дар дил инсофи ватандорӣ,
Касе, ки даст н-афшонду бихӯрд аз ҳосили киште,
Надорад раҳ ба аърофи Ватандорӣ.
Ватан ҳам дар шукуфтан оини айёми наврӯз аст,
Ватан дар шаб Ватан,
Шаб дар Ватан рӯз аст.
Ту эй ифшогари рози Ватан бар мо,
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!
Раҳи фархундагиву сарбаландӣ аст роҳи мо,
Раҳи уммеду мушкилнописандӣ аст роҳи мо,
Мақому манзалат андар баландӣ аст роҳи мо,
Заволу сарнагуни мустамандӣ аст, роҳи мо.
Ватан бо мову мо ҳам бо Ватан пайванд,
Ватан бо мову мо ҳам бо Ватан дилбанд.
Зиҳӣ, эй Сарвари воло,
Ки ин миллат тӯӣ, Меҳан тӯӣ, эй қалъаи номуси побарҷо!
Адолатпешаиву дар миёни дидаву дил ҷо!


9
СЕНТЯБР
ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУБОРАК БОД!